ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 342 (575.3)
ТКБ: 67. 400. 1 (2Т)
К - 57

Ба ҳуқуқи дастнавис

ҚОДИРЗОДА САИДАКБАР САНГИНМУРОД

# МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МИЁНАРАВИ ИТТИЛООТӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ СИВИЛИСТӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Ғаюрзода Ш.К.

Душанбе – 2026

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ........................3**
**МУҚАДДИМА……………….....................................................................4**
**БОБИ 1. МИЁНАРАВИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ**..........................................................................................................16
1.1. Мафҳуми иттилоот ва миёнарави иттилоотӣ..........................................16
1.2. Таносуби вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ва дигар миёнаравҳо дар муомилоти маданӣ...........................................................................................39
1.3. Намудҳои миёнарави иттилоотӣ.............................................................63
**БОБИ 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МИЁНАРАВИ ИТТИЛООТӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**......................................83
2.1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотӣ.......................83
2.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии миёнарави иттилоотӣ.......................99
**БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ МИЁНАРАВИ ИТТИЛООТӢ.......................................................................................121**
3.1. Моҳияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ...........................................................................................................123
**ХУЛОСА.....................................................................................................155**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....................................................................................................158**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)........................................................159**
**ИНТИШОРОТИ УНВОНҶУЙ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**..........................................................................**183**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

КМ ҶТ – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КГ ҶТ – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КММ – Кодекси мурофиавии маданӣ;

БМТ – Бонки миллии Тоҷикистон;

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ;

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

ИА – Иттиҳоди Аврупо;

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ҶШС – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ;

ҶШСФР – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Федеративии Россия;

ҶСП – Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида;

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд;

ФР – Федератсияи Россия;

ОМ – Осиёи Марказӣ;

б. – банди;

м. – модда;

қ. – қисми модда.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тағйиротҳои босуръати ҷаҳони муосир, ки зери таъсири иттилооти рақамӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ сурат гирифта истодааст, муносибати инсонро ба иттилоот ба таври куллӣ дигаргун намудааст. Иттилоот на танҳо объекти муҳими рақобати иқтисодӣ, балки унсури муҳимми қобилияти ҳуқуқдорӣ, амалкунӣ ва волоияти ҳуқуқи инсон гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон  дар баромади хеш дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик холисона чунин ибрози назар намуданд: «Асри бисту якро асри иттилоот ном мебаранд. Имрӯз дастрасӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ ба яке аз ҷузъҳои ҷудоинопазири ҳаёти башар табдил ёфтааст» [184].

Ҳамзамон дастраси ба он, истифодаи озоди иттилооти маҳфузшуда ва таъмини тавозуни байни ҳуқуқи иттилоот ва таъми дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ аҳаммияти махсус пайдо карда, дар равобит бо ин нақши миёнарави иттилоотӣ муҳим арзёбӣ шудааст. Дар робита ба ин «м. 30 Конститутсияи ҶТ ошкоро муқаррар мекунад, ки ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст. Номгӯйи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад» [93, с. 212]. Яъне дар муомилоти иттилоотӣ иштирокдорони он на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадориҳои субъективӣ низ доранд, ки  ҳадду ҳудуди озодиҳои иттилоотии инсонро муайян мекунанд.

Албатта миёнарави иттилоотӣ субъектест, ки дар амалиёти иттилоотӣ вазифаи муҳимро иҷро мекунад, аз ҷумла фиристодани итттилоотро аз манбаи аввалия ба қабулкунанда, маҳфуз, интиқол ва дар доираи салоҳдиди хеш ҷамъоварӣ менамояд. Бо суръат пайдо кардани иқтисоди  рақамӣ, шумораи бештари захираҳои иттилоотӣ ба шакли рақамӣ даровarда мешаванд, то ки онҳо тавассути интернет нигоҳдорӣ, интиқол ва барои

доираи ҳар чи бештари истифодабарандагон дастрас гарданд.

Маҳз ҳамин нақши мураккаб ва бисёрсамтаи миёнарави иттилоотӣ онҳоро ба субъекти мустақили ҳуқуқӣ табдил медиҳад, ки фаъолияташ бояд тибқи муқаррароти қонунгузорӣ танзим карда шавад. Аммо, дар шароити кунунии ҶТ, масъалаи муайян кардани вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ то ҳанӯз ба таври кофӣ дар сатҳи илмӣ таҳқиқ нашудааст ва дар қонунгузорӣ пурра танзим нагардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар қонунгузории амалкунандаи кишвар мафҳуми миёнарави иттилоотӣ ва вазъи ҳуқуқии ӯ ба таври возеҳ инъикос наёфтааст.

Дар ҷумҳурӣ ҳоло 6 оператори алоқаи мобилӣ: ҶСК «Индиго-Тоҷикистон», ҶСК «ТТ мобайл», ҶСК «Вавилон мобайл», ҶДММ «Таком», ҶДММ «Тоҷикмобайл» ва ҶСК «О мобайл», фаъолият доранд. Сухан дар бораи соҳибкорон, шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ меравад, ки дорандаи шабакаи алоқаи барқӣ мебошанд.

Дар ҷумҳурӣ, инчунин 10 интернет-провайдерон: ҶСК «Телеком Технолоджи», ҶДММ «Интерком», ҶДММ «Нетс Солюшенс», ҶДММ «Истера», ҶДММ «Исател», ҶДММ «Вавилон Т», ҶДММ «Санет», ҶДММ «Ошно Групп», ҶДММ «Пешрави Аср» ва ҶДММ «Ориён-Техника» фаъолият доранд, ки ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ ба истифодабарандагони алоқаи барқӣ (истеъмолкунандагон) тавассути шабакаи алоқаи барқии оператор, хизмати интернетӣ мерасонанд» [202].

Дар панҷ соли охир  дархостҳои иттилоотии интернетӣ аз 3 ГБ то 30 ГБ зиёд шудааст, ки истифодаи истгоҳҳои захиравии алоқаи барқиро шиддатнок мегардонад.  Суръати хизматрасониҳои қайдшудаи интернетӣ дар соли 2025 аз 30 Мбит/с ба зиёда аз 40 Мбит/с зиёд гардида, дар назар аст, ки дар ду соли минбаъда суръати интернети ноқилӣ то 100 Мбит/с зиёд карда мешавад.

Дар соли 2025 ба соҳаи алоқаи барқӣ аз ҳисоби буҷети давлат 856, 7 млн. сомонӣ ҷудо карда шуд. Дастгирии давлатӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба даромаднокии фаъолияти интернет-провайдерҳо  замина гузошт. Дар соли

2025 даромаднокии онҳо 16 дар сад зиёд шуда, даромади умумии ширкатҳои мазкур дар соли гузашта 5,05 млрд. сомонӣ буда, пардохтҳои гуногун ба буҷети давлат 254 дар сад зиёд гардиданд. Даромади умумии ин ширкатҳо дар соли 2024 зиёда аз 4, 3 млрд. сомонӣ буд.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар қ. 2 м. 136 КМ ҶТ иттилооти ҳифзшаванда ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ эътироф шудааст. Мувофиқи м. 163 ҳамин кодекс ҳамаи иттилоотҳо дар ҳолатҳое, ки қонунгузории кишвар пешбинӣ кардааст, метавонанд ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ бошанд. Иттилоот дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ва дигар тартиби муқаррарнамудаи он маҳфуз карда мешавад. Масъалаҳои зикршуда ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ алоқамандӣ дошта, баъди қабул ва мавриди амал қарор гирифтани КМ ҶТ таҳқиқ шудаанд.

Илова бар ин, м. 1251 КМ ҶТ хусусиятҳои масъулият барои риоя накардани ҳуқуқҳо ба «моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсиониро муайян кардааст, ки ба таҳқиқоти илмию амалӣ ниёз доранд» [7]. Мавзуи хизматрасониҳои миёнаравони иттилоотӣ маҳз иттилооти рақамӣ мебошад. Иттилооте, ки тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ миёнарав дар асоси ташаббус ё дар асоси дархости шахси манфиатдор мефиристад, қабул мекунад, нигоҳ медорад ва ҷиҳати мусоидат барои иштирок дар бозори итттилоотӣ хизмат мекунад.

Дар баробари ин, набудани асосҳои ҳуқуқии возеҳ ва кам будани таҳқиқоти илмии вобаста ба мавзуи мазкур, инчунин ҷанбаҳои марбут ба ин масъала боиси мушкилиҳои ҷиддӣ дар амал мегардад. Аз ҷумла, дар ҳалли баҳсҳое, ки миёни миёнаравони иттилоотӣ ва истифодабарандагони хизматрасониҳои интернетӣ ба миён меоянд. Хусусан, масъалаҳои марбут ба муносибати миёнаравони иттилоотӣ бо шахсоне, ки ҳуқуқи моликияти зеҳниро дар шабакаҳои иттилоотию телекомуникатсионӣ соҳибанд, аз ҷумлаи масъалаҳои ҳассос ва баҳснок ба ҳисоб меравӣанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории ҶТ дар шакли эҷоди диссертатсияи илмӣ таҳлил нашудааст. Мушкилоти вазъи ҳуқуқии миёнаравӣ иттилоотӣ имрӯз дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ амалан инъикос нашудаанд ва вобаста ба афзоиши намудҳои фаъолияти он мушкилот зиёдтар мегардад.

Оид ба паҳлуҳои гуногун ва асосии вазъи ҳуқуқии миёнаравӣ иттилоотӣ олимон Н.А. Непомняшая [176] ва Р.Т. Нуруллаев [177] диссертатсияҳои илмӣ таҳия ва дифоъ намудаанд, ки сатҳи баланди назариявӣ доранд, вале дар асоси қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунии ФР анҷом дода шудаанд.

Дар ҶТ то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашуда, аксарияти ҷанбаҳои ҳуқуқи маданӣ масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнаравӣ иттилоотӣ тибқи қонунгузории ҶТ, ки танзими махсусро талаб менамоянд, ҳанӯз коркард нашудаанд. Диссертатсияи мазкур барои бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи фасли сездаҳум: «Танзими ҳуқуқи мадании миёнаравӣ иттиллотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Нақши ҳуқуқи маданӣ дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти дисесертатсионӣ ин омӯзиши ҳамаҷониба, таҳлили назария ва қонунгузорӣ дар самти вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои ин рисола вазифаҳои зерин гузошта шудааст;

– таҳлили мафҳум ва аломатҳои хосси миёнаравӣ иттилоотӣ;

– таҳқиқи таносуби вазъи ҳуқуқии миёнаравӣ иттилоотӣ ва дигар миёнаравҳо дар муомилоти маданӣ;

– таҳлили намудҳои миёнаравони иттилоотӣ;

– таҳлили қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотӣ;

– таҳлили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии миёнарави иттилоотӣ;

– омӯзиши хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ;

– таҳлил ва пешниҳодҳои ҳамаҷонибаи назариявӣ ва тавсияҳои ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, ки тибқи қонунгузории ҶТ ба вуҷуд меоянд ва фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқи ин муносибатҳо мебошанд, ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** зикршуда меъёрҳои қонунгузории ҶТ оид ба танзими ҳуқуқи мадании масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ин соҳа, инчунин доктринаи илмӣ-назариявӣ вобаста ба ин мавзуъ мебошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқоти** мазкур нақшавӣ ва мақсаднок буда, макони иҷрои вазифаҳои зикршуда кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад. Давраи таҳқиқот солҳои 2022 то 2026-ро дар бар гирифта, аз ду марҳилаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иборат мебошад.

Дар марҳилаи аввал солҳои 2022-2024 омӯзиши масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, муайян намудани асосҳои методологии таҳқиқот ва банақшагирии он гузаронида шуд. Мавзуъ, вазифаҳо, объект, мутобиқати мавзуи интихобнамуда ва мундариҷаи он ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муайян гардид. Манбаъҳои илмию иттилоотии истифодашаванда ба низом дароварда шуд, инчунин робитаи таҳқиқот бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ анҷом дода шуд. Номи мавзуи интихобшуда, мундариҷаи он ва асосноккунии доктриналии он муаррифӣ гардид. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот кушода шуд. Дар натиҷаи омӯзиши дараҷаи

таҳқиқотии он, зарурияти тасдиқ ва ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ асоснок карда шуд. Дар натиҷаи корҳои анҷомёфта, мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултет тасдиқ шуд ва ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ворид карда шуд.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мақолаҳои илмӣ интишор гардид. Диссертатсия ба муҳокимаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пешниҳод карда шуд.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2025-2026) маълумотнома оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда таҳия шуда, ба кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ диссертатсия дар таҳрири нав пешниҳод карда шуд. Таҳлил, ҷамъбаст, ба низом даровардан ва шарҳу тавзеҳи натиҷаҳои ҳосилшуда анҷом дода шуд. Хулосаҳо аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот мураттаб гардида, сохтору муҳтавои таҳқиқот ба тартиб ва маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба расмият дароварда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмӣ-таҳқиқотие ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории ҶТ бахшида шудаанд.  Аз ҷумла, корҳои илмии олимони ватанӣ – А. Абдуҷалилов, У. А. Азиззода, И. Ҳ. Бобоҷонзода, Ш.К. Ғаюрзода, И. Ғаффорзода, Н. Ш. Қурбонализода, Ш.М. Исмоилов, М.А. Маҳмудзода, Ҷ.С. Муртазозода, П. З. Мирзозода, У. А. Меликов, Э.С. Насриддинзода, В. А. Ойгензихт, М.З. Раҳимзода, Д. Ш. Сангинзода, Б. О. Самадзода, Ф.С. Сулаймонов, Ф.Т. Тоҳиров, Ш. Тағойназаров, О.У. Усмонов, А.Ғ. Холиқзода, Ҳ. Н. Ҳиматов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон фарогири масъалаҳои зикргардида мебошанд.

Ҳангоми таҳқиқот асарҳои олимони Россия ба монанди: С. С. Алексеев, Н. Г. Александров, С. Н. Братус, И. А. Бачило, А. В. Венедиктов, В. П. Грибанов, О. С. Иоффе, О. А. Красавчиков, В. С. Нерсесянс, Е. А. Суханов, Ю. К. Толстой, Л. К. Терещенко, О. И. Тиунов, Г. Ф. Шершеневич ва дигарон, ки оид ба баъзе

паҳлуҳои назариявӣ ва амалии мавзуи диссертатсия таҳқиқот анҷом додаанд, таҳлил гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули оморӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, усулҳои мантиқии мушоҳида, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзуи таҳқиқот ва ба даст овардани дигар натиҷаи устувори илмӣ мусоидат намуд.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқоти мазкур амалияи судӣ, таҳлили ҳуқуқтатбиққунӣ, маълумоти ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва маълумотҳои оморӣ ба ҳисоб меравconfigured. Илова бар он, маводҳои бойгонии баъзе судҳои ҶТ, ФР ва таҷрибаи мақомотҳои давлатӣ дар ин соҳа истифода шудаанд.

**Навовариҳои илмии таҳқиқот** аз он далолат мекунад, ки он аввалин таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнаравҳои иттилоотӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ ба шумор меравад. Дар рисола тамоми ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии вазъи миёнарави иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ як қатор масъалаҳоро баррасӣ гардиданд, ки дар илми ҳуқуқи муосир нав ҳисобида мешаванд. Якум, мафҳуми иттилоот ва хусусиятҳои хоси миёнарави иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дуюм, вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар замони муосир мавриди омӯзиш қарор гирифт. Сеюм, хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ таҳлилҳои ҳамаҷониба шуд.

Натиҷаи илмии дар ҷараёни кор бадастовардашуда тасаввуроти назариявиро дар бораи ин соҳа васеъ намуда, имкон медиҳанд, ки масъалаҳои нави марбут ба  масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ баррасӣ карда шаванд. Мо чунин мешуморем, ки истифодаи назариявӣ ва амалии донишҳои гирифташуда барои таъмини фаъолияти қонунии

миёнарави иттилоотӣ дар ҶТ имкониятҳои асосии воситаи ҳуқуқи маданиро ошкор карда, саҳми муҳимми миёнарави иттилоотиро ифода менамояд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:** Нововарии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нуктаҳоии асосии илмии пешниҳодшуда барои ҳимоя маҳсуб меёбад, ки аз ҷумла:

**1.** Миёнарави иттилоотӣ – шахсест, ки мустақиман бо иттилоот ё маводҳо ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахсони дигар дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бавуҷудомада, фаъолият мекунад, инчунин хизматрасониҳои телекомуникатсионӣ мерасонанд, аз номи хеш амал мекунад ва фаъолияти худро дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом медиҳад. Дар ҶТ ин шахсон операторони алоқаи мобилӣ ва интернет-провайдерон буда, дар шакли ҷамъиятҳои хоҷагӣ фаъолият доранд.

2. Хизматрасонии миёнарави иттилоотӣ ҳамчун қоида музднок аст, аз маҷмуи амалҳои муайян иборат буда, ба мазмуни уҳдадориҳои миёнаравони иттилоотӣ мутобиқ мебошанд. Ба сифати мавзуи чунин хизматрасонӣ маҳз иттилооти рақамӣ баромад мекунад. Иттилооте, ки тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ миёнарав дар асоси ташаббус ё дар асоси дархости истифодабарандаи хизматрасонии алоқаи барқӣ мефиристад, қабул мекунад, нигоҳ медорад ва ҷиҳати мусоидат барои иштирок дар бозори итттилооти рақамӣ хизмат мекунад.

3. Ҳуқуқвайронкунии миёнарави иттилоотӣ кирдори (амал ё беамалии) ғайриқонунии ӯ, шахсони мансабдори ӯ, инчунин мансабдорони масъули Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ эътироф мешавад, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани шартҳои иҷозатнома, меъёрҳои қонунгузорӣ ва талаботҳои шартнома оварда расонидаанд. Аз ҷониби миёнарави иттилоотӣ, шахсони мансабдори онҳо ва шахсони ваколатдор ва масъули Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ содир шудани ҳуқуқвайронкунии соҳавӣ боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории ҶТ мегардад.

4. Аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагӣ миёнаравони иттилоотӣ бояд, ки қобилияти ҳуқуқдории умумӣ дошта бошанд, аммо мазмуни ин қобилият бо гирифтани иҷозатномаи алоқаи барқӣ мушаххас гардонида шудааст. Онҳо наметавонанд дар ин соҳа ба ҳама намуди хизматрасонӣ машғул шаванд. Яъне қобилияти ҳуқуқдории миёнарави иттилоотӣ на аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он, балки аз рӯйи шумораи иҷозатномаи ӯ муайян карда мешавад (ultra vires).

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки донишҳои бавуҷудомада имкон медиҳанд, ки як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалиии масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории ҶТ пайдошуда ҳалли худро пайдо кунанд. Аз ҷониби мо ақидаҳои нав ва тавсияҳои татбиқшаванда дар шароити Тоҷикистон таҳия гардидааст, ки ҳастии воқеӣ доранд ва онҳо метавонанд ба инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи танзими ҳуқуқи масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ мусоидат намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳақиқӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани таҳқиқот, дарки таърихи пайдоиш ва инкишофи қонунгузории танзими фаъолияти миёнарави иттилоотӣ дар ҶТ, усул ва вазифаҳои танзими ҳуқуқии он, инъикоси воқеии масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории ҶТ, таҳлили захираҳои илмию амалии соҳавӣ, амалисозии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқараршуда, ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Интихоби мавзуъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии бавуҷудомада пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот.** Довталаб ба масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории ҶТ мустақилона ибрози назар намуда, консепсияи худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳати назариявии ин консепсия дар он аст, ки довталаб аз соли 2022 ба таҳқиқи мавзуи зикршуда машғул буда, асарҳои зиёди муаллифони ватанӣ ва хориҷиро таҳлил намуда, ҷиҳатҳои норавшани масъалаҳои ҷойдоштаро, вобаста ба мушкилоти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ошкор намудааст. Пешниҳодҳои ӯ сатҳи баланди донишафзунӣ дошта, дар такмили вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории ҶТ татбиқшаванда мебошанд. Ҷиҳатҳои амалии консепсияи довталаб дар он аст, ки ӯро ҷомеаи ҳуқуқшиносон ва дигар муҳаққиқон ҳамчун устоди ДМТ ва муаллифи теъдоди зиёди асарҳои илмӣ оид ба масъалаҳои зикршуда мешиносанд. Вай таърихи масъалаҳои таҳқиқшударо медонад, онро пурра омӯхтааст, дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалии сатҳи гуногун бо маърузаҳои илмӣ баромад намуда, дар таҳияи хулосаҳои гуногуни экспертӣ ва дигар корҳои амалӣ иштирок намуда, ҳангоми гузаронидани лексия ва машғулиятҳои амалӣ натиҷаҳои ҳосилшударо дастраси шунавандагон гардонидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима шуда, баъдан барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 018 назди ДМТ тавсия шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи интихобнамудааш ҳамасола дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии ҶТ фаъолона иштирок намудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар чунин ҳамоишҳои илмӣ баён карда шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба

рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори ҶТ ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» (24-уми октябри соли 2025) – маъруза дар мавзуи «Оид ба ҳуқуқҳои миёнарави иттилоотӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоил ва инкишофи оянда», бахшида ба «Соли инкишофи иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» (Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 31 октябри соли 2025) – маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои соҳиби сайт ва провайдер»;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 5-уми декабри соли 2025) – маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳо перомуни таносуби вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар муомилоти маданӣ»;

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон ва унвонҷӯёну докторантони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода» – маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳо оид ба намудҳои миёнарави иттилоотӣ» (ДМТ, 20 апрели соли 2025).

Натиҷаҳои илмии бавуҷудомада зимни баргузории курс, семинарҳои ихтисосӣ ва ҳангоми гузаронидани лексияҳо аз фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ. Қисми 1», «Ҳуқуқи маданӣ. Қисми 2», «Ҳуқуқи иттилоотӣ» ба донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи зикршуда 7 мақолаи илмӣ чоп шудааст, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди умумии мақолаҳои илмӣ, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии мақолаҳои чопшуда зиёда аз 2, 3 ҷ. ч. мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати интишороти унвонҷӯй аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумияш 184 саҳифа мебошад.

# БОБИ 1. МИЁНАРАВИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

## 1.1. Мафҳуми иттилоот ва миёнарави иттилоотӣ

Дар шароити имрӯза иттилоот аҳаммияти махсус пайдо кардааст, захираи муҳим дар самтҳои сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва иҷтимоиёт буда, дар ҳуқуқи маданӣ ба низоми объектҳои танзими он ворид шудааст. Бинобар ин, давраи муосирро бе иттилоот ва ҳуқуқи рақамӣ тасаввур кардан мушкил аст. Чунин ҳолат ба эътирофи миёнарави иттилоотӣ ҳамчун иштирокдори касбии бозори иттилоот таъсир расонид. Ҳамчун соҳибкор вай бе иттилоот фаъолият карда наметавонад.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашудаи яке аз муҳаққиқони ватанӣ сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар самтҳои гуногуни иқтисоди миллӣ чунин мебошад: «молия ва фаъолияти бонкӣ – 95 дар сад, андоз ва андозбандӣ – 95 дар сад, гумрук ва назорати гумрукӣ – 90 дар сад, энергетика – 80 дар сад, нақлиёт – 70 дар сад, мақомоти адлия – 70 дар сад, соҳаи маориф – 70 дар сад, саноат – 60 дар сад, соҳаи тандурустӣ – 60 дар сад ва соҳаи кишоварзӣ – 50 дар сад» [104, с.15]. Ҳамзамон чунин ҳолат дар таҳия ва истифодаи иттилоот, бахусус иттилооти рақамӣ қаноатмандкунанда намебошад.

Дар асоси банди якуми Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025-2030», аз 08.01 соли 2025, № 911, солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» [21] эълон карда шуд. Ин чорабинӣ ва ташаббуси Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама барои амалӣ намудани «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [8] равона шудааст.

Чи тавре ки баъзе муаллифон дуруст қайд мекунанд: «Иқтисоди рақамӣ падидаи муосири иқтисодӣ дар ҷаҳони имрӯза буда, яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологияҳо ба ҳисоб меравад» [85,

с.6]. Мафҳуми мазкур ба маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ, суфамайдонҳо (платформаҳо)-и электронӣ ва системаҳои иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд, асос ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки иттилоот объекти асосие мебошад, ки вобаста ба он муносибатҳои инфиродан муайян ба вуҷуд меоянд. «Иттилооти ҳифзшаванда дар қисми 2 моддаи 136-и КМ ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918», [7] ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ эътироф шудааст. Муносибатҳои иттилоотӣ як навъи муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд ва дар доираи он тартиби паҳн кардани иттилоот, дастрасӣ ба он, маҳдудиятҳо, ҳифз ва ғайраро муқаррар мекунанд. Дар айни замон барои танзими муносибатҳои иттилоотӣ микдори зиёди қоидаҳое вуҷуд доранд, ки ҷанбаҳои техникӣ ва ҳуқуқии мубодилаи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва амнияти иттилоотиро ҳам дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам дар сатҳи меъёрҳои гуногуни идоравӣ танзим мекунанд [103, с.11].

Дар навбати аввал мо истилоҳи иттилоотро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Чунки фаъолияти самараноки миёнарави иттилоотӣ, бидуни муайян кардани мафҳумҳо вуҷуд дошта наметавонад.

Истилоҳи «иттилоот» якчанд маъно дорад, ки ҳар кадоми онҳо самти мустақили истифодаи онро барои тавсиф ва шарҳи падидаҳо ва равандҳои гуногунҷабҳа пешбинӣ мекунанд.  Дар адабиёти илмӣ шарҳҳои гуногунро оид ба мафҳуми иттилоот пайдо намудан мумкин аст. Масалан: «Иттилоот ин хабарҳо дар бораи вазъият, ҳолати чизе дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа мебошанд» [181, с.16]. Муаллиф мунтазам ба мафҳуми «иттилоот» муроҷиат карда, кӯшиш мекунад, ки хусусиятҳои хосси онро, ки аз самтҳои дониши илмӣ мустақил мебошанд, муайян намояд.

Ба андешаи баъзе аз муаллифон: «Иттилоот – аз калимаи лотинии informatio гирифта шуда, дар забони тоҷикӣ бо маънои хабар, ахбор, шарҳ, муаррифӣ ва ғайраҳо фаҳмида мешавад» [82, с.5]. Яъне аз андешаи зикршуда бармеояд, ки иттилоот маънои тарҷумашудаи истилоҳи «informatio» мебошад. Ин тавр муносибат намудан ба истилоҳи «иттилоот» номумкин аст.

Иттилоот калимаи арабӣ буда, мазмуни фалсафӣ дорад, яъне аз баромадани Офтоб гирифтани иттилооти зарурӣ оид ба вақт, оғози рӯз, кор ва ғайра мебошад. «Калимаҳои арабии «хабар», «ахбор», «маълумот» ва ғайра, паҳлуҳои мушаххаси иттилоотро ҳамчун истилоҳи иҷтимоӣ ва шахсӣ инъикос мекунанд [97, с.564].

«Иттилоот дар бораи ҷаҳони атроф, равандҳои дар он ҷараёндошта, ки аз ҷониби инсон ё дастгоҳи махсус қабул карда мешаванд, инчунин хабарҳо дар бораи вазъият ва ҳолати чизе» [71, с.609] мебошад.

«Иттилоот маълумот дар бораи ҷаҳони атроф ва равандҳои дар он ҷараёндошта мебошад, ки онро инсон бевосита қабул менамояд, хабарҳо дар бораи вазъият ва ё дар бораи ҳолати чизе»[48, с.40].

П.М. Чернишев моҳияти «иттилоотро мавриди таҳлил қарор дода, таъкид намудааст, ки «технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқӣ чунин таъинот доранд, ки ҳуқуқшиносон тарзҳо, воситаҳо ва методҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва низомҳои иттилоотиро дар раванди ҷустуҷӯи ягон намуди иттилоот, коркарди бевоситаи он, инчунин барасмиятдарорӣ ва шаклбандии ҳуҷҷатҳои дахлдор дар намуди қоғазӣ ва ё электронӣ ёд гиранд»[166, с.35].

Ҳамчунин муаллиф бар он бовар аст, ки «аз ҳисоби чунин амал, ташаккули базаи донишҳо дар соҳаи истифодаи равандҳои иттилоотӣ, низомҳо ва технологияҳо сурат мегирад» [166, с.35].

А. А. Чеботарева қайд менамояд, «иттилоот объекти асосиест, ки дар он муносибатҳои ҷамъиятӣ байни субъектҳои гуногун дар соҳаи иттилоот ба вуҷуд меоянд» [103, с.11].

И. Л. Бачило «иттилоотро ҳамчун хусусияти даркшаванда ва дарки инсон дар бораи олами атроф муайян мекунад» [27, с.26].

Тавре Ҷ. Глик қайд мекунад: «Маълумот дар ҳама ҷо аст, иттилоот ҷаҳонро ҳукмронӣ мекунад, он хун ва сӯзишворӣ аст» [40, с.16].

Ш.К. Ғаюров менависад: «Иттилоот маълумот, паём ва маълумотест, ки гуногунии воқеияти атрофро инъикос мекунад ва дар ҷараёни ҳамкории ду ва

зиёда иштирокчиёни мубодилаи иттилоот интиқол дода мешавад. Чун ҷузъи муҳмими ҳаёти ҷамъиятӣ, иттилоот наметавонад аз воқеияти ҳуқуқӣ берун бошад» [39, с.39].

Дар баъзе ҳолатҳо истилоҳи таҳлилшуда, беҳад васеъ маънидод мешавад. Масалан, баъзе муаллифон чунин андеша доранд: «Иттилоот неруи бузурги ҳастӣ аст, ки имкон дорад дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳатто муқовимату рақобатҳои иқтисодиву ҳарбӣ ғолибияти гурӯҳи инсонҳои соҳибиттилоъро таъмин гардонад» [99, с.144; 37].

Бо вуҷуди гуногунақидагӣ оид ба истилоҳи иттилоот дар адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ низ мафҳуми расмии онро пешниҳод намудааст. Дар м. 13-и Кодекси намунавии иттилоотӣ барои давлатҳои иштирокчии ИДМ, қисми якум, зикр шудааст: «иттилоот – маълумоте, ки дар ҳама гуна шакл ва дар ҳама гуна васоити ахбори омма, дар бораи шахсон, объектҳо, далелҳо, ҳодисаҳо, падидаҳо ва равандҳое, ки дар ҷомеа, давлат ва муҳити зист ҷой доранд, ё хоҳанд дошт» [20].

Дар м. 1-и лоиҳаи Кодекси иттилоотии ҶТ мафҳуми иттилоот дарҷ карда шудааст, ки мутобиқи он: «иттилоот – маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо» [19].

Ба фикри мо дар масъалаи иттилоот ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ назари У. А. Меликов ва Ф. М. Нодиров ҷолиби диққат аст. Муаллифон қайд мекунанд, ки «дар қ. 2 м. 140 Кодекси граждании ҷумҳурӣ аз соли 1999, бо тағйироту иловаҳои соли 2007, иттилоот объекти ҳуқуқи маданӣ эътироф гардид. Вале дар қ. 2 м. 136 Кодекси мадании кишвар истилоҳи «иттилоот» ба истилоҳи «иттилооти ҳифшаванда» иваз карда шуд. Лекин дар қ. 1 м. 163-и ҳамин кодекс муқаррар шудааст, ки иттилоот дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонад объекти мустақили ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ бошад» [141, с.23].

Дар охири мақолаашон онҳо менависанд, ки меъёри м. 136 Кодекси маданӣ дар хусуси объекти ҳуқуқӣ будани иттилооти ҳифзшаванда ба танзими муносибатҳои маданӣ оид ба иттилоот амалан таъсире надоранд.

«Ин ё он иттилоот, гарчанде ҳатто ҳифзшаванда будан ё набуданаш, пешбинӣ нашуданаш дар қонун, агар ба моҳияти қонун мухолиф набошад ва мувофиқ ба манфиатҳои тарафҳо бошад, дар ҳадди қиёси қонун ва ҳуқуқ объекти ҳуқуқи маданӣ эътироф мешавад» [141, с.24].

Аз таъсири ақидаҳои болозикр саволе ба миён меояд: оё метавонад, ки иттилоот объекти танҳо ҳуқуқи маданӣ бошад? Ин тавр буда наметавонад. Ҳар як соҳаи ҳуқуқ иттилооти худро дорад. «Онҳо ҳам ҷанбаи оммавию ҳуқуқӣ (яъне аз ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, андоз ва ғайра бармеояд) ва ҳам ҷанбаи хусусию ҳуқуқӣ (яъне аз ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва ғайра бармеояд) доранд» [65, с.19].

Саволи дигар ин аст, ки агар ин тавр бошад, дар байни моддаҳои 136 ва 163 Кодекси маданӣ зиддият ҷой дорад? Не, ҷой надорад. Иттилооти ҳифзшаванда – иттилооти хусусӣ буда, аҳаммияти инфиродан муҳимми иҷтимоӣ дорад. Дастрасӣ ба он аз ҷониби дигар иштирокдорони муомилот ва бозори иттилоот, аз ҷумла давлат ва мақомоти ваколатдори он наметавонад озод бошад. Дар қисми дуюми м. 136 Кодекси зикршуда маълумот дар бораи иттилооте ҳаст, ки дар сурати «бозистода» маҳфуз карда мешавад. Дар м. 163 бошад ин намуди иттилоот дар ҳолати фаъолият, муомилот қарор дорад ва объекти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ мебошад, ки харидори худро то андозае пайдо менамояд. Натиҷаҳои хизматрасониҳои гуногуни муздноки иттилоотӣ объектони ҳуқуқи истисноии фармоишгарони онҳо мебошанд. Дорандаи ҳуқуқ ба он уҳдадор нест, ки онро дастраси дигарон гардонад. Чунин иттилоот метавонад шахсӣ, оилавӣ ва ё касбӣ бошад, дигарон аз дастрасии беиҷозат ба он бояд худдорӣ намоянд. Бинобар ин, танҳо иттилооти ҳифзшаванда метавонад объекти ҳуқуқи маданӣ бошад, дигар намуди иттилоот, ки аҳаммияти калони иҷтимоӣ ва сиёсӣ доранд (рекламаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, реҷаи кории соҳибкор, иттилооти экологӣ, иттилооти буҷетӣ ва ғайра), наметавонанд хусусӣ бошанд.

Дар сархати 6 қ. 1 м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» [18] чунин муқаррар шудааст: Маълумот дар бораи шахс, ашё,

далелҳо ва рӯйдодҳо, падидаҳо, равандҳо ва мулоҳизаҳои марбут ба онҳо, новобаста аз иборaҳо мебошад [18]. Вобаста ба ин дар сархати якуми қ. 1 м. 1 Қонуни ҶТ дар бораи иттилоот мафҳуми расмии иттилоот дода шудааст: «иттилоот – маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо» [13].

Ба назари мо мафҳуми расмии иттилоот дуруст ва қобили қабул мебошад. Вале камбудӣ дар такроршавии ин мафҳум дида мешавад. Вақте дар қонуни нахустини соҳавӣ ин мафҳум дарҷ гардид, ҳоҷати такроран ҷойгир намудани он дар қонунҳои минбаъда вуҷуд надорад. Чунин ҳолат принсипи низомнок будани меъёрэҷодкунӣ ва сарфаи меъёрҳои танзимиро вайрон мекунад. Ҳамин талаботҳои принсипиалӣ ҳангоми таҳияи нахустин КМ ҷумҳурӣ риоя карда шуд. Масалан, дар матни ин кодекс мафҳуми соҳибкорӣ хориҷ карда шуд, зеро дар қ. 1 м. 15 Кодекси андози ҶТ [6] ва дар сархати 4 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [17] мафҳуми ин фаъолият дода шудааст.

Ҳамзамон баъзе муаллифон дар ин хусус менависанд: «фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дигар объекти батанзимдарории он эътироф карда намешавад» [78, с.19]. Ин ақида нав нест, аммо лаҳзае гуфтораш мавриди баҳс қарор мегирад, зеро КМ ҶТ қонуни асосии танзими фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ва ҷанбаҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ, инчунин муносибатҳоро миёни соҳибкор бо соҳибкор ва соҳибкор бо истеъмолкунанда, соҳибкорон ва фармоишгарон дар кодекси мазкур танзим шудааст. Объекти соҳибкорӣ истифодаи молу мулк, фурӯши ашё, иҷрои кор ва хизмат мебошанд, ки мустақилияти ирода, баробарӣ ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёни онро кафолат медиҳад, ки онҳо ба он асос меёбанд.

Соҳибкор мансабдори давлатӣ нест ва буда ҳам наметавонад. Соҳибкорӣ барои мансабдорони давлатӣ қатъиян манъ аст. Агар ин талаботҳои ҳаётан муҳим риоя нашаванд, соҳибкорӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ ва давлат

ҳамчун ташкилоти соҳибихтиёри оммавӣ ва сиёсӣ, ки ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, дар ҷомеа нақши худро иҷро карда наметавонанд.

Муносибатҳои соҳибкор бо давлат дар шакли бақайдгирии давлатӣ, гирифтани иҷозатномаи маъмурӣ оид ба амалӣ намудани баъзе намудҳои фаъолият, стандартикунонӣ, сертификатсиякунонии объектҳои соҳибкорӣ ва дигар шаклҳои танзими техникӣ, таснифот ба соҳибкории хурд, миёна, калон, соҳибкории занон, иҷтимоӣ ва ғайра, мавзуи танзими ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи молия мебошанд. Ин муносибатҳо бештар ба идоракунии давлатии соҳибкорӣ робита дошта, табиати ҳуқуқи давлатиро доранд. Ворид намудани ин муносибатҳо ба муносибатҳои ҳуқуқи мадании соҳибкор ва дар ин замина таҳия ва қабул намудани Кодекси соҳибкории ҶТ зарурат надорад. Масъалаҳои ҳуқуқи мадании соҳибкор дар Кодекси мадании кишвар, вобаста ба таҷрибаи пешқадами давлатҳои Ғарб ва шароити хосси Тоҷикистон ҳалли танзимии худро пайдо кардаанд.

Ақида дар хусуси муқаррар шудани зарурати қабули Кодекси соҳибкории ҶТ дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 [78, с.19] асоси воқеӣ надорад, зеро дар сархати якуми банди 45-и он чунин зикр шудааст: «– омӯзиши зарурат ва асоснокии таҳияи Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ишора шудааст», [84, с. 168] ки маънои зарурати таҳия ва қабули онро надорад.

Дар хулосаи зербоби якуми боби якуми диссертатсия қайд намудан лозим аст, ки ба иттилоот хусусиятҳои зерин хос мебошанд:

– низоми он – иттилоот, ба монанди дигар объектҳои воқеият, дорои сохтори низомнок буда, маҷмуи иттилоот дар бораи чизест, ки мафҳуми «дониш»-ро ташаккул медиҳад;

– беохирии иттилоот – ончунон зиёд аст, ки интиҳои он номуайян аст;

– моддӣ будани иттилоот – иттилоот истилоҳе аст, ки метавонад объективӣ вуҷуд дошта бошад, илова бар ин, он гуногунии ҷаҳони моддиро имрӯз инъикос мекунад;

– объективӣ будани иттилоот – иттилоот инъикоскунандаи ҷаҳони объективии беруна ба ҳисоб меравад;

– ғайримоддӣ будани иттилоот – неъмати маънавӣ будани он, аксар вақт мо иттилоотро тавассути воситаҳои техникӣ ва дар сомонаҳои интернетӣ мушоҳида менамоем, онро меомӯзем, таҳлил мекунем ва истифода мебарем. Иттилоот ва ҳомили моддие, ки дар он иттилоот зикр шудааст, реҷаи молумулкии ба худ хос дорад. Ҳомили моддии иттилоот объекти ҳуқуқ ба ашё буда, худи иттилоот моликияти зеҳнии иштирокдорони муносибатҳои иттилоотӣ пазируфта мешавад.

Вайро ҳамчун мол эътироф мекунанд, вале иттилоот на ашё, балки натиҷаи хизматрасонии иттиллотӣ буда, фармоишгар ба он, аз лаҳзаи қабулаш ҳуқуқи истисноӣ пайдо мекунад. Хусусияти молии итттилоот дар сифатҳои он ифода мегардад, ки то чи андоза иттилооти пешниҳодшуда эҳтиёҷоти фармоишгарро ба дониш қонеъ гардонида метавонад.

Замони муосирро «замони иттилоотӣ» ва ҷомеаи муосирро «ҷомеаи иттилоотӣ» меноманд. Калимаи «ҷомеаи иттилоотӣ» [161, с. 73] аввалин маротиба соли 1966 дар Ҷопон пайдо шудааст ва аз тарафи гурӯҳи махсуси ҳукумати Ҷопон доир ба масоили илмӣ, техникӣ ва таҳқиқоти иқтисодӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар адабиёт оид ба мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» андешаҳо зиёд аст. Масалан, А. Н. Леонтев оид ба ҷомеаи иттилоотӣ чунин ибрози назар дорад: «Ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеае мебошад, ки дар он маҳсулоти асосӣ дониш мебошад» [44, с. 8].

А. Лактионов чунин қайд менамояд: «Ҷомеаи иттилоотӣ – мафҳумест, ки шарҳу тафсирро талаб мекунад. Ин ибораро на танҳо мутахассисон, балки дар матбуоти даврӣ низ ба таври васеъ истифода мебаранд ва вазъияти ояндаи ҷомеаро бо он алоқаманд медонанд» [134, с. 358]. Вале ғайр аз изҳорот дар бораи нақши афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ, дар ин рӯзҳо қаме тағёир ёфтааст. Ҳар касе, ки ибораи «Ҷомеаи иттилоотиро»-ро истифода мебарад, онро ба таври худ мефаҳмад ва хусусияти рушди ҷомеаи муосирро

аз он вобаста медонад, ки одамон онро чӣ гуна қабул мекунанд, тафсир менамоянд ва ё тағйир медиҳанд.

Истилоҳи дигаре, ки таҳлили он дар доираи мавзуи мазкур муҳим аст, ин истилоҳи «хизматрасонии иттилотӣ» мебошад. Дар м.1. Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, №55 мафҳуми хизматрасонии иттилоотӣ чунин муқаррар шудааст: «хизматрасонии иттилоотӣ – дар шакли муайяннамудаи қонунҳои мазкур анҷом додани фаъолияти иттилоотӣ ҷиҳати расонидани маҳсулоти иттилоотӣ то истифодабарандагон бо мақсади қонеъгардонии эҳтиёҷоти иттилоотии онҳо». Дар м.3. Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 06 августи соли 2021, №40 бошад мафҳуми мазкур бо каме тағйирот муқаррар мешавад, ки тибқи он: хизматрасонии иттилоотӣ – хизмате, ки талаботи шаҳрвандон ва ташкилотҳоро ба иттилоот қонеъ мегардонад ва онро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мерасонанд, ки дар соҳаи иттилоот кор мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки ин масъала аз мадди назари олимони соҳа инз дур намондааст ва дар адабиёт мафҳуми гуногуни хизматрасонии иттилоотиро вохӯрдан мумкин аст.

Л.В. Туманова ва А.А. Снитников ақида доранд, ки «хизматрасониҳои иттилоотӣ ҳамчун мавзуи хизматрасонии музднок амали субъект (хизматрасон) баҳри таъмини шахси манфиатдор (фармоишгар) бо иттилооти ба онҳо зарур (маҳсулоти иттилоотӣ), мебошад, ки натиҷаи он маънои модикунониро надорад ва наметавонад кафолат дошта бошад» [178].

Олими дигар таҳти мафҳуми хизматрасонии иттилоотӣ на ин ки одитарин пешниҳоди иттилоотро ба мизоҷ мефаҳмад, балки амалӣ гаштани фаъолияти мувофиқкардашуда бо фармоишгарро дар назар дорад. Иттилоот дар чунин сурат аз рӯйи ақидаи муалиф ҳамчун натиҷаи

фаъолияти зеҳнӣ баромад менамояд.

Ба назари Р.Н. Муродумов «хизматрасонии иттилоотӣ ба фармоишгар пешниҳод намудани ҳаҷми иттилооти муайяне мебошад, ки бо роҳи ҷамъоварӣ, коркард, ташхис, синтези иттилооти барои ҳама дастрас гирифта шудааст» мебошад [174].

Ҳамин тавр, ба фикри мо «хизматрасони иттилоотӣ – амали муайяни иштирокчии соҳибихтисоси муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мебошад, ки барои коркард, ҷамъоварӣ, ташхиси иттилооти объективии пурра ва дуруст бо супориши фармоишгар мебошад.

Боиси зикр аст, ки хизматрасони иттилоотӣ дар асоси уҳдадориҳои иттиллоотӣ амалӣ карда мешаванд, онро уҳдадории оид ба хизматрасонии иттилоотӣ номидан мумкин аст. Ин уҳдадориҳо асосан дар доираи боби 43 КМ ҶТ танзим карда мешаванд. Дар боби 43 КМ ҶТ (хизматрасонии музднок) номгӯи хизматрасониҳое муқаррар шудааст, ки натиҷаи фаъолияти хизматрасон шакли ашёӣ надорад ва хизматрасон натиҷаи мусбати хизматро кафолат дода наметавонад. Аз доираи мавзуи уҳдадориҳо оид ба хизматрасонӣ, ки КМ ҶТ дар моддаи 860 муқаррар намудааст, маълум мегардад, ки ин уҳдадори ба намудҳои гуногун ҷудо мешавад ва як намуди он уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии иттилоотӣ буда, падидаи нав дар қонунгузории маданӣ мебошад.

Уҳдадорӣ оид ба хизматрасонии иттилоотӣ дар ҳуқуқи маданӣ – чунин навъи уҳдадориҳое мебошанд, ки мутобиқи он як субъект (иштирокчиёни касбии бозори иттилоотӣ) уҳдадор мегардад, ки ба супориши фармоишгар амалиёти муайянро вобаста ба коркарди объективии иттилоот ё пурра ва аниқ истеҳсол намудани иттилоотро анҷом диҳад ва ба ӯ расонад. Маълум аст, ки ҳар як уҳдадориҳо дорои хусусиятҳои худ мебошанд, ки аз ин уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии иттилоотӣ истисно нест. Уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии иттилоотӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

– уҳдадорӣ оид ба хизматрасонии иттилоотӣ – ин муносибати нисбӣ мебошад, ки тарафҳои он ҳама вақт муайян мебошанд;

– ба тариқи дахлдор иҷро намудани уҳдадорӣ бо чораҳои маҷбуркунандаи давлатӣ кафолат дода шуда, ҳифз карда мешаванд;

– барои уҳдадории иттилоотӣ хусусияти шакли ҳимояи даъвогӣ хос мебошад;

– иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадории иттилоотӣ ҷавобгарии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад;

– уҳдадории иттилотӣ дар асоси манфиати шахси ваколатдор муқаррар карда мешавад.

Мавзуи уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии иттилоотиро амалиёти (фаъолияти муқараргардидаи) иштирокчии соҳибихтисоси муносибатҳои шахсии иттилоотӣ оид ба коркарди иттилооти обективӣ ё истеҳсолоти саривақтии пурра ва аниқи иттилоот вобаста ба супориши фармоишгар мебошад. Ё ба маънои дигар мавзуи уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии иттилоотиро – хизматрасонӣ ташкил медиҳад, ки дар шакли хизматрасонии иттилоотӣ зоҳир мешавад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии иттилоотиро ин хизматрасонии иттилоотӣ буда, иттилоот бошад объекти хизматрасонии иттилоотӣ мебошад.

Истилоҳи дигаре, ки дар заминаи истилоҳи иттилоот ба вуҷуд меояд ва зарурияти таҳлилро металабад истилоҳи «миёнарави иттилоотӣ» мебошад. Ин истилоҳ дар ҳуқуқи мадании муосир ба яке аз истилоҳҳои серистеъмол табдил ёфтааст.

Имрӯз вожаи «миёнарав» барои ифодаи субъекте равона карда мешавад, ки байни дигар субъектон фаъолияти муайянеро анҷом медиҳад. Истилоҳи зикршударо, «инчунин дар алоқамандӣ бо истилоҳҳои «маклер», «брокер», «дилер» ва ғайра низ ифода мекунанд» [96, с. 286]. Вале истилоҳи «миёнарави иттилоотӣ» шахсияти рақамӣ буда, ҳастии ҳуқуқӣ дорад, вале

дар олами виртуалӣ ва бо истифодаи иттилооти рақамӣ фаъолият мекунад, даромад ба даст меорад.

Истилоҳи миёнарав дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ истифода шудааст, аз ҷумла дар Кодекси меҳнатии ҶТ (м. 320). Миёнарав вазъи ҳуқуқии ба худ хос дорад ва он барои мусоидат дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ сафарбар карда мешавад.

Ҳамзамон, худи мафҳуми миёнаравиро дар қонунгузорӣ, асосан дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ дидан мумкин аст. Онҳо инчунин муқарраротеро дар бар мегиранд, ки фаъолияти миёнаравҳоро бо қонунгузории иттилоотӣ, биржавӣ, гумрукӣ суғуртавӣ ва ғайраро танзим мекунанд.

Дар қисми якуми КМ ҶТ категорияи миёнаравӣ зикр шудааст, аммо на бевосита мафҳумро муайян менамояд, балки фарқияти онро аз намояндагӣ муайян мекунад. Дар қ.3 м. 199-и КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки «шахсоне, ки ба манфиати дигарон, вале аз номи худ амал мекунанд (миёнаравони тиҷоратӣ, мудирони озмун ҳангоми муфлисӣ, иҷрокунандагони васиятнома ҳангоми меросгирӣ ва ғайра), инчунин шахсоне, ки барои анҷоми гуфтушунид дар мавриди аҳди дар оянда имкондошта ваколатдор шудаанд, намоянда намебошанд». Аз моҳияти ин меъёр бар меояд, ки ба ин гуна шахсон, ки намоянда намебошанд миёнаравони тиҷоратӣ, мудирони озмун ҳангоми муфлисӣ, васиён ҳангоми меросгирӣ ва ғайра дохил мешавад. Ба назари мо, чунин муқарарнамои ба сохтори ҳуқуқии ин меъёр хеле баҳснок буда, ба воқеияти муосир мувофиқат намекунад. Зеро намоянда ё миёнарав будан бояд аз вазъи воқеӣ (маҷмуи ваколатҳо ва уҳдадориҳо), ки шахс дар вазъи мушаххас иҷро мекунад, муайян карда шавад, на аз як қолаби додашуда дар шакли мисолҳое, ки дар худи м. 199 КМ ҶТ муқаррар шудаанд. Ғайр аз он, механизми номбаршудаи иҷрои вазифаҳои шахсе, ки ҳамчун намуна нишон дода шудааст, на ҳамеша ба ҳама ҳолатҳое, ки дар он шахси мавриди назар амал мекунад, мувофиқат мекунад.

Инчунин, ҳангоми баррасии масъалаи алоқамандии истилоҳи тахассусии миёнаравӣ ё намояндагӣ, мо мехостем ба мафҳуми шартномаи агентӣ истинод кунем. Дар м. 1110 КМ ҶТ мафҳуми шартномаи агенти чунин дода шудааст: «мувофиқи шартномаи агентӣ як тараф (агент) уҳдадор мешавад бо гирифтани подош тибқи супориши тарафи дигар (принсипал) амалҳои ҳуқуқӣ ва амалҳои дигарро аз номи худ, вале аз ҳисоби принсипал, ё ин ки аз ном ва аз ҳисоби принсипал анҷом диҳад». Бо истинод ба ин, метавон гуфт, ки агент тибқи шартномаи агентӣ намоянда аст. Вобаста ба ин савол ба миён меояд, ки чаро бо назардошти мухолифати феълии қонунгузор нисбат ба мафҳумҳои намоянда ва миёнарав шартномаҳои агентӣ, супориш ва комиссия дар илми ҳуқуқи маданӣ ба як категория – шартномаҳои миёнаравӣ тасниф шудаанд.

Барои дарки дурусти таносуби байни истилоҳи намояндагӣ ва миёнаравӣ саравval моро зарур аст, ки худи мафҳуми намояндагиро таҳлил намоем. Мувофиқи м. 8 КМ ҶТ «шаҳрванд ва шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқи маданияшонро бо салоҳдиди худ амалӣ менамоянд, аз ҷумла ихтиёрдорӣ мекунанд, яъне тамоми масъалаҳои марбут ба истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ, аз ҷумла ҳаҷм ва тарзҳои амалигардонии онҳо, даст кашидан аз амалӣ намудани ҳуқуқи ба онҳо тааллуқдоштаро мувофиқи хоҳиши худ ҳал мекунанд».

Таҳлиле, ки дар боло гузаронида шуд эҳтимол ба мушкилии мавҷуда дар ҷудо кардани мафҳумҳои миёнаравӣ ва намояндагӣ бошад. Э.Л. Невзгодина андеша дорад, ки «тибқи он намояндагӣ яке аз шаклҳои миёнаравӣ дар ҳуқуқи маданӣ мебошад» [142]. Дар баробари ин, аниқ кардан лозим аст, ки он чаро дақиқ ба сифати шакл, ки татбиқи он аҳамияти ҳуқуқи дорад, яъне бо содир намудани амалҳои ҳуқуқӣ, ки онро аз дигар шаклҳои миёнаравӣ фарқ мекунад, ки танҳо дар амалҳои воқеӣ ифода карда мешавад.

Ин шакл универсалӣ номида мешавад, зеро намояндагӣ ҳам дар муносибатҳои шартномавӣ ва ҳам ҳангоми татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии ҳуқуқии мадании ноболиғон, шахсони ғайри қобили амал, шахсони дорои қобилияти амали маҳдуд истифода мешавад, инчунин беназир аст, зеро ин ягона шакли намояндагист, ки ҳангоми татбиқи он оқибатҳои ҳуқуқии амали як шахс (намоянда) бевосита ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси дигар мегардад. Дигар намудҳои миёнаравӣ, чун қоида, асосан дар соҳаи савдо истифода мешаванд ва фаъолияти миёнаравӣ соҳибкорӣ буда, ҳамчун хизматрасонӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, барои анҷом додани чунин фаъолият аксар вақт иҷозатнома талаб карда мешавад, дар ҳоле, ки намояндагӣ ба он ниёз надорад. Ҳарчанд ваколатнома ҳамеша барои амалӣ намудани намояндагӣ зарур аст (сухан дар бораи намояндагии ихтиёрӣ меравад), дар ҳоле ки миёнарави дигар метавонад бидуни ваколатнома амал кунад. Аммо мавқеи пешниҳодшуда оид ба таносуби мафҳумҳои миёнаравӣ ва намояндагӣ, яъне пешниҳоди мафҳуми аввал ҳамчун мафҳуми умумие, ки муносибатҳоро тавассути намояндагӣ фаро мегирад, на ҳамаи муаллифон розӣ шудаанд. Масалан, М. Егорова, А.С. Ли, Т.Э. Магнутова, А.В. Егоров, Л.В. Андреева, М. Саркисян баръакси онро исбот мекунад: ба маънои васеъ мафҳуми намояндагӣ пурра ё қисман мафҳуми миёнаравиро дар бар мегирад. Ҳамзамон, миёнаравӣ ҳамчун як намуди намояндагии шартномавӣ ба ҳисоб меравад, ки аз намояндагии қонунӣ фарқ мекунад, ки аз санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар асоси муносибатҳои меҳнатӣ, қарорҳои суд ва ғайра бармеояд. Миёнаравӣ аз уҳдадориҳои шартномавӣ оид ба аз ҷониби як шахс ба шахси дигар расонидани хизмати музднок асос меёбад.

Ҳамчунин, тафовути мафҳумҳои «миёнаравӣ» ва «намояндагӣ» дар асоси тақсимоти намояндагӣ ба ҳатмӣ ва ихтиёрӣ бо истинод ба миёнаравии охирин, ки ба принсипи озодии шартнома асос ёфтааст,

сурат мегирад. Ба намудҳои асосии намояндагии ихтиёрӣ шартномаҳои агентӣ, супориш, шартномаи шарикии одӣ, шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ дохил мешаванд. Е.А. Суханов мафҳуми миёнаравро нисбат ба шахсе, ки аз номи худаш дар муомилот баромад мекунад, маҳдуд мекунад ва фарқ надорад, ки у дар кадом соҳа фаъолият мекунад, тиҷоратӣ ва ё соҳаи дигар [91]. Ҳамин тариқ, бори дигар мавқеъро оид ба як намуди намояндагӣ будани миёнаравиро тасдиқ менамояд. Дар баробари ин, моҳияти намояндагӣ ифодаи манфиатҳои намояндашаванда ва аз ин рӯ амалро ба манфиати у пешбинӣ мекунад. Аммо, Е.А. Суханов чунин муносибатҳои миёнаравро дар назар дорад, масалан, ба амал баровардани савдои яклухт бо иштироки дистрибюторҳо ҳамчун миёнарав дар байни истехсолкунандагон ва ритейлерҳо, гарчанде ки онҳо бар хилофи намояндагон танҳо ба манфиати худ амал мекунанд [92]. Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки дар фаҳмиш ва таносуби истилоҳи намояндагӣ ва миёнарав дар илм ихтилофот вуҷуд дорад.

Қонунгузор кӯшиш кард, ки байни ин мафҳумҳо фарқ кунад, аммо доктринаи ҳуқуқӣ байни онҳо тафовути равшане намедиҳад. Аз сабаби набудани ягонагӣ дар дарки мафҳумҳои миёнаравӣ ва намояндагӣ, сохтор, объект, моҳияти ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар заминаи онҳо ба вуҷуд меоянд, ҳангоми истифодаи истилоҳоти баррасишаванда душвориҳои муайян ба миён меоянд. Намояндагӣ баъзан дар ҷое дида мешавад, ки он мавҷуд нест, ҷойгузини мафҳумҳо вуҷуд дорад. Ин ҳолате, ки дар илми ҳуқуқи маданӣ вуҷуд дорад, дар қонунгузории маданӣ (аз ҷиҳати танзими ин падидаҳо), ки солҳои зиёд бо як қатор камбудиҳо ва зиддиятҳо хос буд, ба маънои сифатан гуногун истифода шудани як истилоҳот қайд карда мешавад, чунон ки дар мисолҳои боло муҳокима намудем. Комилан табиист, ки ҳамаи ин дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ба душвориҳои муайян оварда мерасонад. Дар таҳқиқоти мазкур пешниҳод мешавад, ки андешаи дуюм ҳамчун асос гирифта шавад, ки

мувофиқи он намояндагӣ мафҳуми васеътар буда, миёнаравиро дар бар мегирад.  Комилан равшан аст, ки доираи намояндагӣ ва миёнаравӣ дар муносибатҳои иҷтимоии муосир хеле васеъ аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ин мафҳумҳо ҳамчун мафҳумҳои ҳаммано амал мекунанд, аммо ба ҳам мувофиқ нестанд. Баррасии мухтасари ақидаҳои доктриналӣ дар бораи муносибати онҳо набудани ягонагӣ дар фаҳмидани мазмуни онҳоро нишон дод. Бархе олимон як истилоҳро ба маънои васеъ ва дигареро ба маънои маҳдуд истифода мебаранд. Ба назари муаллиф, ба далели нокифоя будани танзими ҳуқуқии онҳо ягонаақидагӣ дар фаҳмиши ин падидаҳо ба зудӣ ба даст намеояд.

Ҳамин тавр, баҳсҳои болозикршударо таҳлил намуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки намояндаги мафҳуми васеъ буда миёнаравиро дар бар мегирад ё ба маънои дигар миёнаравӣ як намуди  намояндагӣ мебошад. Чуноне боло қайд намудем намояндаги ба ду намуд ҷудо мешавад, янеъ намояндагии қонунӣ ва ихтиёрӣ ё шартномавӣ. Миёнаравӣ дар асл ҳамон намояндагии ихтиёрӣ ё шартномавӣ мебошад.

Яке аз намудҳои миёнаравӣ ин миёнарави иттилоотии мебошад. Оид ба мафҳуми миёнарави иттилоотӣ дар адабиёт андешаҳои гуногунро вохӯрдан мумкин аст. А.В. Егоров чунин қайд мекунад: «истилоҳи миёнаравӣ маънои мусоидат, кумак дар барқарор кардани робитаҳои муайян, муошират байни касе, мусоидат ба созишнома, муомила байни тарафҳоро дорад» [120, с. 19].

М. Р. Саркисян ин истилоҳро чунин муайян мекунад: «миёнаравӣ ҳамчун як ниҳоди ҳуқуқие, ки муносибатҳоро дар соҳаи хизматрасонӣ танзим мекунад ва барои мусоидат дар барқарор кардани робитаҳои ҳуқуқӣ байни муштариён тавассути содир намудани амалҳои қонунии хусусияти ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз ҷониби миёнарав равона шудааст» [53, с. 96].

И. И. Козлов вобаста ба фаъолияти миёнарави иттилоотӣ чунин қайд мекунад: «фаъолияти миёнаравҳои иттилоотӣ дар интернет пешниҳоди хизмат мебошанд, на кор. Бо вуҷуди ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳангоми муайян

кардани хусусияти ҳуқуқии хизматрасониҳои алоқа мавқеи дигар баён шудааст» [172, с. 33].

Л. К. Терешенко нуқтаи назари худро вобаста ба мафҳум ва субъекти миёнаравии иттилоотӣ баён кардааст: «ба гурӯҳи миёнаравони иттилоотии баррасишаванда бояд субъектҳое дохил шаванд, ки дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ вазифаҳои дигарро иҷро мекунанд» [159, с. 49].

Бояд қайд намуд, ки ба андешаи У. А. Меликов: «Ҳангоми рушди ҳуқуқи иттилоотӣ дар адабиёт ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ибораи миёнаравҳои иттилоотӣ пайдо шуданд» [140, с. 17]. Р. Т. Нуруллаев низ чунин ақидаи монанд дорад. «Вай пайдоиши миёнарави иттилоотиро бо амалӣ намудани ҳуқуқи иттилоотӣ вобаста меҳисобад» [177, с. 3]. Бояд зикр намуд, ки чунин андешаҳо баҳснок мебошанд. Истилоҳҳои «вакил» ва «миёнарав» аз муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба баробарӣ ва бабовариасосёфта ба вуҷуд омада, табиати ҳуқуқи маданӣ доранд. Аз пайдоиш худ дар низомҳои пешрафтаи Ғарб падидаи «миёнарави иттилоотӣ» аз касбият, аз баробарӣ ва боварӣ дар бозори иттилоотӣ гувоҳӣ медод. Дар ФР ва ҶТ ҳуқуқи иттилоотӣ яке аз соҳаҳои мустақили ҳуқуқи оммавӣ мебошад. Вале ҳуқуқи мадании иттилоотӣ ҳуқуқи озодӣ, баробарӣ ва дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ буда, асоси таъмини озодии сухан ва хизматрасониҳои иттилоотӣ мебошад.

То қабули КМ ҶТ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерқонунӣ муносибатҳо оид ба миёнаравии иттилоотӣ  танзим карда мешуд. Ба сифати чунин санад «Қоидаҳои ягонаи сайтҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳалҳои дар шабакаи интернет», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 10 июли соли 2017, № 344 тасдиқ шудаанд, баромад карда метавонад. Дар банди 48  он муқаррар шуда буд, ки афзалият бояд ба ҳалли меъморӣ ва маҳсулоти барномавие, ки аллакай коршоямии худро ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазкур исбот кардаанд, дода шавад: истифодаи веб-шореҳ ба сифати миёнарави асосии дастрасӣ ба маълумот аз системаҳои иттилоотии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи

маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот. Дигар миёнаравҳо барои истифода иҷозат дода мешаванд, аммо танҳо ба сифати илова ба технологияҳои ба веб-шореҳ асосёфта [140, с. 17].

Бо қабули КМ ҶТ аввалин маротиба аломатҳои хосси миёнаравии иттилоотӣ дар моддаи алоҳида муайян шудааст. Моҳияти миёнаравии иттилоотӣ шартҳо ва хусусиятҳои он дар қисми сеюми КМ ҶТ, дар боби 68 дарҷ карда шудааст. Аз ҷумла, дар қ. 1 м. 1251 КМ ҶТ муқаррар шудааст: «Шахсе, ки ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет, мавод пешниҳод менамояд, шахсе, ки имконияти ҷойгиронии мавод ё иттилооти барои гирифтани он заруриро бо истифодаи шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод менамояд, шахсе, ки имконияти дастрасии маводро дар чунин шабака пешниҳод мекунад, миёнарави иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, барои риоя накардани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ тибқи асосҳои умумии пешбининамудаи ҳамин Кодекс ҳангоми мавҷудияти гуноҳ бо назардошти хусусиятҳои муқаррарнамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур масъул мебошад» [7].

Мафҳуми миёнарави иттилоотиро дар санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ вохӯрдан мумкин аст. Дар м.1.-и Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» мафҳуми миёнарави иттилоотӣ чунин муайян гаштааст: «миёнарави иттилоотӣ – шахсе, ки бо ташаббус ё бо фармоиши шахси дигар ҳуҷҷати электрониро мефиристад, қабул мекунад, нигоҳ медорад ва ҷиҳати мусоидат барои бастани аҳдҳо дар савдои электронӣ хизмат мерасонад» [15].

Инчунин баъзе аломатҳои миёнарави иттилоотиро дар мафҳуми агенти иттилоотӣ ошкор намудан мумкин аст: «агентиҳои иттилоотӣ – шахсони ҳуқуқии тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ҷамъоварӣ, коркард, таҳия ва интишори иттилоот фаъолият менамоянд» [14]. Масалан, агар миёнарави иттилоотӣ дар асоси дархости истифодабарандаи хизматрасонии алоқаи барқӣ ба ҷустуҷӯи иттилооти муҳим машғул шавад.

Ҳамчунин, мафҳуми миёнарави иттилоотиро дар қонунгузориҳои мадании кишварҳои хориҷӣ муқаррар шудааст. Истилоҳи миёнарави иттилоотӣ дар м. 13 Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи муомилоти электронии ҳуҷҷатҳо» чунин муқаррар шудааст: «Миёнарави иттилоотӣ шахси ҳуқуқӣ ё воқеие мебошад, ки дар асоси шартнома хизматрасониҳои марбут ба муомилот ҳуҷҷатҳои электрониро пешниҳод менамояд. Миёнарави иттилоотӣ ҳуқуқ надорад мазмуни ҳуҷҷатҳои электронӣ ё тартиби истифодаи онҳоро тағйир диҳад, агар дар шартнома бо иштирокчиёни муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад» [5].

Миёнарави иттилоотӣ дар қонунгузории ФР низ танзими худро ёфтааст. Мувофиқи м. 1253.1 КМ ФР миёнарави иттилоотӣ шахсе мебошад, ки «маводро дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла дар Интернет интиқол медиҳад, шахсе мебошад, ки имкони ҷойгир кардани мавод ё маълумоти заруриро барои ба даст овардани он бо истифода аз шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, инчунин шахсе, ки имкони дастрасӣ ба маводро дар ин шабака фароҳам меорад» [3].

Доир ба ин Н. А. Непомняшая қайд менамояд: «мо муайян кардем, ки фаъолияти миёнаравҳои иттилоотӣ дар ҷанбаи моҳиятии он, ки дар м. 1253.1 Кодекси мадании ФР муқаррар шудааст, пешниҳоди хизмат дар шабакаи интернетӣ ё алоқавӣ мебошад. Аммо ин танҳо як қисми таърифи таҳияшуда аст, зеро он танҳо нимаи аввали мафҳуми муайяншудаи «миёнарав»-ро дар бар мегирад ва барои нимаи дуюми мафҳуми «иттилоот» таҳлил кардан лозим аст, инчунин бояд гуфт, ки равишҳои мавҷудаи тафсир ва дарки фаъолияти миёнаравӣ, дурусттараш хизматрасониҳои миёнаравӣ аст, зеро ин намуди фаъолият низ ба намуди хизматрасонии музднок дохил мешавад» [176, с. 28].

Мафҳумҳои ҳуқуқие, ки дар боло дода шудааст, мукаммал номидан мумкин нест. Дар чунин шароит аниқ муайян кардани доираи шахсоне, ки дар ҳақиқат миёнаравони иттилоотӣ мебошанд, аҳаммияти махсус пайдо

мекунад.

Дар соҳаи ҳуқуқи миллӣ тамоюли умумии тақвияти қонунгузорӣ нисбат ба миёнаравҳои иттилоотӣ ба назар мерасад. Институти миёнарави иттилоотӣ дар ҶТ хеле нав аст ва дар заминаи ҳуқуқи миллӣ як падидаи беназири ҳуқуқӣ дар миқёси ҷаҳонии ҷомеаи интернетӣ мебошад. Барои ҳалли вазъи вайронкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дар шабакаи интернетӣ ва дигар сомонаҳои телекомуникатсионӣ қонунгузории миллӣ мафҳуми нави ҳуқуқии миёнарави иттилоотиро тавассути нишон додани мавқеи функсионалии он (интиқол, ҷойгиркунии мавод ва иттилоот дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ) ҷорӣ кард ва онро ба мафҳумҳои алоҳида ҷудо накард, балки ҷойгоҳи онро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ муайян кард. Вобаста ба моҳияти миёнарави иттилоотӣ, қонунгузор шахсеро ба субъектони ҳуқуқи маданӣ ворид кард, ки интиқол, ҷойгиркунӣ ва дастрасӣ ба мавод ва иттилоотро дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла дар интернет амалӣ мекунад ва барои вайрон кардани ҳуқуқҳои зеҳнӣ вобаста ба асосҳои умумӣ масъул аст. Бо ибораи дигар «миёнаравони иттилоотӣ» ба таври умум ба доираи васеъ, гуногун ва босуръат инкишофёбандаи провайдерҳои хизматрасонӣ, ки ба ҳамкории онлайнӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба миён меояд, мусоидат мекунанд. Баъзеҳо корбаронро ба интернет пайваст мекунанд, коркарди маълумотро иҷозат медиҳанд ва хизматҳои веб-сомонаҳоро, аз ҷумла барои шарҳҳои корбарон ҷойгир мекунанд. Дигарон маълумот ҷамъ мекунанд, дар ҷустуҷӯ кумак мекунанд, ба фурӯши молҳо ва хизматҳо мусоидат мекунанд ё дигар муомилоти тиҷоратиро осон мекунанд [123, с. 221].

Ҳамзамон мафҳуми «миёнарави иттилоотӣ» як қатор шахсонеро дар бар мегирад, ки миёни соҳиби иттилоот ва корбарон ба миён меоянд. Амалҳои миёнарави иттилоотӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо воқеан шарти татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Бояд, гуфт, ки ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои баҳсбарангез, масъалаи даст доштани онҳо дар содир намудани амалҳои

ғайриқонунӣ, ҷавобгарии онҳо ба миён меояд. Номуайян будани мақоми ҳуқуқии миёнаравҳои иттилоотӣ яке аз монеаҳо дар роҳи рушди инфрасохтори соҳаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва таъмини дастрасии озоди кафолатноки ҳамаи шаҳрвандон ба иттилоот хоҳад буд. Вобаста ба ин ҳолат меъёрҳое, ки муносибатҳоро дар соҳаи миёнарави иттилотӣ, хизматрасонии алоқа ва дигар муқаррароти умумӣ дар бораи хизматрасониҳо ба танзим медароранд, бояд истифода карда шаванд.

Таҳқиқотҳо муайян намуд, ки миёнарави иттилоотӣ истилоҳи ҳуқуқи маданӣ мебошад,  аммо дар қонун мафҳум ва моҳияти ин институти нав пурра инъикос наёфтааст. Бо вуҷуди он ки қонунгузор истилоҳи миёнарави иттилоотиро истифода мебарад, татбиқи ҳуқуқи меъёри зикршуда дар марҳилаи татбиқ бо ҷузъи иттилоотӣ-техникӣ рӯ ба рӯ мешавад, зеро таърифи возеҳ, васеъ ва якхелақабулшуда, вобаста ба мафҳуми миёнарави иттилоотӣ вуҷуд надорад.

Чунин муқаррароти мантиқии қонун масъалаи қонунияти онро ба миён меорад: «ки онро намояндагони ҷомеаи илмӣ борҳо баррасӣ кардаанд» [112, с. 336]. Ҳамин тавр, дар таълимоти ҳуқуқии мамлакатҳои хориҷӣ ва таҷрибаи судии онҳо, вобаста ба миёнарави иттилоотӣ, системаҳои ҷустуҷӯӣ, корбарони шабакаи интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, парки иттилоотӣ, агрегатҳои хабарӣ, шабакаҳои интернетӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Дар давраҳои гуногун системаи ҷустуҷӯии Яндекс, провайдерҳои хостинг, масалан, сомонаҳое ба монанди телевизиони онлайнӣ мазмуни мусиқӣ чунин эътироф карда шуданд – Pleer.com, шабакаҳои иҷтимоӣ – масалан, WhatsApp, ВКонтакте, видеохостингҳо, трекерҳои торрент ва ғайра. Хусусияти фарққунандаи мақоми миёнарави иттилоотӣ реҷаи махсуси ҷавобгарии он мебошад.

Чунин амалҳо ҳамчун вазифаҳои миёнарави иттилоотӣ тасниф карда мешаванд. Аммо, тавре ки  нишон дода мешавад, дар амал на ҳамаи ин субъектҳо ҳамчун миёнарави иттилоотӣ эътироф карда мешаванд. Ин аз як

қатор камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии ин субъекти мавриди назар ба вуҷуд меояд. Масалан, тибқи қ. 6 м. 15.7 Қонуни ФР, аз 27 июли соли 2006, № 149-ФЗ «Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот» дар давоми бисту чор соат аз лаҳзаи гирифтани ариза ё маълумоти аз ҷониби аризадиҳанда такмилёфта соҳиби сомона дар шабакаи интернет уҳдадор аст, ки маълумоти дорои объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ё марбут ба соҳиби ҳуқуқро бе иҷозати соҳиби ҳуқуқ хориҷ кунад. «Тавре ки дар адабиёти илмӣ дуруст қайд карда мешавад, танзими тартиби баррасии чунин огоҳиномаҳо дар қонунгузории ФР дар амал барои миёнарави иттилоотӣ ғайриимкон аст» [177, с. 180].

Дар асоси маводҳои таҳлилшуда моро мебояд, ки аломатҳои хосси миёнаравҳои иттилоотиро муайян намоем.

Агар субъект хизматҳои алоқаи техникӣ ва автоматикунонидашударо ба таври ғайрифаъол ва бетараф ба мундариҷаи интиқолшаванда ё интишоршавандаи шахси сеюм ишора кунад, аммо аз ҷиҳати техникӣ қодир набошад, ки мундариҷаи ғайриқонуниро нест кунад ва ё дастрасӣ ба шабакаро қатъ кунад, пас ин аз моҳияти миёнаравии иттилоотӣ, ки дар қонунгузор дар меъёрҳои м. 1251 КМ ҶТ далолат мекунад.

Азбаски аломатҳои миёнарави иттилоотӣ бояд ба вазифаҳои он мувофиқат кунанд, пас, ғайр аз ҷузъи техникӣ ва ғайрифаъол, хусусияти фаъолияти он бояд унсурҳои фаъолияти технологиро барои ҳифз ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои дахлдор дар бар гирад. Агар шахс хизматҳои дорои хусусияти техникиро дар шабакаи иттилоотӣ ва телекомуникатсионӣ иҷро кунад, аммо қобилияти ҷой кардани иттилоот ё дастрасӣ ба иттилоотӣ дар шабака мавҷудбударо надошта бошад, пас чунин субъект наметавонад ҳамчун миёнарави иттилоотӣ эътироф карда шавад, зеро ӯ қодир нест ҳифзи ҳуқуқҳои маданиро кафолат диҳад ва чунин зарурат аз моҳияти м. 1251 КМ ҶТ бармеояд, ки дар мундариҷаи он табиати ҳуқуқӣ, моҳият ва хусусиятҳо инчунин шартҳои ҷавобгарии миёнарави иттилоотӣ, ки ба ҳамдигар вобастаанд, муайян карда шудааст.

Тавре муаллиф қайд мекунад: «дар ҷаҳон муносибате бартаридошта ҳисобида мешавад, ки мувофиқи он миёнарави иттилоотӣ танҳо дар фаъолияти шахс дар соҳаи техникӣ бошад ва инчунин миёнарав ба муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба фурӯши молҳо дахолат накунад» [196, с. 132].

Тавре ки мебинем, ба ғайр аз хизматрасонии техникӣ ва ғайрифаъол, миёнарави иттилоотӣ вазифаи таъхирнопазири монеаи фаъолро дар дастрасӣ ба мундариҷаи ғайриқонунӣ дар шабака иҷро мекунад, яъне дар мавриди истифодаи мундариҷа, миёнарав ғайрифаъол мебошад, аммо ҳангоми ошкор кардани қонуншиканӣ ё огоҳинома дар бораи он ё дар натиҷаи иҷрои санади судӣ, ӯ вазифадор аст, ки ба раванди технологӣ дар шабака дахолат кунад ва барои бартараф кардани вайронкунии ҳуқуқи шахсони манфиатдор чораҳои зарурӣ андешад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо миёнарави иттилоотӣ – шахсест, ки мустақиман бо иттилоот ё маводҳо ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахсони дигар дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷойгирнамуда, фаъолият мекунад, инчунин хизматрасониҳои телекомуникатсионӣ мерасонанд, аз номи хеш амал мекунад ва фаъолияти худро дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом медиҳад. Дар ҶТ ин шахсон операторони алоқаи мобилӣ ва интернет-провайдерон буда, дар шакли ҷамъиятҳои хоҷагӣ фаъолият доранд.

Хизматрасонии онҳо ҳамчун қоида муздднок буда, аз маҷмуи амалҳои муайян иборат мебошад, ки ба мазмуни ухдадориҳои миёнаравони иттилоотӣ мутобиқ мебошанд. Мавзуи чунин хизматрасониҳо маҳз иттилооти рақамӣ мебошад. Иттилооте, ки тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ миёнарав дар асоси ташаббус ё дар асоси дархости истифодабарандаи хизматрасонии алоқаи барқӣ мефиристад, қабул мекунад, нигоҳ медорад ва ҷиҳати мусоидат барои иштирок дар бозори итттилоотӣ хизмат мекунад.

## 1.2. Таносуби вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ва дигар миёнаравҳо дар муомилоти маданӣ

Имрӯз таносуби вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ дар ҶТ ва қонунгузори миллӣ бо якчанд принсипҳои асосӣ муайян карда мешавад:

– миёнарави иттилоотӣ бояд принсипҳои махфият ва ҳифзи маълумоти шахсиро риоя кунанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо наметавонанд маълумоти шахсии муштариёнро бидуни розигӣ ё иҷозати онҳо ифшо кунанд;

– миёнарави иттилоотӣ бояд маълумоти дақиқ ва боэътимод пешниҳод кунанд. Онҳо барои тафтиши дурустии иттилоот пеш аз паҳн кардани он масъуланд. Агар маълумот бардурӯғ ё гумроҳкунанда бошад, миёнарави иттилоотӣ метавонад ба ҷавобгарӣ кашида шавад;

– миёнарави иттилоотӣ бояд қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунро риоя кунанд. Масалан, онҳо бояд қоидаҳои таблиғотӣ ва зиддиинҳисорӣро риоя кунанд. Ғайр аз он, миёнаравҳои иттилоотӣ барои хизматҳои худ ҳуқуқ ба подошпулӣ доранд. Аммо, андозаи ин подошпулӣ бояд одилона буда ба шароити бозор мувофиқат кунад.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ шахсе, ки шабакаҳои иттилоотӣ, захираҳо ва технологияҳои иттилоотиро дар даст дорад, бо истилоҳҳои гуногун амал мекунад: аз ҷумла, провайдерҳои хизматрасонанда, миёнаравҳои иттилоотӣ, шахсоне, ки хизматрасониро дар шабакаҳои интернетӣ ба шаҳрвандон мерасонанд. Дар таҷрибаи байналмилалӣ ва пеш аз ҷорӣ шудани чунин субъект провайдери хизматрасон истифода мешуд.

Илми ҳуқуқи маданӣ ҳанӯз табиати ҳуқуқии ин падидаро муайян накардааст, аммо мақоми ҳуқуқии он имрӯз барои амалияи татбиқи ҳуқуқ аҳаммияти муҳим дорад.

Вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ аз як тараф муайян карда мешавад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии асосӣ, хулоса, тағйир ва қатъи он тавассути низоми иттилоотӣ ва аз тарафи дигар бо

имкониятҳои технологии ин низом сурат мегирад. Таҳлили гузаронидашуда зарурати такмили минбаъдаи вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотиро ба миён меорад.

Рушди технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи технологияҳо бо тадриҷи калон ба зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки равандҳои автоматикунонидашудаи қабули қарорҳо бо оқибатҳои ҳуқуқӣ барои иштирокчиёни муносибатҳои дахлдор амалӣ карда шаванд. Истифодаи технологияҳои рақамӣ барои татбиқи хизматҳои дахлдори миёнарави иттилоотӣ хавфҳои иловагии марбут ба зарурати таъмини амнияти иттилоотии корбаронро дар бар мегирад.

Вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар муомилоти маданӣ як мушкилии мураккаб ва рушдёбанда аст, ки ҳам барои шахсони алоҳида ва ҳам барои ширкатҳо оқибатҳои назаррас дорад. Дар солҳои охир эътирофи аҳаммияти дастрасӣ ба иттилоот ва қобилияти ҳалли самараноки баҳсҳо дар муомилоти маданӣ афзоиш ёфтааст. Ин эътироф ба як қатор тағйироти қонунгузорӣ оварда расонд, ки ба ҳимоя ва таҳкими ҳуқуқҳои миёнарави иттилоотӣ равона карда шудаанд.

Яке аз саволҳои калидӣ дар муҳокима дар бораи ҳуқуқҳои миёнарави иттилоотӣ тавозуни байни махфият ва шаффофият мебошад. Аз як тараф, шахсони алоҳида ва корхонаҳо барои ҳифзи манфиатҳои худ ва нигоҳ доштани бартариҳои рақобатӣ ба махфияти маълумоти муайян манфиати қонунӣ доранд. Аз тарафи дигар, шаффофият барои таъмини адолат ва ҳисоботдиҳӣ дар муомилоти маданӣ зарур аст.

Дар солҳои охир тамоюли афзоиши шумораи муомилоти ҳуқуқии маданӣ ба назар мерасад, ки қисман бо рушди технологияҳо, ки дастрасӣ ва мубодилаи иттилоотро осон кардаанд, вобаста аст.

Дар айни замон, интернет  шабакаи динамикии пешрафта ба ҳисоб рафта, он пайвастшавӣ, дастрасии зуд ва мубодилаи иттилооти корбаронро дар саросари ҷаҳон ба амал мебарорад. Аз ин хулоса бароварда мешавад, ки равандҳои иттилоотии интиқол ва нигоҳдории ҳама гуна иттилоот як тартиби мураккаби бисёрсатҳа мебошанд ва субъектҳои махсуси муносибатҳои

иттилоотию ҳуқуқӣ барои таъмини он масъуланд. Субъектҳои мазкур, ки ба корбарон таҷҳизот ва технологияҳои худро барои нигоҳ доштани иттилоот, ташкил ва таъмини равандҳои мубодилаи иттилоот пешниҳод мекунанд, имрӯз ба худ номи миёнарави иттилоотиро касб намудаанд.

Бояд гуфт: «санади меъёрӣ-ҳуқуқии асосие, ки вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотиро муайян мекунад, КМ ҶТ мебошад. Албатта КМ  ҶТ дар м. 1251 «Хусусиятҳои масъулият барои риоя накардани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ»-ро дар бар мегирад. Ҳамин тавр аз матни моддаи мазкур аломатҳои зеринро мо ҷудо карда метавонем: Миёнарави иттилоотӣ субъектест, ки маводро ба шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ (аз ҷумла интернет) интиқол медиҳад, имкон медиҳад, ки мавод ё иттилооте, ки барои гирифтани он бо истифода аз шабакаи иттилоотӣ зарур аст, ҷойгир карда шавад ва дастрасӣ ба маводро дар ин шабака таъмин кунад. Ҳамин тариқ, КМ ҶТ се хусусияти ҳар як намуди миёнаравҳои иттилоотиро ҷудо мекунад ва онҳоро ба намудҳо тақсим мекунад» [7].

Албатта бояд қайд кард, ки ба сифати субъект вобаста ба миёнарави иттилоотӣ ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ баромад карда метавонанд ва худи миёнаравӣ иттилоотӣ ба худ аломатҳои махсусро доро мебошад.

Аломати якум – миёнарави иттилоотӣ шахсест, ки иттилоотро дар интернет интиқол медиҳад. Ба ин салоҳиятҳои техникӣ ва автоматикунонидашудаи интиқоли иттилоот дохил мешаванд, ки аз ҷониби дигар субъектҳо оғоз карда мешаванд. Мисол, операторони алоқаро таъкид кардан ба маврид аст, зеро онҳо дастрасӣ ба шабакаи интернетро таъмин мекунанд. Инчунин хизматрасониҳои интернетӣ, ки интиқоли паёмҳоро байни шахсони алоҳида амалӣ мекунанд, дохил карда мешаванд. Ба ҳамин намуд шабакаҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд, зеро онҳо қобилияти техникии паёмнависиро доро мебошанд.

Аломати дуюм – миёнарави иттилоотӣ шахсест, ки имконияти ҷойгиркунии иттилоотро дар шабакаҳои иттилоотӣ ва телекомуникатсионӣ таъмин мекунад. Чунин шахс барои идоракунии инфрасохтори техникии заруриӣ инчунин барои ҷойгиркунӣ ва дастрасии доимии иттилоот масъул мебошанд.

Аломати сеюм – миёнарави иттилоотӣ мебошад, ки дастраси ба мавод ё маълумоти заруриро барои гирифтани онҳо тавассути шабакаи интернет таъмин мекунад. Ин навъи миёнаравҳои иттилоотӣ барои ҷойгиркунии мундариҷае, ки ҳуқуқи истисноии шахси сеюмро вайрон мекунад, масъул нестанд, онҳо бо маълумоте, ки барои гирифтани он бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ зарур аст алоқаманд ба шумор меравад. Ба ин гурӯҳ трекерҳои торрентӣ, хизматрасониҳои ҷустуҷӯӣ, сомонаҳои интернетӣ, ки дар онҳо гипер-пайвандҳо ба мундариҷаи ғайриқонунӣ ҷойгир карда шудаанд, хизматрасониҳои рекламаи матнӣ, ба монанди Google ва Yandex, Директ, ки ҳамаи ин хизматрасониҳо барои ба даст овардани маълумот ба шаҳрвандон шароит фароҳам меоваранд.

Боиси қайд аст, ки мафҳуми вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар қонунгузории кишвар дарҷ нашудааст. Ин боис мегардад, ки мо барои таҳлил намудани моҳияти миёнарави иттилоотӣ таваҷҷуҳи бештар намоем.

Баъзе муҳаққиқон чунин мегӯянд, ки миёнарави иттилоотӣ ин мафҳуми мураккаб аст. Он якчанд субъектҳоро дар бар мегирад, ки занҷири байни соҳиби ҳуқуқ, иҷрокунандаи ин хизмат ва паҳнкунандаи молро ташкил медиҳанд.

Оид ба ин масъала муаллиф изҳор медорад, ки дар маҷмуъ ду нафар ҳамчун миёнарави иттилоотӣ баромад карданд, ки яке аз онҳо бо интиқоли маълумот, дигаре бо нигоҳдории маълумот машғул буд [36].

С. В. Новикова бошад, аломатҳои миёнарави иттилоотиро чунин ҷудо мекунад:

1). Ба сифати объект неъмати ғайримоддӣ (ҳуқуқ ба иттилоот) амал мекунад;

2). Фаъолияти миёнарави иттилоотӣ хусусияти музднокро доро мебошад;

3). Фаъолияти миёнарави иттилоотӣ хусусияти ғайримоддии натиҷаи хизматрасониҳоро ба худ касб мекунад;

4). Фаъолияти миёнаравҳои иттилоотӣ хусусияти кафолатнокиро доро намебошад»;

5). Шарти ҳатмӣ – мавҷудияти талаботи махсуси ба миёнаравҳои иттилоотӣ мебошад» [154, с. 157; 155].

Таносуби мақоми ҳуқуқ ба миёнаравии иттилоотӣ дар муомилоти ҳуқуқии дар ҷомеаи муосир, бахусус дар заминаи муомилоти ҳуқуқии маданӣ нақши муҳим мебозад. Дар ИМА ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайяни миёнаравҳои иттилоотӣ мавҷуданд, ки тибқи қонунҳои алоҳида танзим карда мешаванд.

Тавозуни ҳуқуқ ба миёнаравии иттилоотӣ дар муомилоти ҳуқуқии маданӣ дар ИМА бо якчанд принсипҳои асосӣ муайян карда мешавад. Аввалан, миёнаравҳои иттилоотӣ бояд принсипҳои махфият ва ҳифзи маълумоти шахсиро риоя кунанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо наметавонанд маълумоти шахсии муштариёнро бидуни розигӣ ё иҷозати онҳо ифшо кунанд.

Дуюм, миёнаравҳои иттилоотӣ бояд маълумоти дақиқ ва боэътимод пешниҳод кунанд. Онҳо барои тафтиши дурустии иттилоот пеш аз паҳн кардани он масъуланд. Агар маълумот бардурӯғ ё гумроҳкунанда бошад, миёнарави иттилоот метавонад ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Сеюм, миёнаравҳои иттилоотӣ бояд меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунро риоя кунанд. Масалан, онҳо бояд қоидаҳои таблиғотӣ ва зиддиинҳисориро риоя кунанд. Ғайр аз он, миёнаравҳои иттилоотӣ барои хизматҳои худ ҳуқуқ доранд. Аммо, андозаи ин мукофот бояд оқилона бошад ва ба шароити бозор мувофиқат кунад.

Ҳамин тариқ, тавозуни ҳуқуқҳои миёнаравии иттилоотӣ дар муомилоти ҳуқуқии маданӣ дар ИМА ба принсипҳои махфият, эътимоднокии иттилоот

ва риояи қонун асос ёфтааст. Миёнаравҳои иттилоотӣ дар таъмини фаъолияти самараноки бозор ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон нақши муҳим доранд.

Мақоми ҳуқуқи миёнаравии иттилоотӣ дар муомилоти граждании ИМА як мушкили мураккаб ва рушдёбанда аст, ки ҳам барои шахсони алоҳида ва ҳам барои ширкатҳо оқибатҳои назаррас дорад. Дар солҳои охир эътирофи аҳаммияти дастрасӣ ба иттилоот ва қобилияти ҳалли самараноки баҳсҳо дар муомилоти афзоиш ёфтааст. Ин эътироф ба як қатор тағйироти қонунгузорӣ ва судӣ оварда расонд, ки ба ҳимоя ва таҳкими ҳуқуқҳои миёнарави иттилоотӣ равона карда шудаанд.

Яке аз саволҳои калидӣ дар муҳокима дар бораи ҳуқуқҳои миёнаравии иттилоотӣ тавозуни байни махфият ва шаффофият мебошад. Аз як тараф, шахсони алоҳида ва корхонаҳо барои ҳифзи манфиатҳои худ ва нигоҳ доштани бартариҳои рақобатӣ ба махфияти маълумоти муайян манфиати қонунӣ доранд. Аз тарафи дигар, шаффофият барои таъмини адолат ва ҳисоботдиҳӣ дар муомилоти ҳуқуқии маданӣ зарур аст. Вазифаи сиёсатмадорон ва судҳо пайдо кардани тавозуни дуруст байни ин манфиатҳои рақобатпазир мебошад.

Дар солҳои охир тамоюли афзоиши шумораи муомилоти ҳуқуқии маданӣ ба назар мерасад, ки қисман бо рушди технологияҳо, ки дастрасӣ ва мубодилаи иттилоотро осон карданд, вобаста аст. Масалан, дар айни замон бисёре аз судҳо аз тарафҳо талаб мекунанд, ки иттилооти дахлдорро дар ҷараёни тафтишот ифшо кунанд ва баъзе ҳолатҳо қоидаҳое қабул менамоянд, ки аз тарафҳо ихтиёран мубодилаи маълумотро бо мақсади мусоидат ба гуфтушунидҳои ҳисоббаробаркунӣ талаб мекунанд.

Дар айни замон, эътирофи аҳаммияти миёнаравӣ ҳамчун воситаи ҳалли баҳсҳо берун аз низоми анъанавии судӣ меафзояд. Миёнаравӣ ба тарафҳо дар аксар вақт метавонад ба натиҷаҳои зудтар ва қаноатбахш оварда расонад. Аммо, барои самаранок будани миёнаравӣ, тарафҳо бояд ба иттилооти

дахлдор дастрасӣ дошта бошанд ва аз мавқеи дониш ва ҳамдигарфаҳмӣ гуфтушунид кунанд.

Яке аз масъалаҳои калидии ҳуқуқ ба миёнаравии иттилоотӣ дар муомилоти маданӣ масъалаи махфият мебошад. Бисёре аз тарафҳо аз мубодилаи маълумоти махфӣ дар ҷараёни миёнаравӣ худдорӣ мекунанд, зеро метарсанд, ки он дар оянда бар зидди худи онҳо истифода мешавад. Дар посух ба ин нигаронӣ, бисёр давлатҳо қонунҳое қабул карданд, ки махфияти паёмҳои миёнаравиро ҳифз мекунанд ва истифодаи онҳоро ҳамчун далел дар суд манъ мекунанд.

Масъалаи дигари муҳим дар муҳокимаи ҳуқуқ ба миёнаравии иттилоотӣ нақши миёнаравҳои беруна мебошад. Миёнаравҳои тарафи сеюм дар мусоидат ба муошират байни тарафҳо ва кумак ба онҳо дар расидан ба созишномаҳои қобили қабул нақши ҳалкунанда доранд. Аммо, нигарониҳо дар бораи беғаразӣ ва салоҳияти баъзе миёнаравҳо, инчунин ихтилофи эҳтимолии манфиатҳо баён карда шуданд.

Дар маҷмуъ, миёнаравии иттилоот дар таъмини адолат, самаранокӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ нақши муҳим мебозад. Бо дастгирии ҳифзи дахолатнопазирӣ, таъмини беғаразонаи миёнарав, мусоидат ба дастрасии иттилоот, татбиқи механизмҳои маҷбуркунӣ, истифодаи пешрафтҳои технологӣ ва пешбурди ташаббусҳои таълимӣ, сиёсатмадорон ва ҷонибҳои манфиатдор метавонанд дар якҷоягӣ барои таҳкими ҳуқуқҳои миёнаравии иттилоотӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди миёнаравӣ ҳангоми ҳалли баҳсҳо фаъолият намоянд.

Имрӯз меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти миёнаравҳои иттилоотиро танзим мекунанд, дар қонунгузории ҶТ ва КМ ҶТ то андозае муқаррар шудаанд.

С. С. Алексеев қайд менамояд, ки миёнарави иттилоотӣ бо хусусиятҳои худ воқеан метавонад барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии ҳуқуқӣ бошад. Ӯ метавонад мустақилона ҳуқуқ, уҳдадориҳо ба даст оварад, инчунин

уҳдадориҳои марбут ба амалисозии фаъолияти худро ба дӯш гирад [25, с. 138].

Танзими вазъи ҳуқуқии миёнаравҳои иттилоотӣ, ба ақидаи ӯ, тавассути муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо вобаста ба иштироки онҳо дар мубодилаи иттилоот амалӣ карда мешавад. Инчунин танзими масъулияти ҳуқуқии миёнаравҳои иттилоотӣ дар ҳолатҳое муҳим аст, ки хизмати онҳо аз ҷониби шахсони сеюм барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба паҳн кардани иттилооти ғайриқонунӣ истифода мешавад [25, с.138].

Тавре ки Е.А.Павлова қайд мекунад: «миёнаравҳои иттилоотӣ, чун қоида, худашон амалҳои содиркунандаи ҳуқуқвайронкуниро анҷом намедиҳанд. Аммо фаъолияти миёнаравҳои иттилоотӣ метавонад ба он оварда расонад, ки иттилооте, ки паҳншавии он манъ аст, дастраси умум мегардад. Ҳолате ба миён меояд, ки миёнаравҳои иттилоотӣ бидуни содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар содир намудани онҳо саҳм мегузоранд» [41]. Бинобар ин, миёнаравҳои иттилоотӣ вазифадоранд, ки барои бартараф кардан ё маҳдуд кардани дастрасӣ ба иттилооти ғайриқонунӣ чора андешанд. Онҳо барои иттилооти ғайриқонунӣ, ки дар паҳн кардани онҳо саҳм мегузоранд, масъуланд. Аз як тараф, миёнаравҳои иттилоотӣ набояд дар ҳолатҳое бетараф бошанд, ки аз хизмати онҳо барои содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо истифода шавад. Аз тарафи дигар, барои ҳама гуна амали муштариёнаш дар ҳама ҳолатҳо ҷавобгар будани миёнарави иттилоотӣ на танҳо беадолатона, балки бемаънӣ ҳам хоҳад буд – зеро провайдер аксар вақт онҳоро пайгирӣ карда наметавонад.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои марказие, ки ҳангоми танзими вазъи ҳуқуқии миёнаравҳои иттилоотӣ ҳал карда мешаванд, ин масъалаҳое мебошанд, ки аз миёнарави иттилоотӣ барои нест кардан ё маҳдуд кардани дастрасии иттилооти ғайриқонунӣ, тавассути хизматрасонии он паҳн карда мешавад. Дар баробари ин дар кишварҳои гуногун барои танзими вазъи ҳуқуқии миёнаравҳои иттилоотӣ равишҳои гуногунро ба роҳ мондаанд. Вобаста аз доираи масъулият ва имконияти ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани

миёнаравҳои иттилоотӣ ҳангоми истифодаи хизматҳои онҳо барои паҳн кардани иттилооти ғайриқонунӣ, мо метавонем кишварҳоеро муайян кунем, ки дар онҳо миёнаравҳои иттилоотӣ масъулиятҳои бештар вобаста ба пешбурди фаъолияти хеш доро мебошанд [3]. Миёнаравҳои иттилоотӣ ҳангоми истифодаи хизматҳо барои паҳн кардани иттилооти ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии қонунӣ кашида мешаванд ва дар кишварҳое, ки миёнаравҳои иттилоотӣ чунин масъулиятро камтар доро мебошанд, ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо душвортар мегардад.

Агар вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотиро дар мамлакатҳои хориҷӣ назар кунем, дар Канада вазъи ҳуқуқи миёнарави иттилоотӣ, ки дар муомилоти маданӣ қарор дорад, бо қонун дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва қонун дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ ва ҳуҷҷатҳои электронӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Қонун дар бораи ҳуқуқи муаллиф дар ИМА чунин дарҷ карда шудааст: «миёнаравҳои иттилоотӣ, ба монанди провайдерҳои хизматрасони интернет, ширкатҳои хостингӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба шумор меравanд, ки дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошанд» [187]. Миёнаравҳои иттилоотӣ метавонанд аз ҷавобгарӣ барои вайронкунии ҳуқуқи муаллиф озод карда шаванд, агар онҳо софдилона амал карда бошанд ва бидуни донистани вайронкунӣ, дастрасӣ ба маълумоти паҳнкардаро пас аз гирифтани огоҳинома дар бораи вайронкунӣ нест кунанд ё ғайрифаъол кунанд ё бо соҳибони ҳуқуқ барои пешгирӣ намудани вайронкунии такрорӣ ҳамкорӣ кунанд.

Бояд гуфт, ки санадҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ қоидаҳои коркард ва интиқоли маълумоти шахсиро муқаррар мекунад. Миёнаравҳои иттилоотӣ бояд ин қоидаҳоро барои ҳифзи махфият ва амнияти маълумоти шахсии корбарон риоя кунанд.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки қонунгузории кишварамон дар ин соҳа метавонад бо мурури замон тағйир ёбад, аз ин рӯ зикр кардан бамаврид аст, ки барои гирифтани маълумоти дақиқ дар бораи қоидаҳо ва талаботҳои мавҷуда бо машварат амал кардан беҳтар ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлили адабиётҳои мазкур мо ба хулосае омадем, ки мақоми ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар муомилоти маданӣ дар Канада аҳамияти бештар пайдо намудааст, зеро имрӯзҳо истифодаи миёнаравӣ ҳамчун механизми ҳалли баҳсҳо васеъ шуда истодааст. Дар ин таҳлили ҳамаҷониба мо вазъи кунунии ҳуқуқҳои миёнаравии иттилоотиро дар ҶТ дар чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ, мулоҳизаҳои ахлоқӣ, пешрафтҳои технологӣ ва мушкилотеро, ки ҷиҳати татбиқи самараноки ин ҳуқуқҳо дучор меоянд, меомӯзем. Ҳангоми таҳқиқи таносуби мақоми ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар муомилоти маданӣ дар Тоҷикистон, мо мекӯшем, ки фаҳмиши муфассали ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии раванди миёнаравӣ дар заминаи қонунгузории Тоҷикистонро таъмин кунем.

Агар ба заминаи қонунгузории мамлакат назар кунем мебинем, ки Тоҷикистон дорои заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ мебошад, ки миёнавиро то андозае танзим мекунад ва ҳуқуқҳои тарафҳои дар созишномаҳои ҳуқуқии маданӣ иштирокдоштаро ҳимоя мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои асосии заминаи қонунгузории Тоҷикистон ҳифзи махфият ҳангоми гузаронидани миёнаравӣ мебошад. Зеро пешрафти техника ва технология имрӯз ба мақоми ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар муомилоти маданӣ дар Тоҷикистон таъсири назаррас гузошт. Истифодаи платформаҳои онлайнӣ барои миёнаравӣ ва воситаҳои муоширати виртуалӣ иштироки фосилавии тарафҳоро дар миёнаравӣ осон кард, монеаҳоро барои дастрасӣ коҳиш дод ва самаранокии раванди ҳалли баҳсҳоро баланд бардошт. Аммо, нигарониҳо дар бораи амният ва махфияти маълумот мушкилоти эҳтимолӣ дар муҳити онлайнӣ шуданд, ки зарурати чораҳои боэътимодро барои ҳифзи иттилооти махфӣ, ки дар ҷараёни мурофиаи виртуалӣ интиқол дода мешаванд, таъкид мекунанд.

Бо вуҷуди ин мушкилот, пешрафти техникӣ метавонад самаранокии миёнаравиро баланд бардорад ва ба тарафҳо ҳангоми ҳалли баҳсҳои онҳо чандирӣ ва дастрасии бештар диҳад. Бо истифода аз технология барои осон кардани муошират, табдили бехатарии ҳуҷҷатҳо ва баргузории вохӯриҳои

виртуалӣ, миёнаравҳои иттилоотӣ метавонанд ба риояи ҳуқуқҳои миёнаравии иттилоотӣ кумак расонанд ва ҳамзамон самаранокии фаъолияти хешро ба ҳамаи тарафҳо кафолат диҳанд.

Дар баробари пешравиҳо пас аз қабули КМ ҶТ вобаста ба миёнарави иттилоотӣ баъзе мушкилотҳо низ ба назар мерасанд. Гарчанде ки Тоҷикистон вобаста ба ҳимояи ҳуқуқҳои миёнарави иттилоотӣ дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст овардааст, ҳанӯз ҳам мушкилоте мавҷуданд, ки барои минбаъд баланд бардоштани мақоми ин ҳуқуқҳо бояд ҳал карда шаванд. Яке аз масъалаҳои калидӣ таъмини мутобиқат дар татбиқи чораҳои ҳифзи дахолатнопазирӣ дар тамоми соҳаҳои гуногуни амалия мебошад.

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ на танҳо дар КМ ҶТ, балки дар дигар қонунгузориҳои соҳавӣ низ ба танзим дароварда шудааст. Аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» аз 24 декабри соли 2022, № 1921 [15], «Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 08 августи соли 2001, № 389 [10] тасдиқ шудааст, танзим мегардад.

Дар баробари миёнарави иттилоотӣ, инчунин дигар миёнаравҳои муомилоти маданӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла миёнаравҳо дар шартномаи агентӣ, инчунин миёнаравони молиявӣ, миёнарави суғуртавӣ, миёнарави тиҷоратӣ ва ғайра шуда метавонанд.

Чи тавре ки дар боло дарҷ намудем, дар муомилоти мадани миёнарави суғуртавӣ низ мавҷуд мебошад, ки мо онро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Ташкилотҳои суғуртавӣ метавонанд мустақиман ё тавассути миёнаравҳо фаъолияти суғуртавиро амалӣ намоянд, инчунин барои ин кор шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқиро ваколатдор намоянд. Миёнарави ташкилоти суғуртавӣ ин агентҳои суғуртавӣ ва брокерони суғуртавӣ мебошанд.

Агенти суғуртавӣ – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки фаъолиятро оид ба ташкили бастани шартномаҳои суғурта аз ном ва бо супориши

ташкилоти суғуртавӣ анҷом медиҳад. Агенти суғуртавӣ намояндаи суғуртакунанда мебошад.  Аз ин рӯ, шартномаи суғурта, ки агенти суғуртавӣ бастааст, шартномаест, ки худи суғуртакунанда бастааст.  Бо мақсади намояндагӣ кардани суғуртакунанда дар муносибат бо муштариён (яъне суғурташавандагони эҳтимолӣ), агенти суғуртавӣ одатан дорои ваколатномаест, ки ҳамзамон салоҳияти онро муайян мекунад. Агенти суғуртавӣ шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ буда метавонанд. Муносибатҳои байни агенти суғуртавӣ ва суғуртакунанда дар асоси шартномаи супориш ва шартномаи агентӣ танзим мешавад.

Брокери суғуртавӣ – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки фаъолиятро оид ба хизматрасонии брокери суғуртавӣ барои анҷом додани амалиёти ҳуқуқӣ ва дигар амалҳо нисбати бастан, тағйир додан, қатъ намудан ва иҷрои шартномаҳои суғуртаро бо супориши шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (суғурташавандагон) аз номи худ, вале аз ҳисоби шахсони мазкур ё иҷрои амалиёти ҳуқуқӣ, ё дигар амалҳоро нисбати бастан, тағйир додан, қатъ намудан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) аз номи суғурташавандагон ё ташкилоти суғуртавӣ ва аз ҳисоби онҳо иҷро менамояд, инчунин фаъолияти машваратиро оид ба масъалаҳои суғуртавӣ анҷом медиҳад. Брокери  суғуртавӣ бояд дорои иҷозатнома бошад  ва он бояд ба таври ҳатми ба  қайд гирифта шавад.  Ду намуди фаъолияти  брокерӣ пешбинӣ шудааст: 1) брокери суғуртавӣ намояндаи суғурташаванда дар муносибат бо суғуртакунанда мебошад.  Дар  ин ҳолат брокери суғуртавӣ аз номи суғурташаванда дар муносибат бо суғуртакунанда баромад мекунад, чун қоида  дар асоси шартномаи агентӣ. Вазифаи он пайдо кардани суғуртакунанда барои суғурташаванда (муштарии худ) мебошад. Ин имконпазир аст, ки  (ин ба хусусияти салоҳияти аз ҷониби муштарӣ ба брокери суғуртавӣ  додашуда вобаста аст) муштарӣ метавонад ба ӯ иҷозати аз номи худ имзои шартномаро супорад. Дар ин ҳолат брокер ҳамчун намояндаи суғурташаванда баромад мекунад. 2) брокери суғуртавӣ фаъолияти

миёнаравӣ оид ба хизматрасонӣ барои бастани шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) аз номи худро дорад. Дар ин ҳолат, брокер оид ба бастани шартномаҳои суғурта  аз номи худ амал мекунад.  Асоси ҳуқуқӣ барои фаъолияти худ ин одатан шартнома оид ба расонидани хизмат, шартномаи комиссия ё шартномаи агентӣ  мебошад, ки имкони намояндаи худро аз номи худ пешбинӣ мекунад.

Ҳамин тавр, миёнарави суғуртавӣ аслан фаъолияти хешро бо корхонаҳое ба роҳ мемонанд, ки бояд шумораи зиёди хавфҳои гуногунро ба дӯш нагиранд, балки онҳоро ба суғуртакунанда, яъне ширкати суғурта супорад ва ҳангоми рух додани ҳодисаи ғайричашмдошт на танҳо аз ҳисоби худ ҷуброн намекунад, балки аз ҳисоби ширкати суғуртакунанда тамоми он зарари расидаро ҷуброн мекунад. Дар ин ҳолат, соҳибкор муайян мекунад, ки кадом хатарҳо ба суғуртакунанда фоидаоваранд ва кадомҳоро танҳо кам кардан мумкин аст, яъне эҳтимолияти рух додани ҳодисаи тасодуфии манфиро кам кардан мумкин аст.

Дигар намуди миёнарав ин миёнарави тиҷоратӣ мебошад. Зеро дар даҳсолаҳои охир дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҶТ тағйироти азим ба амал омаданд, аз ҷумла ташаккули иқтисоди бозорӣ боиси рушди соҳаҳои ҳуқуқи танзимкунандаи ин соҳа гардид. Институти миёнаравӣ бештар дар соҳаи муносибатҳои тиҷоратӣ рушд кардааст. Тавре ки дар боло қайд карда шуд, ин намояндагии тиҷоратӣ мебошад, ки аксар вақт бо миёнаравӣ бинобар хусусиятҳои хоси худ алоқаманд аст, ки инҳоро дар бар мегиранд: шартнома ҳамчун асоси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ. Муносибатҳо оид ба намояндагии тиҷорӣ дар аксари мавридҳо дар доираи муносибатҳои шартномавӣ қарор доранд. Ин фарқият аз намояндагии умумии ҳуқуқи маданӣ аст. Барои пайдоиши муносибатҳои мавриди назар як ваколатнома кифоя нест, бастани шартнома афзалият дорад. Аслан, ҳатто барои ба вуҷуд омадани муносибатҳо оид ба намояндагӣ як санад оид ба ваколати намоянда кифоя нест, зеро ваколатдиҳӣ уҳдадории иҷрои амалҳоеро ба вуҷуд

намеорад, ки ба ӯ ваколатдор шудааст. Розигии ӯ барои содир намудани амалҳои муайян зарур аст, ки бе онҳо муносибатҳои намояндагӣ, инчунин муносибатхои миёнаравӣ ба вуҷуд омада наметавонанд. Миёнаравӣ дар моҳияти худ ин пешниҳоди хизмат аст, бинобар ин, ин муносибатҳо асосан ба намудҳои гуногуни шартномаҳои хизматрасонӣ (миёнарав) асос меёбанд.

Дар муносибатҳои намояндагии тиҷоратӣ иштирокчиёни касбии бозор иштирок мекунанд, яъне соҳибкорон ҳарду ҷониб мебошанд. Вазифаҳои намояндагӣ ба таври доимӣ иҷро карда мешаванд, ин фаъолият манбаи асосии даромади ӯ мебошад. Инчунин барои ҳама гуна фаъолияти соҳибкории ҳуқуқӣ бақайдгирии давлатии субъект зарур аст. Дар айни замон аҳдҳои алоҳидаро танҳо шахсоне анҷом дода метавонанд, ки мақоми махсус ё иҷозатномаи пешбурди фаъолият дар соҳаи муайян доранд. Хусусияти муҳими намояндаи тиҷоратӣ мустақилияти он аст, ки вай бевосита ба муштарӣ тобеъ нест. Фаъолият дар соҳаи соҳибкорӣ сурат мегирад, яъне миёнарав ба бастани шартномаҳои байни соҳибкорон мусоидат мекунад ё ба манфиати чунин шахсон онро мебандад. Чун қоида, миёнаравҳо дар як соҳаи мушаххас, дорои дониш ва малакаҳои баланди ихтисос, иттилооти махсус, робитаҳои тиҷоратӣ ва ғайра мебошанд.

Ин имкони иқтисодӣ барои муштариён барои истифодаи хизматҳои худ мебошад. Аз ин рӯ, агент, ки дар соҳаи фаъолияти касбии худ нисбат ба вакил, ки ба сифати намояндаи тиҷоратӣ баромад мекунад, беҳтар огоҳ аст, ҳуқуқ дорад ба манфиати ваколатдиҳанда бе дархости пешакӣ аз супориши худ берун равад, ҳангоми дар муҳлати мувофиқ огоҳ намудани ӯ дар бораи амалҳои содиршуда. Илова бар ин, азбаски сухан дар бораи фаъолияти тиҷоратӣ меравад, дар бораи тамдиди низоми сирри тиҷоратӣ ба маълумот дар бораи муомилоти тиҷории анҷомдодашуда ҳатто пас аз анҷоми вазифаҳои намоянда зикр кардан лозим аст.

Яке аз аломатҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз он гирифтани фоида мебошад. Азбаски сухан дар бораи амалисозии чунин фаъолият меравад, мантиқан дар бораи музд ҳамчун як хусусияти хоси муносибатҳои намояндагии тиҷоратӣ ё миёнаравӣ сухан ронем. Эҳтимолияти музд дар муносибатҳои комиссия ба миёнаравӣ тиҷоратӣ ҳуқуқ медиҳад, ки аз тарафҳои шартнома пардохти ҳаққи хизмат ва ҷуброни хароҷоти ҳангоми иҷрои шартнома ба ӯ расонидашударо талаб намояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ки амали миёнарав ба воқеӣ ва ҳуқуқӣ тақсим карда шавад. Ба категорияи якум амалҳои воқеие дохил мешаванд, ки дар ҷустуҷӯи контрагент, гузаронидани гуфтушунидҳои пешакӣ, ба ҳам овардани тарафҳо ифода меёбанд. Ба категорияи дуюм амалҳое дохил мешаванд, ки барои онҳо сифати факти ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, яъне он амалҳое, ки боиси оқибатҳои муайяни аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим мебошанд, яъне бастани шартномаҳо. Дар баробари ин, инчунин нишон дода мешавад, ки шартномаҳоеро, ки дар асоси онҳо миёнаравҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ амал мекунанд, фарқ кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, муносибатҳо оид ба пешниҳоди хизматҳои миёнаравӣ, ки дорои хусусияти воқеӣ мебошанд, метавонанд дар асоси шартномаи миёнаравӣ (ё ба таври дигар шартномаи миёнаравӣ, созишномаи миёнаравии тасодуфӣ номида шаванд) ҳал карда шаванд. Дар навбати худ, шартномаҳои танзимкунандаи миёнаравии «ҳуқуқӣ» шартномаҳои комиссия ва агентӣ, шартномаи экспедитсияи нақлиётиро дар бар мегиранд. Аммо, дар амал миёнаравӣ бештар аз анҷом додани амалҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст, ки барои барқарор кардани муносибатҳои ҳуқуқии байни ду ҷониб нигаронида шудааст, ки бештар ба воқеияти иқтисодӣ мувофиқат мекунад. Илова бар ин, дар асоси муқаррароти б. қ м. 199 КМ ҶТ, мо метавонем дар бораи доираи васеътари ҳуқуқ ва уҳдадориҳои намояндаи тиҷоратӣ дар муқоиса бо дигар намояндагон сухан гӯем. Ин имкони дар як вакт намояндагии тиҷоратии тарафҳои

гуногун дар аҳд, ки бо розигии онҳо ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозат дода шудааст, ифода меёбад.

Ҳамин тариқ, миёнаравии тиҷоратро метавон чунин баррасӣ кард: аз ҷониби миёнарав анҷом додани амалҳои воқеие, ки ба муштарӣ дар ворид шудан ба муносибатҳои ҳуқуқӣ бо шахсони сеюм (наздикшавии контрагентҳо ва бастани аҳдҳо) нигаронида шудааст, дар ҳоле, ки барои худи миёнарав нисбати шахсони сеюм оқибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Аз ҷониби миёнарав расонидани хизматрасонии иттилоотӣ ва тиҷоратӣ барои бастан ва иҷрои шартномаҳо ва интиқоли молҳои бо онҳо алоқаманд. Миёнарав, ки дар интиқоли мол аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда миёнаравӣ мекунад. Ба назар чунин менамояд, ки таърифи пешниҳодкардаи М.Р. Саркисян дуруст аст. Ба назари ӯ «миёнаравӣ ин институти ҳуқуқи уҳдадориҳо мебошад, ки муносибатҳоро дар соҳаи хизматрасони ба танзим медарорад, ки барои мусоидат намудан ба барқарор намудани робитаҳои ҳуқуқии байни муштариён тавассути иҷрои амалҳои қонунии дорои хусусияти ҳуқуқӣ ва фактӣ нигаронида шудааст» [158]. Ҳамин тариқ, бо ҳар гуна тафсири ин мафҳум комилан равшан аст, ки миёнаравии тиҷоратӣ дар ҳама шаклҳои зуҳури он як навъ намояндагии тиҷоратӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷараёни миёнаравии тиҷоратӣ миёнаравҳо метавонанд моликияти иншоотро пурра ё қисман ба даст оранд ё ба даст наоранд. Ин аз рӯйи намуди шартномае, ки байни миёнарав ва фармоишгар баста шудааст, инчунин дараҷаи мустақилияти миёнарав аз ширкати ҷалбкунандаи он, ки аз он вобаста аст. Муайян карда мешавад, ки имкониятҳои молиявии миёнарав мавқеи он дар бозор ва хусусияти хизматҳои пешниҳодшударо дар бар мегирад [151].

Фаъолияти ҳамаи миёнаравии тиҷоратӣ ба маънои васеътарини калима доираи васеи хизматҳои иловагиро дар бар мегирад; ҷустуҷӯи контрагент, таҳия ва ба расмият даровардани аҳдҳо, қарздиҳии тарафҳо ва таъмини пардохти мол аз ҷониби харидор, амалиёти экспедиторӣ, суғуртаи мол

ҳангоми интиқол ва нигоҳдорӣ, гумрук ва дигар расмиятҳо, инчунин таҳқиқоти маркетингӣ, фурӯш ва хизматҳои иттилоотии контрагент, гузаронидани чорабиниҳои таблиғотӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба пешбурди мол ба бозорҳо, гузаронидани хизматрасониҳои пеш аз фурӯш ва хизматрасонии ба он алоқаманд.

Аз нуқтаи назари баъзе муаллифони соҳаи иқтисодӣ ва аҳаммияти истифодаи хизматҳои миёнаравии тиҷоратӣ, фоиданокии амалҳои миёнарав аз ҷониби ҳамаи муштариён тавассути истифодаи хизматҳои миёнаравии тиҷоратӣ арзёбӣ карда мешавад. Баъзан муштарӣ қасдан ба хароҷоти хизматрасонии миёнаравӣ муроҷиат мекунад, ки аз хароҷоти худ зиёдтар аст, зеро онҳо ба ӯ дар баланд бардоштани сифат ва эътибори маҳсулот манфиатҳои дигар меоранд, таблиғи ӯро самараноктар мекунанд ва дар маҷмуъ обрӯйи ширкатро дар бозори мол тавассути салоҳият ва омодагии бештари миёнаравҳо дар ин ҷанбаҳо, илова бар фаъолияти истеҳсолӣ ё дигар фаъолиятҳо, баланд мебардоранд. Дар доираи миёнаравии тиҷоратӣ, фаъолияти миёнаравҳо ба се гурӯҳ тақсим карда мешавад: миёнаравҳо, ташкилотҳои маркетингӣ ва ташкилотҳои шабакаҳои нақлиётӣ.

Фурӯшандагон он тарафҳоеро, ки мехоҳанд шартнома бо тарафи дигар банданд, маҷбур мекунанд, ки аз номи фурӯшанда ва аз ҳисоби фурӯшанда амал кунанд ва имкони таъсир расонидан ба нархҳоро надоранд. Фаъолияти асосии фурӯшандагон, вазифаҳо ва амалиёти онҳо вобаста ба ҷойгиршавии онҳо дар занҷири ҳаракати молҳо муайян карда мешаванд, ба онҳо дохил мешаванд: комиссионерҳо, агентҳо, брокерҳо, дилерҳо, дистрибюторҳо ва ғайра. Миёнаравҳои маркетингӣ ба гурӯҳи миёнаравҳои мустақил тааллуқ доранд, онҳо шахсони ҳуқуқии агентиҳои маркетингӣ мебошанд, ки маҷмуи хизматҳоро дар соҳаи таҳқиқоти маркетингӣ, таҳияи стратегияҳои тиҷоратии корхона пешниҳод мекунанд, ки дар маҷмуъ барои татбиқи стратегияи ширкати муштарӣ дар бозор пешбинӣ шудаанд.

Ташкилотҳои шабакаи нақлиётӣ шуъбаҳои фурӯш ва намояндагӣ, инчунин мағозаҳои яклухт ва чаканаро дар бар мегиранд. Шуъбаҳои фурӯш

аз ҷониби истеҳсолкунандагони ашёи хом ҳамчун воҳидҳои мустақил барои идоракунии инвентаризатсия, фурӯш ва ҳавасмандгардонии фурӯш таъсис дода мешаванд. Мағозаҳои яклухт ва чакана метавонанд корхонаҳои яклухти ихтисосҳои гуногун ва фурӯшандагони намудҳои гуногунро дар бар гиранд. Корхонаҳои яклухт бо намудҳои гуногуни фаъолият метавонанд, масалан, харидорони маҳсулоти кишоварзӣ, пойгоҳҳои равғани яклухт, музоядаҳои яклухт ва ғайра машғул шаванд.

М. И. Лугачев чунин ибрози андеша дорад: «ба корхонаҳои чаканаи миёнарави намудҳои гуногун мағозаҳои чаканаи худхизматрасонӣ, корхонаҳои савдои чаканаи интихоби озоди ашё, корхонаҳои савдои чаканаи хизматрасонии маҳдуд, бо фаъолияти ассортименти ашё, мағозаҳои махсус, мағозаҳои талаботи ҳаррӯза ва мағозаҳои нархҳои паст, анборҳои мағозаҳо, толорҳои намоишӣ ва ғайра дохил мешаванд» [58, с. 658].

Имрӯз тамоюли асосии ҷомеаи маданӣ ба рушди на танҳо рақамисозии истеъмолкунандаи фарҳанги пардохти хизматҳо ва молҳои онлайнӣ, балки технологияҳои танзими пардохтҳои автоматии хизматрасонии комуналӣ, алоқаи мобилӣ ва Интернет гашта истодааст. Мушкилоти асосии тиҷорати электронӣ ин набудани ашё ё нишон надодани хизмат тибқи шартномаи аллакай муайяншуда, инчунин вайрон кардани муҳлати интиқоли он мебошад. Вобаста ба тиҷорати электронӣ дар Интернет, миёнаравҳои иттилоотӣ, инчунин дигар намуди миёнарав дар муомилоти маданӣ, ки агрегаторҳои фурӯши чакана номида мешаванд, истифода бурда мешавад. Барои рушди бомуваффақияти тиҷорати электронӣ дастгирии қонунгузории дахлдори соҳа талаб карда мешавад.

Тавре М.И. Рассолов қайд мекунад: «вақтҳои охир дар саросари ҷаҳон шумораи умумии бархӯрдҳо дар қонунгузорӣ, ки бо иқтисодиёти навъи электронӣ алоқаманд аст, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Одамон бори аввал худро дар ҳолате пайдо карданд, ки табодули маълумот ба таври васеъ ва дар навъи электронӣ, рақамӣ сурат гирифта қонунгузории мавҷуда, ки муносибатҳои моддиро танзим мекунад, на дар ҳама ҳолатҳо барои ҳалли

бомуваффақияти бархӯрдҳои пайдошуда, ки бо чунин навъи нави танзими муносибатҳо алоқамандand, мувофиқ хоҳад буд» [77, с. 62; 152]. Агрегаторҳо миёнаравҳои иттилоотӣ шуда метавонанд, ҳамин тавр дар бастани шартномаҳои хариду фурӯши онлайн кумак мерасонанд. Фурӯши ашёҳо ба таври фосилавӣ, аз ҷумла тавассути мағозаҳои онлайн, ки дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи пешниҳодкардаи фурӯшанда, ки имкони шиносоии бевоситаи харидорро бо мол истисно мекунад ва инчунин бо истифода аз шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла интернет ба роҳ монда мешавад.

Муносибатҳои ҳуқуқие, ки бо тиҷорати электронӣ алоқамандand, аз дигар муносибатҳои ҳуқуқии хариду фурӯш фарқияти зиёде надоранд. Фарқияти асосӣ дар истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва имзоҳои рақамӣ ифода мегардад, ки самаранокии савдоро зиёд мегардонад, монеаҳои маъмурию техникиро бартараф мекунад.

Ҳамин тавр, С. В. Василев муайян кардааст, ки тиҷорати электронӣ навъи нави шартномаҳо нест, балки роҳи такмилёфтаи ба расмият даровардани ухдадориҳои анъанавӣ, аз қабили хариду фурӯш, хизматрасонӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва ғайра ва аломати асосии тахассусии тиҷорати электронӣ нисбат ба дигар институтҳои ҳуқуқии маданӣ роҳи махсуси интиқоли маълумот ҳангоми бастани аҳдҳо мебошад, яъне аз аҳдҳои анъанавӣ фарқият асосан танҳо дар шакли бастан аст, дар ҳоле ки хусусият ва мундариҷаи муносибатҳои ҳуқуқӣ байни тарафҳои шартнома тағйир намеёбад.

Дар бисёр давлатҳо қонунгузории танзимкунандаи тиҷорати электронӣ як қисми қонунгузории умумимаданӣ мебошад. Масалан, аз натиҷаи таҳлили адабиётҳои хориҷӣ чунин муайян намудем, ки тиҷорат ҳамчун як намуди тиҷорати электронӣ тахассус дошта метавонад. Албатта ҳама гуна аҳдҳое, ки тавассути интернет ё бо истифода аз дастрасӣ ба интернет анҷом дода мешаванд, аз ҷумла хариду фурӯш, додани амвол ба истифода, иҷозатномадиҳӣ, пешниҳоди амалҳои дар боло зикршуда ё додани ҳуқуқ ба

амвол, молҳо, хизматҳо ё иттилоот бо пардохт ё бидуни он ҳамаи истилоҳи зикршуда агар ба маънои умум назар афканем як намуди миёнаравӣ ба шумор меравад, ки дар муомилоти маданӣ бевосита қарор дорад, истилоҳҳои мазкур инчунин дастрасӣ ба интернетро низ дар бар мегиранд.

Дар ИА як қатор қонунҳо дар бораи тиҷорати навъи электронӣ қабул карда шуданд, ки фурӯши гурӯҳҳои (хизматрасониҳои) молро дар интернет дар назар доранд. Дар ҳуҷҷатҳои қабулкардаи «Комиссияи Аврупо» [192] муайян карда шудааст, ки тиҷорати навъи электронӣ имкон медиҳад, ки корҳои зерин амалӣ карда шаванд: фармоиш тавассути воситаҳои электронии алоқаи молҳои моддӣ, ки бояд ба таври ҷисмонӣ бо истифода аз шабакаҳои анъанавӣ тиҷорати мустақими электронӣ расонида шаванд: фармоиши онлайн, пардохт ва расонидани неъматҳо ва хизматҳои ғайримоддӣ ба монанди нармафзори компютерӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ғайра мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дигар миёнаравҳо дар муомилоти маданӣ ин дар шартномаи супориш, комиссия ва агентӣ дида мешавад. Аз ҷумла, худи миёнарав ин як шахси одӣ, соҳибкор ё ширкатест, ки ба фармоишгар дар бастани аҳдҳо кумак мекунад, худаш ба ҷойи ӯ аҳдҳо мебандад, ё дигар амалҳоро ба мисли фурӯши ашёҳои муайян, харидани ашёи хом, иҷораи бино, фиристодани бор дар мувофиқа бо соҳиби он анҷом медиҳад. Баъзан соҳибкор ё роҳбари ширкат имкони шахсан бастани созишномаро надорад — масалан, агар контрагент дар кишвари дигар бошад ё барои гуфтушунид малака надошта бошад ва вақт надошта бошад. Дар чунин ҳолатҳо, миёнарав метавонад дар муомила кумак кунад, ба монанди гуфтушунид ва омода кардани ҳуҷҷатҳо, ё худаш метавонад ба ҷойи контрагент созишнома бандад.

Миёнаравҳо дар тиҷорат, суғурта, нақлиёт, хизматрасониҳои бонкӣ кумак мерасонанд. Онҳо инчунин на танҳо бо аҳдҳо сарукор доранд, балки манфиатҳои муштариро дар суд намояндагӣ мекунанд. Масалан, миёнарав метавонад интиқоли борро тавассути ширкати нақлиётӣ ба ягон ҷойи дигар ташкил кунад. Тафовут дар он аст, ки миёнарав ба манфиати фармоишгар кор

мекунад, дар ҳоле ки ширкати нақлиётӣ ба манфиати худ кор мекунад. Дар амал ин маънои онро дорад, ки миёнарав тибқи дастури фармоишгар кор мекунад ва агар аз онҳо дур шудан лозим ояд, бозпурсӣ мекунад, ӯ худаш қарор қабул намекунад.

Имрӯз вобаста ба таснифоти миёнаравӣ дар муомилоти маданӣ дар ҶТ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Одатан онҳоро мо аз меъёрҳое, ки дар кодекси маданӣ танзим шудааст мефаҳмем: аз ҷумла адвокат, комиссионер ва агент, инчунин ақидаҳое вуҷуд доранд, ки экспедитсияи нақлиётӣ низ ба сифати миёнарав дар муомилоти маданӣ баромад карда метавонад. Экспедитор миёнарав шуда метавонад, агар ӯ интиқолро ташкил кунад, аммо худаш ба он машғул нашавад, балки интиқолдиҳандаро киро кунад. Масалан, somon.tj низ миёнарав аст, аммо аз номи фурӯшанда мефурӯшад.

Агент вақте зарур аст, ки мутахассис барои вазифаҳои гуногун ба ӯ эҳтиёҷ дорад, на ин ки танҳо барои имзо кардани шартномаҳо. Агар агент ҳамчун адвокат амал кунад, на аз номи худ, вай ба ваколатнома ниёз дорад. Муҳим он аст, ки ҳамон як миёнарав метавонад ҳамчун адвокат, комиссионер ё агент кор кунад. Намуди миёнарав аз шартномае, ки тарафҳо имзо мекунанд, вобаста аст. Шартномаҳое, ки бо иштироки миёнарав ба амал баровarda мешавад, дар КМ ҶТ се намуди онҳоро муқаррар намудааст, ки ба инҳо шартномаҳои супориш, комиссия ва агентӣ дохил мешавад. «Бояд қайд кард, ки вазъи ҳуқуқии ин миёнаравҳо дар КМ ҶТ ба танзим даровarda шудааст» [7]. Истилоҳи агентӣ дар КМ ҶТ нав аст зеро истилоҳи зикршуда бештар дар давлатҳое, ки иқтисодиёташон пешрафта аст ба мисли давлатҳои Ғарб истифода мешаванд. Дар ҶТ бошад дар м. 1110 КМ ҶТ дарҷ карда шудааст

Вобаста ба миёнарави тиҷоратӣ назар афканем, дар тули даҳсолаҳои охир дар Тоҷикистон хизматҳои агентҳо дар соҳаи муносибатҳои тиҷоратӣ рушд ва васеъ истифода мешаванд. Ин муносибатҳои ҳуқуқиро ҳам «Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 18 июни соли 2008, № 403, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 11 феврали соли 2025, № 2151 ва ҳам КМ ҶТ муайян

менамояд. Дар м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» чунин дарҷ шудааст: контрагент – тарафи шартномаи ҳуқуқи маданӣ, ки дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ин иттилоотро ба ӯ додааст, ба шумор меравад» [16].

Дар м. 201 КМ ҶТ вобаста ба намояндаи тиҷоратӣ сухан шудааст, ки ба ақидаи мо намояндаи тиҷоратӣ дар як вақт ҳамчун миёнарав низ эътироф карда мешавад. Миёнаравии тиҷоратӣ (фаъолияти агентӣ) фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, ки он ба пешниҳоди агенти тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ тавассути миёнаравӣ аз ном ба манфиат, таҳти назорат ва аз ҳисоби субъекте, ки ӯ (миёнарави тиҷоратӣ, агент) намояндагӣ мекунад, оварда мерасонад [7].

Аз таҳлили адабиётҳои ватанӣ ва ҳориҷи мо ба хулосае омадем, ки миёнарави тиҷоратӣ ва агенти тиҷоратӣ ҳарду як функсияро иҷро менамоянд. Аз ин рӯ дар минбаъд таҳқиқоти илмӣ, истилоҳи болозикрро бо номи агенти тиҷоратӣ ном мебарем.

Дар ҳолате ки агенти тиҷоратӣ бо субъекти дигаре шартнома ҷиҳати тиҷорати хеш бандад, албатта он шартномаро мо шартномаи агенти тиҷоратӣ ном мебарем. Тарафҳои шартномаи агенти тиҷоратӣ метавонанд танҳо шахсони қобили амал, ҳам шахсони ҷисмонӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ бошанд. Агар хизматрасониҳои агентӣ аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда шаванд, пас дар оинномаи он бояд ҳуқуқи пешниҳоди чунин хизматрасониҳо дар соҳаи муайян пешбинӣ карда шавад. Агар хизматрасониҳои агентӣ аз ҷониби шахси воқеӣ пешниҳод карда шаванд, пас шахси воқеӣ бояд ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шавад. Инчунин бояд қайд кард, ки тарафҳои шартномаи агентӣ бояд дар ҳолатҳои алоҳидаи пешбининамудаи қонунгузорӣ барои анҷом додани як қатор амалиётҳои хоҷагидорӣ иҷозатномаҳои зарурӣ дошта бошанд. Ҳамаи ин барои он зарур аст, ки шартномаи агентӣ дар оянда беэътибор дониста нашавад.

Ҳамин тариқ, шартномае, ки шахси ҳуқуқӣ барои машғул шудан ба фаъолияти дахлдор иҷозатнома надорад, метавонад аз ҷониби суд бо даъвои

ин шахси ҳуқуқӣ, муассиси он (иштирокчӣ) ё мақомоти давлатӣ, ки фаъолияти шахси ҳуқуқиро назорат мекунад, беэътибор дониста шавад. Беэътибории созишнома дар он ҳолате аз ҷониби суд эътироф карда мешавад, агар исбот карда шавад, ки тарафи дигари созишнома дар бораи ғайриқонунӣ буданаш пешакӣ медонист. Азбаски тибқи муқаррароти КМ ҶТ фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо таваккали худ амалӣ карда мешавад ва ба гирифтани фоида равона карда шудааст, эътироф карда мешавад ва соҳибкор вазифадор аст, ки хавфи соҳибкориро ба ҳадди ақал расонад, пас ӯ бояд чунин маълумотро дар бораи тараф тибқи шартнома дошта бошад. Ба ибораи дигар, шартномае, ки бе иҷозатнома ё бо баромадан аз ҳадди ваколатҳои шахси муайян дар созишномаи зикршуда анҷом дода шудааст, мавриди баҳс қарор гирифта бо қарори дахлдори суд метавонад беэътибор дониста шавад.

Бо истифода аз меъёрҳои КМ ҶТ, шахсеро, ки ба манфиати дигарон, аммо аз номи худ амал мекунад, агент-миёнарав номидан мумкин нест. КМ талаб мекунад, ки агент дар фаъолияти тиҷоратӣ аз ҳисоби шахси намоянда, ба манфиати ӯ ва аз номи ӯ амал кунад. Аз ин рӯ, дар ҳолатҳое, ки агент бояд аз ҳисоби шахси намоянда амал кунад, аммо аз номи худ амал мекунад, бояд меъёрҳои боби 55-и КМ ҶТ «Комиссия» ба эътибор гирифта шавад.

Таҷрибаи амалия исбот кардааст, ки асоси пайдоиши муносибатҳои агенти тиҷоратӣ ин шартнома мебошад. Аммо КМ ҶТ боз як асоси пайдоиши муносибатҳои агентиро нишон медиҳад. Агент манфиатҳои контрагентро пас аз бастани созишнома ба манфиати субъекти хоҷагидор, ки қаблан ин ваколатҳоро надошт, намояндагӣ мекунад. Дар чунин ҳолат амалҳои агентро метавон ҳамчун амалҳои аз ҳад зиёд ваколатдор баррасӣ кард. Аммо дар амал, дар вазъияти зикршуда, байни амалҳои агент дар доираи ваколатҳо ва амалҳои агент бо барзиёдии ваколатҳо сарҳад гузоштан душвор аст, зеро тавре ки қаблан зикр гардид, агент ҳамеша дар соҳаи муносибатҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби шахси намоянда, таҳти назорати ӯ, ба манфиати ӯ ва аз номи ӯ амал мекунад, яъне дар ибтидо асоси расмии пайдоиши муносибатҳо тасдиқи амалҳои минбаъдаи агент ё шартномаи агентӣ мебошад.

Шартномаи агенти тиҷоратӣ бояд ҳатман дар шакли хаттӣ баста шавад. Тибқи қоидаи умумӣ, як тарафи шартномаи агенти тиҷоратӣ – агент уҳдадор мешавад, ки ба тарафи дигар шахс оид ба бастани созишномаҳо ё мусоид ба бастани онҳо аз номи ин шахси ҳуқуқӣ ва аз ҳисоби он хизмат расонад [49; 54].

Мувофиқи м. 201 КМ ҶТ, дар намояндаи тиҷоратӣ бояд, хусусият ва тартиби иҷрои хизматрасониҳои миёнаравӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, шартҳо ва андозаи пардохти хизматрасониҳои намояндаи тиҷоратӣ, мuҳлати амали шартнома, масъулияти тарафҳо барои вайрон кардани шартҳои шартнома муайян карда шавад.

Хулоса, таносуби мақоми ҳуқуқии миёнаравии иттилоотӣ дар муомилоти маданӣ дар ҶТ ҳамкории мураккаби заминаи қонунгузорӣ, мулоҳизаҳои ахлоқӣ, пешрафтҳои технологӣ, мушкилот ва имкониятҳоро инъикос мекунад. Бо баррасии ҳамаҷонибаи ин омилҳо, мо дар бораи принсипҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии раванди миёнаравӣ дар Тоҷикистон фаҳмиши амиқтар мегирем. Азбаски истифодаи миёнаравӣ ҳамчун усули афзалиятноки ҳалли баҳсҳо идома дорад, афзалият додан ба ҳифзи ҳуқуқҳои миёнаравии иттилоотӣ барои таъмини адолат, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор муҳим аст.

Бо таъмини ҳифзи дахолатнопазирӣ, ташвиқи беғаразонии миёнаравҳои иттилоотӣ, истифодаи пешрафти технологияи рақамӣ, ҳалли ҳамаи мушкилиҳо ва истифодаи имконот барои мукаммал гардонии қонунгузории ҶТ миёнаравони иттилоотӣ ҷиҳати самаранокӣ уҳдадории хешро барои ҳалли самараноки баҳсҳо тавассути миёнаравӣ ва инчунин дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ тамоми кӯшишҳои худро ба харҷ диҳад.

Ҳамин тавр, миёнарави иттилоотӣ аз дигар миёнаравҳо, аз қабили миёнаравҳо дар шартномаи агентӣ, миёнарави молиявӣ, миёнарави суғуртавӣ, миёнарави тиҷоратӣ вобаста ба таҳлилҳо, якчанд хусусиятҳои хеш аз ҳамдигар фарқ менамоянд:

а) миёнарави иттилоотӣ ашхосе ба ҳисоб меравад, ки иттилооти рақамиро дар шабакаи алоқаи барқӣ ва дигар сомонаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба гардиш мегузорад;

б) миёнарави иттилоотӣ ашхосе ба шумор меравад, ки қудрати ҷойгиркунии ҳама гуна иттилоотро дар шабакаҳои алоқаи барқӣ надорад;

в) миёнарави иттилоотӣ соҳибкоре мебошад, ки барои ба даст овардани маводҳои иттилоотӣ дар сомонаҳои телекомуникатсионӣ ва алоқаи барқи шароити мусоид ба вуҷуд меорад.

## 1.3. Намудҳои миёнарави иттилоотӣ

Миёнаравҳои иттилоотӣ имрӯз вобаста ба салоҳият ба намуди фаъолиятҳо ба амсоле, ки борои интиқол, нигоҳдорӣ ё дастрасӣ ба иттилооте, ки ба ӯ рабт дорад, ба намудҳои зайл тасниф карда мешаванд. Албатта миёнаравони иттилоотӣ ашхоси ҳуқуқӣ ё ин ки воқеӣ эътироф мешаванд, ки табодули иттилоотро байни тарафҳои гуногун осон мекунад. Миёнаравҳои иттилоотӣ дар паҳнкунӣ, ташкил ва дастрасӣ ба иттилоот дар ҳама гуна соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ нақши бориз доранд.

Ҷудо кардани намудҳои миёнаравҳои иттилоотӣ шароит фароҳам меоварад, ки мақоми ҳуқуқии онҳо дақиқтар танзим карда шавад ва ба онҳо ҳуқуқ ва ухдадориҳое муайяне дода шаванд, ки фаъолиятҳои анҷомдиҳандаашон, мувофиқ ба қонун бошанд. Аз ҷумла, вобаста ба намудҳои миёнаравҳои иттилоотӣ ба онҳо талаботҳои гуногун вобаста ба муқовимат бо истифодаи хизматҳои онҳо аз ҷониби корбарон барои амалӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо пешниҳод карда мешаванд.

Намудҳои миёнарави иттиллотӣ инҳоянд:

1. Оператори системаи иттилоотӣ. Мафҳуми оператори системаи иттилоотӣ дар м. 1-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» дода шудааст, ки тибқи он «оператори системаи иттилоотӣ – маҷмуи асноди аз нигоҳи ташкилӣ танзимшуда, ҳаҷми аснод ва технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла бо

истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва алоқа, ки ҷараёни иттилоотиро татбиқ месозанд, мебошад. Операторони системаи иттилоотӣ метавонанд ҳамчун миёнарави иттилоотӣ дар ҳолатҳое баррасӣ карда шаванд, ки системаи иттилоотӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ пайваст карда шуда бошад, операторҳо фаъолияти истифодаи системаи иттилоотиро амалӣ менамоянд, фаъолияти онҳо бо шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ алоқаманд аст» [10]. Дар баъзе ҳолатҳо ба ин гурӯҳ пешниҳод карда мешавад, ки дигар провайдерҳои хизматрасонии шабакаро низ дохил кунанд.

2. Бақайдгирандаи номи домейн. Таърифи маъмури номи домейн дар Қоидаҳои бақайдгирии номҳои домейнҳо дар доменҳои TJ. RT маркази ҳамоҳангсозии домени миллии шабакаи Интернет дода шудааст. Мувофиқи таърифи зикршуда, маъмур ё роҳбар шахсе ба шумор меравад, ки номи домейн дар феҳрист ба номи ӯ сабт шудааст. Бақайдгирандаи номи домейни танҳо шахсони ҳуқуқӣ буда метавонанд, ба фарқ аз маъмури номи домейн ва соҳиби сомона, ки барои онҳо ягон намуди маҳдудиятҳои муайян пешбинӣ нашудаанд. Бақайдгирандаи номи домейнҳо нафарест, ки бо ёрии он муштарӣ ба бақайдгиранда муроҷиат менамояд. Бақайдгиранда маълумотро ба феҳристи дахлдор интиқол медиҳад. Ин одатан раванди ворид кардани минтақаи сатҳи якуми сабти номи домейни нав ба феҳрист мебошад. Бақайдгирандаи номҳои домейнҳо шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки салоҳияти эҷоди номҳои домейнҳои нав ва дароз кардани муҳлати амали номҳои домейнҳои мавҷударо дар домейн бо бақайдгирии ҳатмии муқарраршуда доранд. Қоидаҳои бақайдгирӣ дар доменҳои байналмилалӣ аз ҷониби ташкилоти байналмилалӣ, ки дар соҳаи мазкур фаъолият менамояд, муқаррар карда мешаванд. Аз ҷониби бақайдгирандагон ё мақомоти ваколатдори кишварҳо қоидаҳои бақайдгирӣ дар домейнҳои миллӣ муқаррар карда мешаванд. Хизматрасонии бақайдгирии номи домейн пулакӣ аст. Нарх ва шартҳоро бояд бақайдгиранда муайян намояд. Мехостам қайд кунам, ки як суроғаи IP-адрес метавонад якчанд номҳои домейн дошта бошад ва як номи

домейн якчанд суроғаҳои IP-адрес дошта бошад. Ин далел имкон медиҳад, ки тавозуни сарборӣ таъмин карда шавад ва дар як компютер якчанд сомонаҳо нигоҳ дошта шаванд.

Дар айни замон, соҳибони эҳтимолии домейнҳо маҷбур мешаванд, ки дар як вақт ба якчанд доменҳо сабти ном шаванд, дар ҳоле ки ин бақайдгирӣ ҳамзамон дар доменҳои гуногунро кафолат намедиҳад ва инчунин баҳсҳои минбаъдаи судӣ дар бораи бақайдгирии номҳои домейнҳои маъмул дар домейнҳои гуногун барои шахсони гуногунро ба бор меорад.

Вобаста ба масъалаи мазкур мо пешниҳод менамоем, ки соҳиби объекти моликияти зеҳнӣ дар давоми шаш моҳ пас аз пешниҳоди эътироз вазифадор карда шавад, ки барои бақайдгирии объекти дахлдор ариза пешниҳод кунад, ки бақайдгирии он ба шахси сеюм вобаста бо сабаби мавҷудияти эътирозҳои ӯ рад карда шудааст. Агар дархости бақайдгирӣ аз соҳиби он дар муҳлати муқарраршуда ворид нашавад, он гоҳ ӯ ҳуқуқи бақайдгирии афзалиятнокро аз даст медиҳад. Бояд қайд намоем, ки ҳар як шахс ҳуқуқ дорад ба бақайдгирии объекти дахлдори моликияти зеҳнӣ бидуни розигии соҳиби объекти моликияти зеҳнӣ, ки ба дараҷаи омезиши объекти моликияти зеҳнӣ хоҳ номи домейн бошад, хоҳ тамғаи молӣ муроҷиат кунад.

Дар робита ба ин, оқилона ба назар мерасад, ки манъи мустақими бақайдгирии номҳои домейнҳои якхела ё дараҷаи омехта бо номи фирмавии бақайдгирифташудаи шахси ҳуқуқӣ, ба ғайр аз ин шахс, аз ҷониби соҳибмулк муқаррар карда шавад. Аммо он монеаҳое, ки дар таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки номи фирмавии онҳо инчунин номи домейнро такрор мекунанд, аслан муқарар карда намешаванд, зеро равобити байни фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бо дигар ашхос манбаи мушаххаси иттилооти мустақим нест. Шахси ҳуқуқӣ метавонад дорои захираҳои иттилоотӣ бо номи дигар бошад, аммо муассисони он метавонанд номи худро барои таъсиси номи фирмавии он озодона интихоб кунанд.

Ашхоси ҳуқуқие, ки пас аз бақайдгирии номи домейн ба қайд гирифта шудааст, набояд ба соҳиби чунин номи домейн таъсири худро расонад ва

ҳуқуқи худро ба номи домейни қаблан бақайдгирифташуда дода наметавонад. Бояд шахси қайдгирифташуда, ки табиати ноустувори ҳуқуқии тамғаи молӣ ба пайдоиши ҳолатҳои баҳсбарангез бо бақайдгирии ҳуқуқҳо бо номи домейн дорад, ба онҳо якхела ё бо дараҷаҳои гуногун мусоидат кунад.

Бақайдгирии маълумот дар бораи иваз кардани соҳиби номи домейн бояд хусусияти огоҳкунанда дошта бошад ва дар асоси ариза дар бораи бақайдгирӣ бо замимаи ҳуҷҷат амалӣ карда шавад. Дар ин ҳолат, бақайдгиранда бо мақсади истисно кардани суистифодаҳои эҳтимолӣ аз ҷониби шахсони беинсоф вазифадор аст, ки ҳам соҳиби пешина ва ҳам соҳиби нави номи домейнро дар бораи аризаи пешниҳодшуда огоҳ кунад. Мо пешниҳод мекунем, ки агар дар муҳлати 35 рӯзи тақвимӣ аз санаи огоҳинома аз касе дар бораи гузариши ҳуқуқ эътироз пайдо нашавад, бақайдгиранда маълумотро дар бораи гузариши гузаронидашуда ба феҳристи ягона ворид мекунад ва дар ин бора ба ҳарду ҷониб хабар медиҳад. Агар яке аз тарафҳо нисбати аризаи пешниҳодшуда эътироз кунад, бақайдгиранда вазифадор аст, ки раванди бақайдгириро то лаҳзаи ҳалли баҳс ё эътибор пайдо кардани санади судӣ аз ҷониби тарафҳо боздорад. Бо мақсади кам кардани муҳлати бақайдгирӣ, тарафҳо ҳуқуқ доранд дар бораи бақайдгирии гузариш аризаи муштарак пешниҳод кунанд, дар ин ҳолат тартиби интизорӣ гузаронида намешавад [153, с. 55]. Ворид намудани маълумот аз ҷониби бақайдгиранда ба Феҳристи ягона бояд дар муддати кӯтоҳтарин (на зиёда аз 35 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод шудан: ба охир расидани муҳлати интизорӣ, пешниҳоди аризаи муштарак, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои муштарак аз ҷониби тарафҳо, ки аз ҳалли баҳс шаҳодат медиҳанд, пешниҳоди санади судии қонунӣ эътибор пайдо кардааст) сурат гирад.

3. Субъектҳое, ки вазифаҳои дигарро дар шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ иҷро мекунанд. А. И. Савелев қайд менамояд: «ин навъи миёнаравҳои иттилоотиро бо ҷойгиркунии на худи мундариҷа, ки ҳуқуқи истисноии шахси сеюмро вайрон мекунад, балки маълумоти зарурӣ барои гирифтани он бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ-

телекоммуникатсионӣ алоқаманд кардан оқилона аст. Дар ин ҳолат ба ин гурӯҳи миёнаравҳои иттилоотӣ метавон трекерҳои торрентро дохил кард; хизматрасониҳои ҷустуҷӯӣ; сомонаҳо дар шабакаи интернет, ки дар онҳо гиперпайвандҳо ба мундариҷаи ғайриқонунӣ ҷойгир карда мешаванд» [153, с. 52]. Аз ҷумла хизматҳои рекламавии контекстӣ (Масалан, Google, Yandex Директ, AdWords) ва ғайра.

Ба ин гуруҳ дохил мешаванд:

– Google – аслан як намуди системаи ҷустуҷӯии интернетӣ ба шумор меравад, ки ба ширкати Google Inc. мутааллиқ мебошад [131]. Интерфейси Google дорои забони мураккаб аст, ки ба мо имкон медиҳад, ҷустуҷӯро дар доменҳо, забонҳо, намудҳои файл ва ғайра маҳдуд созем. Масалан, ҷустуҷӯ барои «intitle, site, wikipedia.org инчунин ҳамаи мақолаҳои Википедияро дар ҳамаи забонҳо, ки дар сарлавҳаи онҳо калимаи «Google» вомехӯрад, нишон медаҳад.

– Соҳиби сомона. «Соҳиби сомона дар интернет шахсе мебошад, ки мустақилона ва бо салоҳдиди худ тартиби истифодабарии сомонаро дар Интернет, аз ҷумла тартиби ҷойгиркунии маълумотро дар ин сомона муайян мекунад. Нуқтаи муҳим дар ин ҷо қобилияти мустақилона қабул кардани қарорҳо оид ба масъалаҳои идоракунии сомона, аз ҷумла муқаррар кардани қоидаҳои интишори мавод аз ҷониби корбарон мебошад. Ҳамин тариқ, шахсе, ки соҳиби сомона  аст, ҳатто агар худаш маълумоти дахлдорро дар сомона нагузорад, дигарон метавонанд дилхоҳ маълумотро дар шабака гузоранд, вале тақдири ҳамаи он маълумотҳое, ки аз ҷониби корбарони шабакаҳои иттилоотӣ гузошта мешавад, соҳиби сомона муайян мекунад» [23; 24].

Бояд гуфт, ки дар муносибатҳои иттилоотӣ шахсе, ки соҳиби асосии сомона ба шумор меравад ва ӯ бояд дар шабака домени худро дошта бошад. Маҳз соҳиби сомона тартиби истифодабарии сомона ва дастрасӣ ба онро муайян менамояд.

Соҳиби сомонаро бо роҳҳои гуногун муайян кардан мумкин аст. Баъзан

дар худи сомона маълумоти дахлдор вобаста ба соҳиби он мавҷуд аст. Илова бар ин, дар сомона маълумот дар бораи таҳиягарони он мавҷуд буда метавонад ва аллакай аз онҳо бевосита дар бораи соҳиби сомона маълумот гирифтан мумкин аст. Аммо, чун қоида, соҳибони сомонаҳо дар аксар вақт намехоҳанд, ки шинохта шаванд ва ҳамин боис мегардад ки ҳуқуқҳои муаллифии онҳо вайрон мегардад ва дар натиҷа баҳсҳои гуногун ба вуҷуд меояд. Шахсе, ки соҳиби сомона аст, бояд ҳатман домейн низ дошта бошад. Домейн – ин ифодаи **IP** бо ҳарфу ададҳост, ки хониши онро осон мегардонад. Агар IP бо рақам ишора шавад, пас домейн ҳамин IP-ро дар шакли хаттӣ бо калимаҳои пурра ё нопурра бо ҳарфҳои алифбои англисӣ ифода мекунад. Масалан: «агар 193.111.11.3 - IP сомонаи Маҷлиси Олии ҶТ бошад, пас домейни он чунин ном дорад – www.parlament.tj . Яъне домейн барои дар хотир нигоҳ доштани суроғаи сомона дар интернет хизмат мекунад» [64, с.6].

Соҳиби сомона дар асоси маълумоти дар худи сомона ҷойгиршуда муқаррар карда мешавад. Соҳиби сомона вазифадор аст, ки дар сомонаи худ маълумотро дар бораи ном, макон ва суроғаи худ, суроғаи почтаи электронӣ ҷойгир кунад, то ба соҳибони ҳуқуқ имкон диҳад, ки дар бораи қонуншиканиҳо дар сомона даъво ирсол намоянд. Масалан, мавҷудияти маълумот дар бораи номи ташкилот, маҳалли ҷойгиршавӣ ва суроғаи он, ҷойгиркунии воситаҳои фардикунонии чунин ташкилот, молҳо ва хизматҳои он дар сомона метавонад нишон диҳад, ки ин ташкилот соҳиби сомона аст.

Дар натиҷа соҳиби сомона рӯйхати миёнаравҳои иттилоотиро хориҷ мекунанд, зеро он имконияти муътадил кардани мундариҷаро дорад. Тахассуси соҳиби сомона ҳамчун миёнарави иттилоотӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар маводҳо дар сайт аз ҷониби корбарон ҷойгир карда шаванд. Аз ин рӯ, агар соҳиби сомонаи иҷтимоӣ ё телекомуникатсионӣ мундариҷаро ҷойгир кунад ё онро муътадил созад, пас вай миёнарави иттилоотӣ эътироф намешавад. Дар натиҷаи таҳлил намудани адабиётҳои

ватанӣ ва хориҷӣ шартҳои зеринро барои эътирофи соҳиби сомонаи иттилоотӣ ҳамчун миёнарави иттилоотӣ метавон муайян кард:

«– маводе, ки натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои муайяни моликияти зеҳниро дар бар мегирад, дар сомона аз ҷониби шахсони сеюм ҷойгир карда шудааст, аммо дар ин ҳолат фарзияе муқаррар карда мешавад, ки соҳиби сомона шахсест, ки бевосита натиҷаҳои дахлдори фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунониро истифода мебарад, ба ҳар ҳолат ҳар чи зудтар ӯ бояд исбот кунад, ки маводро дар сайти худ ҷойгир накардааст, вагарна суд ӯро миёнарави иттилоотӣ эътироф намекунад;

– набудани коркарди назарраси мавод, яъне соҳиби сомона метавонад ба маводи аз ҷониби шахсони сеюм дар сайт ҷойгиршуда, ки дорои натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ мебошад, тағйирот ворид кунад, аммо ҳалли масъалаи ба миёнаравҳои иттилоотӣ дохил кардан аз он вобаста аст, ки ӯ дар ташаккули маводи ҷойгиршуда то чӣ андоза нақши фаъол дорад;

– соҳиби сомона набояд бевосита аз ҷойгиркунии ғайриқонунии мавод дар сомонаҳои телекомуникатсионӣ ва шабакаҳои барқӣ даромад ба даст орад, вагарна ӯ на миёнарави иттилоотӣ, балки шахсест, ки бевосита натиҷаҳои дахлдори фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунониро истифода мебарад» [177, с. 134].

Аз моҳияти шартҳои таҳлилнамудаамон бармеояд, ки ҳамаи шартҳои зикршуда бо ҳам алоқаманданд, инчунин бояд гуфт, ки шартҳои мазкур соҳиби сомона будани шахсро эътироф мекунад. Аз ин рӯ, вайрон кардани ҳадди ақал яке аз онҳо маънои онро дорад, ки соҳиби сомона миёнарави иттилоотӣ нест. Масалан, миёнарави иттилоотӣ дар он ҳолат вуҷуд дошта наметавонад, ки ҳатто вақте шахс маводро дар шабакаи интернетӣ ва телекомуникатсионӣ ҷойгир накардааст, онро ба таври назаррас коркард накардааст, дар ташаккули маводи ҷойгиршуда нақши ғайрифаъолро иҷро кардааст, аммо бевосита аз ҷойгиркунии ғайриқонунии он аз ҷониби шахсони сеюм даромад гирифтааст.

Бо назардошти мавқеъҳое, ки дар боло таҳлил намудем: «маъмури номи домейн, яъне шахсе, ки ба шахсони дигар танҳо имкони муроҷиат ба захираҳои мушаххасро дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ инчунин шабакаҳои интернетӣ ва шабакаҳои барқӣ бидуни таъмини интиқол, дарк ё коркарди мавод ва иттилоот дар ин захираҳо медиҳад, ҳамчун миёнарави иттилоотӣ эътироф нашудааст. Аммо агар аз ҳолатҳои мушаххаси пешниҳодшуда, аз ҷумла аз маълумоти дар сомона ҷойгиршуда тартиби дигаре риоя нашавад, пешниҳод карда мешавад, ки соҳиби сомона маъмури номи домейнӣ мебошад, ки ба сомонаи дахлдор муроҷиат мекунад. Аз ин рӯ, дар айни замон гуфтан ҷоиз нест, ки маъмури номи домейн наметавонад миёнарави иттилоотӣ бошад, ҳадди ақал аз он сабаб, ки онро соҳиби сайт пешбинӣ мекунад ва ба миёнаравҳои иттилоотӣ дохил кардани он ба илм ва дар амал шубҳае надорад, агар вазъи он истисно карда нашавад, ба монанди фаъолият ва фоидаи аз хизматрасонӣ ба даст омадааст. К. Никитин қайд мекунад, ки масъалаи он, ки оё бақайдгирандаи номҳои доменӣ миёнарави иттилоотӣ ҳисобида мешавад, дар қонунгузорӣ ҳал нашудааст ва баҳсбарангез мебошад. Дар асоси таҳлили маводи таҷрибаи судӣ, муаллиф хулоса мекунад, ки аксуламали мусбат ба он бештар маъмул аст» [146, с. 6].

Аммо ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ шарҳ медиҳад, ки м. 1251 КМ ҶТ метавонад ба бақайдгирандагони номи домейн дар ҳолате татбиқ карда шавад, ки он нафар на танҳо вазифаи бақайдгирии домейнро иҷро кунад, балки номи домейнро тавассути ворид кардани сабтҳои дахлдор дар бораи суроғаҳои серверҳои провайдери хостингӣ супорад.

Бақайдгирандаи номи домейн ба соҳиби он имкон медиҳад, ки номи домейни беназирро барои сайти худ интихоб ва сабти ном кунад. Соҳиби сайт номи домейни дилхоҳро интихоб мекунад ва дастрасии онро месанҷад. Агар ном озод бошад, раванди бақайдгирӣ оғоз меёбад, ки метавонад аз якчанд дақиқа то якчанд рӯзро дар бар гирад: «Агар ном ба стандартҳо ҷавобгӯ бошад, бақайдгиранда онро ба пойгоҳи додаҳои илова мекунад, ки дар он маълумот дар бораи номҳои домейнҳо ва соҳиби онҳо мавҷуд аст»

[133, с. 346].

Дар ҶТ аслан субъектоне ҳастанд, ки барои ба қайд гирифтани домейни сомонаҳои гуногун фаъолият менамоянд. Аз ҷумла Тоҷиктелеком, Babilon-m, AW Media Group, Eastera, GET.TJ, intercom, Promotion, ISM.TJ, NUKTA.TJ, isatel, Oshno Group, Net Solutions LLC ва ғайраҳо ба фаъолияти хизматрасонӣ машғул ҳастанд. Бояд гуфт, ки дар 86 % аҳолии ҶТ аз алоқаи мобилӣ истифода мекунанд ва шумораи корбарони интернет 4,8 милион нафар мебошанд.

Провайдери хостинг. Албатта вобаста ба мафҳуми провайдер ақидаҳои зиёде мавҷуд аст. Аз ҷумла, мафҳуми зикршударо «Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 8 августи соли 2001, № 389 қабул шудааст, муқаррар менамояд. Дар банди 9 он муқаррар шудааст, ки провайдер – оператори хадамоти телематикие, ки пайвасткунии техникии абонентҳоро ба шабакаи Интернет анҷом медиҳад. Ҳамчунин мафҳуми провайдер дар сархати 14 м. 2 Қонуни ҶТ дар бораи алоқаи барқӣ, дода шудааст провайдер – шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, ки ба истифодабарандагон тавассути шабакаи алоқаи барқии оператор хизматрасонӣ менамоянд» [9]. Дар адабиёт мафҳуми провайдер дода шудааст. Масалан, ба назари У.А. Меликов: «Провайдер (provider, Internet Service Provider, ISP) – ташкилоте, ки дастрасӣ ба хизматрасонии вобаста ба интернетро таъмин менамояд» [64, с.7]. Ба ақидаи мо мафҳумҳои мазкур пурра ба шумор нарафта, номукаммал мебошанд, чунки ба ҳамдигар мухолиф мебошанд. Аммо аз ин мафҳумҳо чунин хусусиятҳои провайдерро муайян намудан мумкин аст:

– провайдер – шахси ҳуқуқӣ, ташкилоти тиҷоратии шабакавӣ мебошад;

– провайдер фаъолияти дастрасии иттилооти рақамӣ, таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии интернетӣ, телекомуникатсионӣ ва дигар хизматҳоро, ба монанди хостинг, почтаи электронӣ ба истифодабарандагон таъмин ва дигар хизматрасониҳои рақамиро мерасонад;

– ба сифати истифодабарандагон метавонад соҳибони сомонаҳо тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ, операторҳои алоқаи барқӣ ва дигар шахсони манфиатдор эътироф шаванд.

Дар асоси ин хусусиятҳо чунин мафҳуми провайдерро пешниҳод намудан мумкин аст: провайдер – шахси ҳуқуқӣ, ташкилоти тиҷоратии интернетӣ мебошад, ки дастрасии иттилоот таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии интернетӣ, телекомуникатсионӣ ва эҳтимолан дигар хизматҳоро, ба монанди хостинг, почтаи электронӣ ба истифодабарандагон, соҳибони сомонаҳо тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ, операторҳо таъмин менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми миёнарави иттилоотӣ ба мафҳуми хостинг ва хостинг-провайдер наздикӣ дорад. Дар адабиёт мафҳуми хостинг-провайдер чунин дода шудааст: «хостинг-провайдер (hosting provider, хостер) ин провайдери хостинг аст, яъне ташкилоте, ки ба таври касбӣ бо пешниҳоди хизматҳои хостингӣ машғул аст. Аз ин бармеояд, ки мафҳуми провайдер аз мафҳуми хостинг-провайдер васеътар мебошад. Провайдери хостинг вазифаи миёнаравиро нисбати маъмур ё соҳиби сомона барои ҷойгир кардани маълумот дар он иҷро мекунад» [182].

Вобаста ба ин, дар мавриди иттилоот провайдер-хостинг вазифаи техникиро иҷро мекунад, ки ба мундариҷа таъсир намерасонад ва ҷойгиркунӣ ё нест кардани онро танзим намекунад. Дар баробари ин, иҷрои вазифаи техникӣ ба он имкон медиҳад, ки дастрасӣ ба иттилоотро (ё нест кардани он) дар сомонаҳое, ки ба соҳибони онҳо сервер медиҳад, маҳдуд кунад. Ин ба ҳуқуқшинос барои мундариҷаи маълумоти дар сомона ҷойгиршуда асос ба вуҷуд меорад, ки провайдерҳои хостингро ба ҷавобгарӣ кашад. Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки аксар вақт провайдерҳои хостинг ҳамчун миёнарави иттилоотӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Бояд гуфт: «дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ истилоҳҳои сервис-провайдер ва провайдери интерактивии хизматрасонии компютерӣ истифода мешаванд.

Якчанд намуди провайдерҳои хизматрасон фарқ мекунанд:

1). Провайдерҳои алоқаи муваққатии рақамӣ;

2). Провайдерҳои кэшкунӣ;

3). Провайдерҳое, ки маълумотро бо дастури корбарон доимо нигоҳ медоранд;

4). Провайдерҳои восита барои ҷойгиркунии иттилоот» [159, с.48].

Аз таҳлили намудҳои провайдери хизматрасон зарурият ба миён меояд: «аввал моҳияти сервис-провайдерро шарҳ диҳем. Провайдер (provider, Internet Service Provider, ISP) – ташкилоте, ки дастрасӣ ба хизматрасонии вобаста ба интернетро таъмин менамояд, масалан: «ба намуди аввалини провайдерҳои хизматрасонӣ провайдерҳои алоқаи муваққатии рақамӣ дохил мешаванд» [197]. «Ин намуди провайдерҳо шабакаро идора мекунанд, ки бо истифода аз он корбарон метавонанд иттилоотро ба сомонаҳои мехостаашон интиқол диҳанд. Дар ин ҳолат, провайдерҳои алоқаи рақамии муваққатӣ интиқоли иттилоотро оғоз намекунанд, қабулкунанда ё манбаи иттилоотро интихоб намекунанд ва иттилооти интиқолёфтаро тағйир намедиҳанд, балки танҳо вазифаи интиқоли иттилоотро иҷро мекунанд. Провайдерҳои алоқаи муваққатии рақамӣ метавонанд провайдерҳои хизматрасонии интернетиро дар бар гиранд, зеро онҳо иттилооти дархосткардаи худро ба корбарони худ мерасонанд» [64, с.7].

Бояд зикр намуд: «ки қонунгузории ИМА, шахсеро ҳамчун провайдери алоқаи муваққатии рақамӣ эътироф кардааст, ҳатто агар он ин маводро дар ба воситаи техникӣ ё интиқол диҳад, ки барои интиқоли иттилооте, ки паҳн кардани он манъ аст, истифода шавад» [186].

Аммо: «на дар ҳама ҳолатҳо, провайдерҳое, ки барои интиқоли маълумот шароит фароҳам меоранд, провайдерҳои алоқаи муваққатии рақамӣ мебошанд» [198].

Навъи дуюми провайдерҳои хадамот, тибқи қонунгузории ИМА, провайдерҳои кэшро дар бар мегирад: «Системаҳои кэш барои нигоҳдории фосилавӣ ё муваққатии додаҳо барои оптимизатсияи мубодила ва пешниҳоди

иттилоот истифода мешаван» [4]. Намунаи провайдери кэш провайдерест, ки барои муштариёнаш сервери ахбореро, ки дар шабакаи мубодилаи файлҳои Usenet истифода мешавад, нигоҳ медорад. Ин сервери хабарӣ барои муваққатан нигоҳ доштани файлҳои мубодилаи байни корбарони Usenet истифода мешавад» [197].

Навъи сеюми провайдерҳои хизматрасонӣ провайдерҳое мебошанд: «ки иттилоотро бо дастури корбарон доимӣ нигоҳ медоранд» [193]. «Ба чунин провайдерҳо асосан провайдерҳои хостинг ва операторони сомонаҳоеро, ки хизматрасонии нигоҳдории файлҳоро пешниҳод мекунанд дохил менамоянд» [195]. Аммо, ба монанди провайдерҳои муваққатии алоқаи рақамӣ, провайдерҳо метавонанд на танҳо маводҳоеро, ки дорои маълумоти манъшуда мебошанд, нигоҳ доранд, балки инчунин маълумотеро, ки истифодабарандагон метавонанд барои табодули чунин мавод истифода баранд. Масалан, сомонаи файлҳои торрентеро, ки барои табодули асарҳое, ки бархилофи ҳуқуқҳои истисноии соҳибони ҳуқуқи муаллиф истифода мешаванд, нигоҳ медорад, метавонад ҳамчун провайдер эътироф карда шавад, ки маълумотро бо дастури корбарон ба таври доимӣ нигоҳ медорад, сарфи назар аз он ки дар худи торрент файлҳо асарҳо надоранд, зеро дорандагони ҳуқуқи муаллиф, балки танҳо маълумоти техникӣ, ки барои мубодилаи чунин асарҳо заруранд, истифода мешавад.

Провайдерҳое, ки иттилоотро бо дастури корбарон ба таври доимӣ нигоҳ медоранд: «инчунин провайдерҳоеро дар бар мегиранд, ки ба ғайр аз нигоҳдории иттилоот, дигар хизматҳои марбут ба нигаҳдорӣ пешниҳод мекунанд» [199]. Аз ин сабаб, YouTube ҳамчун провайдери нигаҳдории доимӣ эътироф шудааст, гарчанде ки YouTube ба ғайр аз нигоҳ доштани маводи видеоӣ, инчунин ба корбарон имкон медиҳад, ки видеоҳоро табдил, дарёфт ва дастрас кунанд.

Навъи чоруми провайдерҳои хизматрасонӣ провайдерҳои асбобҳо барои дарёфти иттилоот мебошанд: «ин провайдерҳо системаҳои ҷустуҷӯиро дар

бар мегиранд, ки дар посух ба дархост, истифодабаранда метавонад дар бораи ҷойгиршавии ин ё он иттилоот маълумот диҳад.

Ҳамзамон як шахс метавонад дар як вақт якчанд намуди провайдерҳои хизматрасоние бошад, ки дар қонунгузории ИМА вобаста ба хизматҳое, ки чунин шахс пешниҳод мекунад, пешбинӣ шудаанд.

Дар ҳуқуқи ИА провайдерҳои хизматрасонии ҷомеаи иттилоотиро ба се намуд тақсим мекунанд:

1). Провайдерҳои роҳнамо;

2). Провайдерҳои кэш;

3). Провайдерҳои хостинг.

Провайдерҳои роҳнамо провайдерҳои хизматрасонии ҷомеаи иттилоотӣ мебошанд, ки дар шабакаҳои коммуникатсионӣ иттилооти аз ҷониби қабулкунандаи чунин хизмат пешниҳодшударо интиқол медиҳанд, инчунин провайдерҳои хизматрасонии ҷомеаи иттилоотӣ, ки дастрасӣ ба шабакаҳои коммуникатсиониро пешниҳод мекунанд» [190].

«Провайдерҳои кэш ба категорияи провайдерҳое дохил мешаванд, ки ба нигоҳдории автоматӣ, фосилавӣ ва муваққатии иттилоот машғуланд, агар ин нигоҳдорӣ бо мақсади интиқоли иттилоот амалӣ карда шавад.

Ниҳоят, провайдерҳои хостинг провайдерҳои хизматрасонии ҷомеаи иттилоотиро дар бар мегиранд, ки иттилооти аз ҷониби корбарони хизматрасонии худро нигоҳ медоранд» [189].

Албатта истифодаи хизматрасониҳои интернетӣ бо истифодаи системаҳои муосири компютерӣ зич алоқаманд аст. Дар айни замон, вебсомонаҳо на танҳо аз ҷониби ташкилотҳои калон, балки аз ҷониби корбарони одӣ низ сохта мешаванд. Дар баробари вебсомонаҳо, интихоби пойгоҳи маълумотҳо, диски виртуалӣ ё дигар хизматҳое, ки ба дастрасии доимӣ ба маълумоти шабака кумак мерасонанд, хеле муҳим аст.

Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки ҳамаи ин маълумотро дар куҷо ҷойгир кардан мумкин аст, ки корбар талаб мекунад ва минбаъд барои ҳисобҳои гуногун истифода мешавад. «Ин масъала аз ҳарвақта дида муҳимтар аст» [60,

с.77].

Барои ҷавоб додан ба ин савол, мафҳуми «Хостинг» бояд муайян карда шавад. Хостинг, пеш аз ҳама, хизматест, ки захираҳоро барои ҳисоб кардани сервер барои ҷойгиркунии минбаъдаи маълумот дар шабакаи Интернет таъмин мекунад [183]. Ин хизмат имкон медиҳад, ки сомонаҳои гуногун ҷойгир карда шаванд. Агар хостингро муфассалтар дида бароем, он хизмати ҷойгиркунии файлҳои дорои сомонаро дар сервер бо нармафзоре, ки ба коркарди дархостҳо ба ин файлҳо машғул ҳастанд, дар назар дорад.

Баъзе намудҳои муҳимми хостингҳоро дида мебароем.

1). Хостинги виртуалӣ. Ин намуди хостинг имкон медиҳад, ки веб-сомонаҳои зиёдеро дар як веб-сервер ҷойгир кунанд. Хусусияти асосии он тақсимоти захираҳои сервер байни ҳисобҳои хостинг мебошад. Ҳар як ҳисоб метавонад ҳам як ва ҳам якчанд сомонаҳоро дар бар гирад. Чунин хостингҳо аллакай ҳама чизро барои кор кардани сомона доранд, яъне нармафзоре, ки сервери веб, сервери FTP, сервери пойгоҳи маълумотҳо ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

2). Фурӯшандаи хостинг. Мақсади асосии чунин хостинг фурӯши минбаъдаи он бо бренди дигар мебошад. Харидори он ҳамчун миёнарав байни провайдер ва корбари ниҳоӣ амал менамояд. Бартарии хостинги фурӯшанда дар он аст, ки провайдери хостинг тамоми кори сахтафзорро ба уҳда мегирад.

3). Сервери виртуалӣ. Ин сервер имкон медиҳад, ки якчанд мошинҳои виртуалии мустақил дар як сервер кор кунанд. Дастрасии пурра ба идоракунии сервери VPS аз ҷониби соҳиби он гирифта мешавад, ки метавонад тамоми маълумоти заруриро дар он ҷойгир кунад.

4). Сервери махсус. Ин намуди хостинг ба муштарӣ имкон медиҳад, ки мошини алоҳидаи ҷисмониро пурра бо барномаи худ банд кунад. Барномаҳое, ки дар чунин хостинг ҷойгир шудаанд, одатан дорои захираҳои зиёд мебошанд ва сеансҳои бисёрсоҳавиро дастгирӣ мекунанд. Идоракунии сервери бахшидашуда пурра ба соҳиби он дода мешавад.

Мушоҳида кардан душвор нест, ки таснифи провайдерҳои хизматрасонии иттилоотӣ, ки дар ИА қабул шудааст, дар маҷмуъ ба се намуди аввали провайдерҳои хизматрасонӣ, ки тибқи қонунгузории ИМА ҷудо карда шудаанд, мувофиқат мекунад.

Бояд қайд кард: «Австрия, Испания ва Португалия низ системаҳои ҷустуҷӯиро ҳамчун миёнаравҳои иттилоотӣ эътироф намуда, ба онҳо имкони маҳдуд кардани масъулиятро барои ҷиноятҳое, ки бо истифода аз хизматҳои онҳо содир шудаанд, фароҳам овардаанд» [36, с. 134].

Дар ИА чунин аст: «инчунин тамоюли умумӣ ба танзими фаъолияти операторони системаҳои ҷустуҷӯӣ мушоҳида мешавад» [191]. Дар соли 2016 Комиссияи ИА системаҳои ҷустуҷӯиро ҳамчун платформаҳои онлайн тасниф намуда, нақшаҳои худро оид ба таҳияи танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо эълон кард.

Таърифи хизматҳои зикршудаи ҷомеаи иттилоотӣ дар маҷмуъ ба таърифи дахлдори провайдерҳои хизматрасон дар қонунгузории ИМА монанд аст

Дар қонунгузории ҶТ ду намуди миёнаравҳои иттилоотӣ мавҷуд мебошанд. Таснифи он дар Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» мавҷуд аст. Мутобиқи он:

1) шахсоне, ки фаъолияти марбут ба интиқоли маълумоти аз ҷониби шахси дигар пешниҳодшударо анҷом медиҳанд;

2) шахсоне, ки ба нигоҳдории иттилоот ва таъмини дастрасӣ ба он машғуланд.

Ба монанди қонунгузории дарболозикршуда, КМ ҶТ низ намудҳои миёнарави иттилоотиро дар меъёрҳои худ дарҷ намудааст. Аз ҷумла тибқи м. 1251 КМ ҶТ чунин ҷудо шудааст:

1. «Шахсе, ки ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет, мавод пешниҳод менамояд;

2. Шахсе, ки имконияти ҷойгиронии мавод ё иттилооти барои гирифтани он заруриро бо истифодаи шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод менамояд;

3. Шахсе, ки имконияти дастрасии маводро дар чунин шабака пешниҳод мекунад» [7].

Аз таҳлили м. 1251 КМ ҶТ хулоса бароварда, он миёнаравҳое, ки дар қисми 3 моддаи зикршудаи кодекс оварда шудааст, чунин таснифот намудем:

– навъи якум – провайдерҳои интернетӣ, провайдерҳои хостинг, операторҳои алоқа, ҳангоми пешниҳоди хизматҳои алоқа ва бо дастрас намудани иҷозатнома;

– навъи дуюм – провайдерҳои хостинг, маъмурони домен, соҳибони сомонаҳо ҳангоми пешниҳоди қобилияти технологӣ барои бор кардани мавод ба захира;

– навъи сеюм – маъмурони домен, соҳибони сомонаҳо ҳангоми пешниҳоди имконияти технологии дастрасӣ ба маводҳое, ки дар аввал аз ҷониби захираи дахлдор пешниҳод карда шуда буданд.

Чунин ба назар мерасад: «таснифоти миёнаравҳои иттилоотие, ки КМ ҶТ пешбинӣ кардааст, дар баъзе мавридҳо имкон намедиҳад, ки дар бораи кадом навъи миёнарави иттилоотӣ хулоса намуд.

Дар ИМА ва ИА провайдере, ки маълумотро интиқол медиҳад ё дастрасӣ ба шабакаи алоқаро таъмин мекунад, ҳамчун як намуди миёнарави иттилоотӣ тасниф карда мешавад» [188].

Илова бар ин, дар қонунгузории ИМА ва ИА провайдерҳои хостинг (провайдерҳое, ки иттилоотро бо дастури корбарон доимӣ нигоҳ медоранд) ҳама гуна провайдерҳоеро дар бар мегиранд, ки иттилоотро нигоҳ медоранд: «новобаста аз он ки худи провайдерҳо маълумоти ғайриқонуниро нигоҳ медоранд ё танҳо маълумоте, ки дастрасӣ ба иттилооти ғайриқонуниро иҷозат медиҳанд» [189]. Аммо, қонунгузории Россия провайдерҳоро тасниф мекунад ва онҳоро мувофиқ ба ҷойгиркунии маълумот барои ба даст овардани иттилооти ғайриқонунӣ ба ду категорияи гуногун тақсим мекунад.

Дар асоси таснифоти миёнаравҳои иттилоотие, ки дар қонунгузории Россия пешбинӣ шудаанд: «гуфтан хеле душвор аст, ки як провайдери мушаххас ба кадом навъи миёнаравҳои иттилоотӣ тааллуқ дорад. Масалан, провайдери хизматрасонии дастрасӣ ба Интернет метавонад миёнарави иттилоотӣ ҳисобида шавад, ки дастрасӣ ба маводро таъмин мекунад.

Намунаи истифодаи таснифоти миёнаравҳои иттилоотӣ, ки дар қонунгузории Россия пешбинӣ шудааст, дар яке аз қарорҳои Додгоҳи ҳакамии Маскав пешниҳод шудааст. Дар ин қарор додгоҳ пешниҳод кардааст, ки миёнаравҳои иттилоотие, ки интиқоли маводро анҷом медиҳанд метавонанд провайдерҳои хизматрасонии дастрасӣ ба интернетро дар бар гиранд [200].

Миёнаравҳои иттилоотӣ, ки имкони интишори мавод ё маълумоти заруриро барои ба даст овардани он фароҳам меоранд, провайдерҳои хостинг ва соҳибони вебсомонаҳо ба шумор мераванд. Миёнаравҳои иттилоотие, ки дастрасӣ ба маводро таъмин мекунанд метавонанд соҳибони сомонаҳои ҷустуҷӯӣ ва шабакаҳои мубодилаи файлҳоро дар бар гиранд» [167].

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки «қонунгузории Россия, бархилофи қонунҳои ИМА ва ИА, ин навъи миёнаравҳои иттилоотиро ҳамчун провайдерҳое, ки кэшро анҷом медиҳанд, фарқ намекунад, зеро ки як ҷузъи раванди технологӣ оптимизатсияи интиқоли чунин иттилоот ба ҳисоб меравад. Эътироф нашудани провайдерҳои кэш ҳамчун як намуди алоҳидаи миёнаравҳои иттилоотӣ одатан бо он алоқаманд аст, ки дар қонунгузории Русия кэш ҳамчун такрори кор (иҷрои) эътироф карда намешавад» [52].

Аз ин рӯ, провайдери кэш барои таҷдиди асарҳо (иҷрои) бо вайрон кардани ҳуқуқҳои истисноии дорандаи ҳуқуқи муаллиф наметавонад аз рӯйи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Азбаски провайдери кэш наметавонад барои такрористеҳсолӣ масъулият дошта бошад, зарурати эътирофи онро ҳамчун миёнарави иттилоотӣ ва фароҳам овардани имкони маҳдуд кардани масъулият ҷиҳати нақзи ҳуқуқҳои зеҳнӣ ҳангоми анҷом додани кэш ба вуҷуд намеояд.

Бо ин муносибат розӣ шудан душвор аст. Сарфи назар аз он, ки қонунгузории Россия кэшро ҳамчун таҷдиди натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ эътироф намекунад. Кэш эҳтимолан яке аз намудҳои дигари истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ буда, пеш аз ҳама онҳоро дастраси умум мегардонад.

Азбаски кэш барои таъмини дастрасии оптималӣ ба иттилоот дар интернет муҳим аст, провайдерҳои кэш бояд масъулиятро барои нақзи моликияти зеҳнӣ, ки ҳангоми кэш рух дода метавонанд, маҳдуд кунанд. Бо ин мақсад мо пешниҳод менамоем, ки провайдерҳои кэш бояд ҳамчун як намуди алоҳидаи миёнарави иттилоотӣ эътироф карда шаванд.

Бархилофи қонунгузории ИМА ва Россия қонунгузории мамлакати мо операторони системаи ҷустуҷӯиро ҳамчун як намуди алоҳидаи миёнаравҳои иттилоотӣ фарқ накардаанд.

Бо вуҷуди ин, муаллиф чунин мешуморад, ки системаҳои ҷустуҷӯиро метавон миёнаравҳои иттилоотӣ эътироф кард, зеро онҳо аз истифодаи мундариҷаи дигарон даромад мегиранд. [36].

С. С. Калашников бо вай розӣ нест ва қайд мекунад, ки «системаҳои ҷустуҷӯ мустақилона мундариҷаи одамони дигарро истифода намебаранд, балки танҳо истинод ба мундариҷаеро, ки дар сомонаҳои тарафи сеюм истифода мешаванд, пешниҳод мекунанд» [119, с.33].

Мо ба ақидаҳои дар боло зикршуда розӣ ҳастем, зеро дар ҳақиқат системаҳои ҷустуҷӯӣ ин як намуди миёнарави иттилоотӣ буда, барои манфиати худ фаъолият намуда, аз ҳисоби дигарон маблағи муайян ба даст меорад.

Имрӯзҳо, дар қонунгузории ҶТ, ФР, инчунин дар ИА, тамоюли ба назар намоён гаштани масъулиятҳои нав ба зиммаи операторони системаи ҷустуҷӯӣ барои мубориза бо паҳншавии иттилооти ғайриқонунӣ мушоҳида мешавад:

«Ҳамин тариқ, соли 2017 Қонуни федералии ФР «Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот» дар м. 103 дарҷ намуд, ки операторони системаи ҷустуҷӯиро вазифадор мекунад, ки бо дархости

довталабон додани истинод ба саҳифаҳои веб-сомонаеро, ки дорои маълумот дар бораи довталаб паҳн шудаанд, бас кунанд» [22].

Тақвияти танзими системаҳои ҷустуҷӯӣ дар ФР ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи эътирофи воқеии онҳо ҳамчун миёнаравҳои иттилоотӣ сухан ронем, гарчанде ки онҳоро ҳамчун як намуди алоҳида фарқ намекунанд.

Ҳамин тариқ, миёнаравҳои иттилоотӣ вобаста ба самти фаъолиятҳое, ки дар робита ба интиқол, нигоҳдорӣ ё таъмини дастрасӣ ба иттилоот анҷом медиҳанд, ба намудҳои гуногун ҷудо карда мешаванд.

Дар асоси таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории Россия, ИА, ИМА инчунин дигар давлатҳои хориҷӣ ба монанди Канада, Аргентина, Олмон таснифоти зерини миёнаравҳои иттилоотиро пешниҳод кардан мумкин аст:

– миёнаравҳои иттилоотие, ки амалӣ гардондан, интиқоли маълумот ё таъмини дастрасӣ ба иттилоотро ба роҳ мемонанд;

– миёнаравҳои иттилоотие, ки кэшро иҷро мекунанд;

– миёнаравҳои иттилоотие, ки амалӣ гардондан ва нигоҳдории маълумотро аз ҷониби истифодабарандагон ба амал мебароранд;

– миёнаравҳои иттилоотӣ, ки маълумотро ҷустуҷӯ мекунанд ва ғайра.

Аз натиҷаи таҳлили зербоби мазкур, ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

Дар маҷмуъ миёнаравҳои иттилоотиро ба чунин намудҳо тасниф намудан мумкин аст:

а) миёнаравҳои иттилоотие, ки амалӣ гардондан, интиқоли маълумот ё таъмини дастрасӣ ба иттилоотро ба роҳ мемонанд;

б) миёнаравҳои иттилоотие, ки кэшро иҷро мекунанд;

в) миёнаравҳои иттилоотие, ки амалӣ гардондан ва нигоҳдории маълумотро аз ҷониби истифодабарандагон ба амал мебароранд;

г) миёнаравҳои иттилоотӣ, ки маълумотро ҷустуҷӯ мекунанд ва ғайра.

Пешниҳод менамоем, ки бақайдгирандагони номҳои домейн ва миёнаравони системаҳои ҷустуҷӯӣ ба сифати намудҳои алоҳидаи миёнаравони иттилоотӣ эътироф карда шаванд. Мафҳумҳои онҳоро

пазируфта, дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» ҳамчун сархатҳои 11, 12 дар мазмуни зайл иловаҳо ворид карда шаванд:

«11) Бақайдгирандагони номҳои домейнӣ – ташкилотҳое ба шумор мераванд, ки домейнро ба қайд гирифта, номи онро муайян мекунанд ва аломатгузории рамзҳо, ки барои суроғагузории сомонаҳо дар интернет бо мақсади таъмини дастрасӣ ба иттилооти дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷойгиршуда, амал менамоянд.

12) Миёнарави системаи ҷустуҷӯӣ – ин миёнарави иттилоотие мебошад, ки бо дархости истифодабарандаи алоқаи барқӣ дар шабакаи иттилоотию телекомуникатсионӣ маълумоти муайянро ҷустуҷӯ мекунад ва ба дархосткунандаи маълумот дар бораи нишондиҳандаи саҳифаи сомона, инчунин барои дастрасӣ ба маълумоти дархостшуда, ки дар сомонаҳои интернет ҷойгир аст, ки ба шахсони дигар тааллуқ доранд, хизмат мерасонад».

# БОБИ 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МИЁНАРАВИ ИТТИЛООТӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотӣ

Қобилияти ҳуқуқӣ – ин қобилияти шахс барои қабули қарорҳои қонунӣ ва ворид шудан ба муносибатҳои ҳатмии шартномавӣ мебошад. Ин шахсро субъекти ҳуқуқ ва соҳиби ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мегардонад. Қобилияти ҳуқуқӣ махсусан муҳим аст, зеро он ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз интихоби ҷойи истиқомат, издивоҷ ва агар ин тавр бошад, бо кӣ, то имзои шартномаи меҳнатӣ ё иштирок дар овоздиҳӣ дахл дорад.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ – ин ҳуқуқи ҳар як шахс аст ҳамаи субъектони ҳуқуқ бояд қобилияти ҳуқуқиро дар баробари дигарон дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт дошта бошанд. Истилоҳи мазкур дарбаргирандаи ду калима мебошад: яке қобилияти доштани ҳуқуқ, дигар бошад қобилияти амал кардан аз рӯйи ин ҳуқуқҳо. Дар амал, қобилияти ҳуқуқӣ кафолат медиҳад, ки шахс дар назди қонун эътироф карда мешавад ва метавонад дар бораи ҳаёти худ қарор қабул кунад, ҳуқуқҳоро амалӣ кунад, ба муомилоти маданӣ дастрасӣ пайдо кунад, шартномаҳо бандад ва аз номи худ сухан гӯяд.

Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд ин қобилияти доштани ҳуқуқҳои маданӣ ва уҳдадориҳо мебошад, ки ба ҳамаи шаҳрвандон баробар эътироф карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд дар лаҳзаи таваллуди ӯ ба вуҷуд меояд ва бо фаро расидани марг қатъ карда мешавад.

Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд ё унсурҳои алоҳидаи он наметавонад бо амалҳои худи ӯ ё амалҳои шахсони дигар маҳдуд карда шавад, агар онҳо бевосита бо қонун ваколатдор набошанд. Қобилияти шаҳрвандӣ ин қобилияти шаҳрванд барои ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ, эҷоди уҳдадориҳои маданӣ барои худ ва иҷрои онҳо мебошад. Баръакси қобилияти ҳуқуқӣ, қобилияти корӣ бо амалҳои иродаи шаҳрванд алоқаманд аст, ки ба сатҳи муайяни камолоти равонӣ ноил шуданро дар назар дорад.

Таърихан, қобилияти ҳуқуқии баъзе одамон дар ҷомеа метавонад маҳдуд бошад. Дар ин ҳолат, давлат чораҳои муҳофизатӣ меандешад, зеро чунин мешуморанд, ки шахс қодир нест, қарор қабул кунад. Баъзе шахсон дорои маълулияти зеҳнӣ мебошанд, аз ин рӯ қобилияти амалкунии онҳо аз ҷониби шахсони дигар зери шубҳа гузошта мешавад, маҳдуд карда мешавад, ё умуман аз он маҳрум карда мешаванд.

Институти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ ҳанӯз дар Рими қадим маълум буд. Дар ҳуқуқи римӣ категорияҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкуниро дар асл фарқ намекарданд, аммо И.Б. Новицкий қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро аз ҳамдигар фарқ мекард: «дар Рим ҳам қобилияти иҷрои амалкунӣ бо оқибатҳои ҳуқуқӣ барои ҳар як шахс эътироф карда нашудааст» [69]. Ин маънои онро дошт, ки на ҳама шаҳрвандон қобилияти ҳуқуқии якхела доштанд. Қобилияти ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи Рим аз таваллуд ба вуҷуд меомад, аммо шахси ҳомиладор ва таваллуднашуда метавонист то андозае вориси худ эътироф кунад. Қобилияти амалкунӣ дар Рим бо синну соли шахс алоқаманд буд.

Бояд қайд намуд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ яке қисми таркибӣ, дар якҷоягӣ бо қобилияти амалкунӣ, яъне қобилияти шахсон барои доштан ва амалӣ кардани ҳуқуқҳои субъективӣ ва ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ, яъне ҳамчун субъекти асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Аз мафҳуми қобилияти ҳуқуқӣ, ҳамчун аксиома, мафҳумҳои намудҳо (масалан, қобилияти ҳуқуқии маданӣ, соҳавӣ ё махсус), такмилҳо, шарҳҳо, тасвирҳо ва ғайра бармеоянд. Пеш аз муайян кардани мазмуни воқеӣ, маънои мафҳуми қобилияти ҳуқуқдорӣ, бояд мундариҷаи мафҳуми қобилияти ҳуқуқиро барои он муқаррар кард, зеро табиист, ки назария набояд ба мундариҷаи таҳрифшудаи мафҳуми ибтидоӣ асос ёбад ва қабати шифоҳии мафҳуми деринаи қабулшударо ба таври худсарона, ҳатто аз ангезаҳои нек истифода набарад.

Мувофиқи истифодаи маъмулии калима, ки дар луғатҳо сабт шудааст, калимаи «қобилият» [71] имконияти иҷрои ягон амалро ифода мекунад. Дар

адабиётӣ дигар истилоҳи қобилияти амалкунӣ чунин шарҳ дода шудааст: «қобилияти шаҳрванд барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи граждани, барои худ муқаррар намудани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он (мукаллафияти маданӣ) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ ба миён меояд» [96, с. 249].

Мафҳуми қобилият як ҳолати муайяни инсон, бояд гуфт, ки сатҳи рушди сифати аслии ӯро тавсиф мекунад, ки барои ӯ на танҳо даъво кардан ё хоҳиш кардан ба ягон чизе, балки барои ноил шудан ба хоҳиш худ, инчунин пешниҳод намудани даъво низ имкон медиҳад.

Қобилиятҳо он чизҳое мебошанд, ки шахсиятро дар якҷоягӣ бо муҳити мустақим ва дигар омилҳои объективӣ ва берунӣ ташаккул медиҳанд. Қобилият он чизест, ки ба инсон тааллуқ дорад, онро худи ӯ ба даст овардааст:

Якум, онҳо пайванди дониш ва малака бо як намуди муайяни фаъолияти ақлонӣ мебошанд;

Дуюм, онҳо василаи танзим, рушди дониш ва маҳоратро ифода мекунанд;

Сеюм, онҳо қувваи зеҳнӣ-руҳӣ мебошанд, ки дониш ва маҳоратро аз имконоти амали банақшагирифташуда ба воқеияти он табдил медиҳанд.

Фактҳо асоси рушди қобилият мебошанд: «қобилиятҳо натиҷаи рушд мебошанд» [137].

Албатта қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи талаботи КМ ҶТ шахс ҳамчун мафҳуми умумӣ эътироф шудааст. Моҳиятан дар зери ин мафҳум ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ фаҳмида мешавад.

Имрӯз дар илми ҳуқуқи маданӣ тафсирҳои зиёди ин унсур мавҷуданд. В.А. Ойгензихт вобаста ба мафҳуми нотавонӣ чунин гуфтааст: «нотавонии шахс барои интихоби қарори огоҳона, танзими рафтори худ мушкилӣ ба бор меоварад» [72, с. 6]. Л. Я. Данилова, «ин мавқеъро рушд дода, мафҳуми мазкурро аллакай ҳамчун нотавонии субъект барои танзими огоҳонаи рафтори худ, ки ба пайдоиш, тағйир ё қатъи муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ

равона шудааст, шарҳ медиҳад» [116, с.30]. Ғайр аз ин, вай пешниҳод мекунад, ки категорияи «дараҷаи нотавонӣ» ҷорӣ карда шавад ва ин имкон медиҳад, ки маҳдудиятҳо ва манъкуниҳои дақиқтар пешбинӣ карда шаванд. Ифодаи ҳуқуқии ин мафҳум қисман ё пурра корношоямии шаҳрванд ба шумор меравад.

Дар м. 22 КМ ҶТ қобилияти амалкунӣ муайян карда шудааст. Қобилияти шахси воқеӣ барои бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, барои худ ба миён овардани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он (қобилияти амалкунии маданӣ) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне ҳангоми расидан ба синни ҳаждаҳ ба вуҷуд меояд. Доштани қобилият маънои қобилияти шахсан содир кардани амалҳои ҳуқуқиро дорад. Ҳамин тариқ, қобилияти амалкунӣ ин қобилияти ба анҷом расонидани амалиётҳо, мустақилона эҷод ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ, иҷрои вазифаҳо ва қобилияти масъулият барои амалҳои ғайриқонуниро дар бар мегирад. Арзиши категорияи қобилият бо он муайян карда мешавад, ки он иштироки фаъолонаи шахсро дар гардиши иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳо, татбиқи ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайримолумулкии худ таъмин менамояд. Мазмуни қобилияти амалкунии шаҳрвандон бо мазмуни қобилияти ҳуқуқии онҳо зич алоқаманд аст. Агар мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳое бошад, ки шахс метавонад дошта бошад, пас мазмуни қобилияти амалкунӣ бо қобилияти шахс тавсиф карда мешавад ва ин ҳуқуқҳоро бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалӣ кардани онҳоро дар муомилоти маданӣ дар назар дорад.

Қобилияти амалкунӣ, ба монанди қобилияти ҳуқуқдорӣ, наметавонад ҳамчун хусусияти табии инсон баррасӣ карда шавад, онҳо ба шаҳрвандон бо қонун дода мешаванд ва категорияҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Аз ин рӯ, КМ ҶТ меъёрҳоеро вобаста ба қобилияти амалкунӣ ва маҳдуд намудани он низ муқаррар намудааст. Маҳдудиятҳои дахлдор метавонанд танҳо бо қонунгузории ҶТ ҷорӣ карда шаванд. Баръакси қобилияти ҳуқуқдорӣ, ки ба ҳамаи шаҳрвандон баробар эътироф карда мешавад, қобилияти амалкунӣ

наметавонад якхела бошад. Барои ба даст овардани ҳуқуқҳо ва амалӣ намудани онҳо бо амалҳои худ, ба зимма гирифтан ва иҷрои вазифаҳо маънои меъёрҳои ҳуқуқро фаҳмидан, оқибатҳои амалҳои худро дарк кардан, таҷрибаи ҳаётӣ доштан лозим аст. Ин сифатҳо вобаста ба синну сол, омилҳои равонӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд. Танҳо шаҳрванди калонсол метавонад ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро мустақилона ва пурра иҷро кунад.

Қобилияти амалкунӣ дар муқоиса бо қобилияти ҳуқуқдорӣ қобилияти фаҳмидани аҳаммияти амалҳои худро, идоракунии онҳо ва пешгӯии оқибатҳои онҳоро дар бар мегирад, ки ин одатан ҳангоми расидан ба ин синну соли муайян, пас аз балоғат расидан пайдо мешавад. Дар ҶТ синни ба балоғат расидан 18-солагӣ эътироф карда шудааст. Вобаста ба ин аз синни 18-солагӣ шаҳрванд метавонад мустақилона шартнома бандад, моликияти худро сомонаи худашро кушояд, ё ин ки ҳамчун миёнарави иттилоотӣ дар симои шахси ҳуқуқӣ баромад намояд, ё ин ки молу мулки хешро ихтиёрдорӣ кунад, ҳамчунин дигар амалҳои ҳуқуқиро анҷом диҳад ва барои онҳо масъул бошад.

Аз қоидаи умумӣ чунин бармеояд: «дар бораи фаросии қобилияти амалкунӣ дар синни 18-солагӣ дар КМ ҶТ ду истисно вуҷуд дорад» [7]. Якум барои шахсе, ки пеш аз ин синну сол издивоҷ кардааст, муқаррар карда шудааст. Синни ягонаи издивоҷ, ки барои мардон ва занон муқаррар шудааст, 18 сол аст ва бо ҳалномаи мақомоти судӣ то 17-солагӣ коҳиш дода мешавад, агар сабабҳое мавҷуд бошанд, ки онҳо ҳамчун асос барои коҳиш додани синну соли шахс баромад намояд.

Ба ақидаи С. Н. Братус мазмуни қобилияти амалкунӣ қобилияти анҷом додани муомилот, қобилияти кор ва инчунин қобилияти иҷрои дигар амалҳои қонуниро дар бар мегирад. [32, с.76].

Я. Р. Веберс ақидаашро баён намуда, ба хулосаи зерин омад, ки қобилияти амалкунӣ, аз рӯйи маънои қонунгузор, ки барои тамоми ҳуқуқи маданӣ аҳаммият дорад, дар асл танҳо қобилияти иҷрои амалҳои қонунӣ –

аҳдҳоро дар бар мегирад, [116, с.70]. аммо ба ақидаи Л. Г. Кузнетсова, мазмуни қобилияти амалкунӣ якчанд қобилиятро дар бар мегирад аз ҷумла;

– ҳуқуқи ба даст овардан ва барои худ уҳдадориҳо эҷод кардан,

– ҳуқуқҳои ба шахси дигар тааллуқдоштаро бо амалҳои худ амалӣ кардан ва уҳдадориҳои дар он ҷойдоштаро иҷро кардан,

– инчунин бо амалҳои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мавҷудаи ин шахсро қатъ кардан ба шумор меравад. [122].

Бояд қайд кард, ки қобилияти амалкунии миёнарави иттилоотӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ асосан яке аз сохторҳои нав мебошад, ки хусусиятҳои хоси худро дорад. Аз ин рӯ, танзими возеҳ ва мушаххас кардани хусусиятҳои ин унсур ба шахсони воқеӣ, яъне субъектҳои муносибатҳои маданӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро пурра амалӣ намуда, ҳамзамон эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонанд ва инчунин манфиатҳои худро ҳимоя кунанд.

Бо таҳлили адабиётҳо хусусияти ҳуқуқи маданиро, аз ҷумла қобилияти амалкуниро метавон чунин қайд кард:

«– ин қобилияти шахсоне мебошад, ки барои ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ тавассути амалҳои асосии худ;

– қобилияти эҷоди вазифаҳои маданӣ барои худ ва инчунин иҷрои онҳо» [160, с.91].

Хусусиятҳои дар боло зикршуда бевосита динамикаи шаҳрвандонро ошкор намуда, муносибатҳои ҳуқуқӣ дар навбати худ онро аз қобилияти ҳуқуқӣ фарқ мекунад (мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро мустаҳкам мекунад). Иҷрои амалии ҳамаи ҳуқуқҳои ба шаҳрванд таъиншуда, инчунин қобилияти амалкунии он ба ӯ имкон медиҳад, ки субъекти воқеии ҳуқуқи маданӣ бошад.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ аз ҷониби Б.Т Худоёрзода, Ҳ.М Саидов чунин пешниҳод шуданд: «дар қ. 1 м. 18 ба сифати қобилияти доштани ҳуқуқу уҳдадории маданӣ (қобилияти ҳуқуқдории маданӣ) нисбат ба ҳамаи шахсони воқеӣ ба таври баробар эътироф карда мешавад» [100, с. 144]. Яъне, ҳамаи шахсони воқеӣ метавонанд ҳамчун субъект дорои ҳуқуқу

уҳдадориҳо бошанд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ асоси пайдоиши ҳуқуқу уҳдадорӣ ва амалӣ шудани онҳо (ҳуқуқу уҳдадориҳо) мегардад. Қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ аз рӯйи қонун аз лаҳзаи зинда таваллуд шудани шаҳрванд оғоз гардида, он дар асоси талаботи қонун пайдо мешавад ва хусусияти ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ дорад.

Дар адабиёти соҳавӣ чунин баён шудааст: «агар қобилияти ҳуқуқдорӣ аз лаҳзаи таваллуд то марг эътироф карда шавад, пас қобилияти амалкунии шахси воқеӣ аз лаҳзаи расидан ба синни муайян вобаста аст, он пас аз расидан ба синни 18-солагӣ пурра зоҳир мешавад. Ин ҳолат танҳо ба шахсони воқеӣ дахл дорад, зеро онҳо бо сабаби рушди физиологии худ хусусияти ба камол расидан ва ба даст овардани хислатҳои ирода ва равонӣ доранд» [194, с. 34]. Чунин хусусиятҳо ба шахсони ҳуқуқӣ хос нестанд, зеро шахсони ҳуқуқӣ қобилияти ҳуқуқӣ ва оқибатҳои он барои онҳо ҳамзамон ба миён меоянд». Илова бар ин, чунин муносибатҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, № 508 [12], танзим шудаанд.

Бо қабул намудани КМ ҶТ қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маданӣ дар қонунгузории амалкунанда мавриди тағйиротҳои ҷиддӣ қарор нагирифт. Дар қ. 2 м. 18 КМ ҶТ муқаррар гардидааст, ки: «қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, бо фаро расидани марг қатъ мегардад». Масъала дар мавриди он ки дар ҳолати мазкур ҳифзнамоӣ аз ҷониби қонунгузор дуруст аст ё на, солҳои охир мавриди рағбату омӯзиши зиёди ҷомеаи илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

Бояд гуфт: «як қатор вакилони Думаи давлатии ФР лоиҳаи қонунеро коркард кардаанд, ки лаҳзае, ки аз он қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд ба вуҷуд меояд – на аз лаҳзаи таваллуд, балки аз лаҳзаи пайдоиши ҷанин дар батн дигаргуна муайян менамояд» [173, с. 141]. Бо дар назар гирифтани як қатор далелҳо, дар навбати аввал – «оид ба эътирофи расмӣ, ҳамчунин эътирофи қисмии қобилияти ҳуқуқдории ҷанин, вале шахсони ҳоло

таваллуднашуда дар қонунгузории амалкунанда бо роҳи нисбат ба онҳо эътирофи ҳуқуқ ба ҳаёт ва ҳуқуқ ба мерос» оварда мешаванд.

Чи тавре Я.Р. Веберс қайд менамояд: «бавуҷудоии инсон ҳамчун субъекти ҳуқуқи гражданӣ ва мутаносибан қобилияти ҳуқуқдории он аз лаҳзаи таваллуд, воқеияти (факти) инкишофи ҷаниниро аз лаҳзаи дар батни модар будан то таваллуд истисно наменамояд» [35, с. 105].

Г.Ф. Шершеневич бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдории инсонро аз лаҳзаи мавҷудияти он муайян намуда, саволеро ба миён мегузорад, ки «оё ин лаҳзаро метавон ба лаҳзаи ҷанинӣ мансуб донист ё ба лаҳзаи таваллуди инсон?» ва ба саволи гузошташуда ҷавоб дода, менависад: баъзе муқаррароти қонунгузории мо имкони тахмин карданро медиҳад, ки он қобилияти ҳуқуқдориро бо лаҳзаи ҷанинӣ алоқаманд мекунад» [105, с. 62].

С.Н. Братус чунин қайд менамояд: «ҷанин субъекти ҳуқуқ намебошад. Қонун танҳо ҳуқуқҳои субъекти эҳтимолии ояндаро ҳифз менамояд» [33, с. 51].

Гуфта метавонем, ки дар ҶТ айни замон муқаррароти қонунгузории амалкунанда лаҳзаи бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдориро бевосита тасдиқ намудааст. Вобаста ба муайян намудани лаҳзаи бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдорӣ муносибати дигар низ ҷой дорад, ки хусусиятҳои хоси қобилияти ҳуқуқдории шахсони таваллудшуда, вале ҳанӯз ба сатҳи инкишофи зарурии руҳиву ҷисмонӣ, инчунин қобилияти пурраи ақлонӣ нарасидаро инъикос менамояд.

Дар ҳамин асно С.Н. Братус қайд карда буд: «дар баъзе ҳолатҳо қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян бинобар сабаби табиати онҳо на дар лаҳзаи таваллуд, балки бо расидан ба синну соли муайян ба вуҷуд меояд. Дар робита ба ин, дар адабиётҳо кӯшиш карда мешавад, ки миёни қобилияти ҳуқуқдории умумӣ, ки аз лаҳзаи таваллуд ба миён меояд ва махсус, ки дар як вақт бо қобилияти амалкунӣ ба миён меояд, фарқият гузошта шавад» [33, с. 48].

Я.Р. Веберс чунин мешуморад: «барои дарки дурусти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва аҳаммияти он фарқ кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ дар ду ҷанба – дар маҷмуъ ва дар муносибат ба ҳар як унсури мазмуни он дар алоҳидагӣ зарур мебошад. Тавре муҳаққиқ иброз медорад, «маҳз аз лаҳзаи таваллуд шаҳрванд дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ба сифати субъекти аксарияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкии маданӣ баромад намуданро соҳиб мегардад: ҳуқуқи моликият, ҳуқуқ ба мерос ва бештари муносибатҳои шартномавӣ, ки амалҳои ҳуқуқии ба таври ҳатмӣ шахсан иҷрошавандаро талаб намекунанд. Аз ин лаҳза шаҳрванд метавонад субъекти уҳдадориҳое гардад, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба вуҷуд меоянд, ба истиснои субъекти ҷавобгарӣ. Ӯ метавонад инчунин субъекти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии гражданӣ бошад» [35, с. 101].

Я.Р. Веберс дуруст қайд мекунад: «эътирофи инсон ҳамчун дорандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз лаҳзаи таваллуд ҳарзаи ҳуқуқӣ намебошад. Ин эътирофи муносибатҳои ҷамъиятии воқеӣ мебошад, ки дар онҳо инсон метавонад ҳамчун субъекти мустақилона аз лаҳзаи таваллуди худ иштирок намояд» [35, с. 101]. Ба ақидаи ӯ эътироф намудани қобилияти инсон вобаста ба доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз лаҳзаи таваллуд, ба сифати шахсияти мустақил дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад намудан, дар кори ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшаванда аҳаммияти бузург дорад.

Аз мазмуне, ки дар м. 18 КМ ҶТ инъикос ёфтааст бармеояд, ки на ҳамаи шахсоне, ки тавалуд мешаванд қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотиро ба худ доро мебошанд. Албатта он шахсе қобилияти амалкунӣ дорад, ки дар сомонаҳои иҷтимоӣ маводро ҷойгир карда метавонад.

Чи тавре ки дар параграфҳои болоӣ қайд намудем, ба сифати миёнарави иттилоотӣ ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шаҳсони ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Аз ин лиҳоз дар алоҳидагӣ таҳлил намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Мафҳуми қобилияти ҳуқуқдорӣ бори аввал дар Уложенияи Австрия дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуд ва баъдтар дар ин ё он шакл дар

дигар қонунҳо инъикоси худро ёфт. Дар айни замон, дар як қатор кодексҳои гражданӣ мафҳуми қобилияти ҳуқуқӣ дода намешавад: «балки танҳо нишон дода мешавад, ки қобилияти ҳуқуқӣ аз айёми таваллуд пайдо мешавад» [102, с. 251]. Ба назар чунин мерасад, ки ин ба он сабаб аст, ки қобилияти ҳуқуқӣ ҳамчун мафҳуми возеҳ баррасӣ карда мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳам дар тамаддуни шуравӣ ва ҳам дар тамаддуни муосир нуқтаи назаре паҳн шуд, ки мувофиқи он қобилияти ҳуқуқӣ ҳуқуқи субъективӣ мебошад. Тарафдорони ин ақида С. Н.Братус, С. М. Корнеев [56], С. А. Сулайменова [88], Т. Ю. Удововиченко [180], Я. Р. Веберс, Н. П. Журавлев мебошанд: «Муаллифон фикри худро бо он асоснок мекунанд, ки қобилияти ҳуқуқӣ барои ҳама эътироф ва аз ҷониби давлат ҳимоя карда мешавад» [56, с. 232].

Асосгузори ин назария С. Н. Братус мавқеи худро чунин асоснок мекунад. Ӯ ҳуқуқи субъективиро ҳамчун меъёри рафтори имконпазир меҳисобад, ки имконияти талаб кардани рафтори муайянро аз шахсони мансабдор ба амал меборорад. Дар баробари ин мо чунин ақида дорем, ки қобилияти ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ низ ҳуқуқи субъективӣ буда, ҷиҳати дар амал иҷро намудани ҳама намуди фаъолияте, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ аст, ба амал бароварда мешавад ва давлат, шахсони ваколатдор ва шахсони мансабдор ҳуқуқи мазкурро аз ҳама гуна таҷовуз ҳимоя менамоянд.

Ҳолати мазкур аз он далолат мекунад, ки ҳеҷ кас наметавонад қобилияти ҳуқуқиро маҳдуд намояд, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

Аз ин рӯ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ин ҳуқуқи субъективӣ мебошад, ки дар раванди татбиқи худ «ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххаси субъективии маданиро ба вуҷуд меорад» [30, с. 139].

Ҳамин тариқ, ақидаҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки қобилияти ҳуқуқдории миёнаравони иттилоотӣ падидаи бисёрҷанба ва мураккаби ҳуқуқи маданӣ мебошад. Ба назари мо, қобилияти ҳуқуқӣ ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ ҳуқуқе мебошад, ки ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар

сатҳи санадҳои зерқонунӣ танзими худро ёфтааст. Зеро қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ аксаран мавриди таҳқиқоти олимон қарор мегиранд.

Агар мо ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ назар афканем мебинем, ки қонунгузории мамлакатҳои ҳориҷӣ як қатор асосҳоро барои пеш аз муҳлат ба даст овардани қобилияти пурраи фаъолият пешбинӣ кардааст. Моро мебояд, ки ба ҳар як намуди қобилият диққати махсус зоҳир намоем. Бояд қайд кард, ки дар ҳамаи кишварҳо лаҳзаи ба вуҷуд омадани қобилияти пурраи маданӣ аз расидан ба синну соли муайян ва вазъи саломатии руҳӣ ва ҷисмонӣ вобаста аст. Масалан, дар баъзе штатҳои ИМА, Филиппин, Боливия, Миср, АМА, Кипр, ҶТ ва ғайра, қобилияти амалкунӣ аз «21-солагӣ ва дар Ҷопон аз 20-солагӣ ба вуҷуд меояд» [108]. Дар Россия дараҷаи зерин муқаррар карда шудааст: аз ҷумла синни расидан ба қобилияти пурраи амалкунӣ аз 18 то 21-солагӣ. Дар ҶТ қобилияти пурраи амалкунӣ аз 18-солагӣ фаро мерасад.

Аз таҳлилҳои боло ба хулосае меоем, ки қобилияти амалкунии миёнаравони иттилоотӣ ҳамчун ҷамъиятҳои хоҷагӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти андози ҷойи фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меояд. Барои хизматрасонии контет-провайдерӣ гирифтани иҷозатномаи дахлдор муқаррар шудааст. Қобили зикр аст, ки ин гуна контент-провайдерон соҳибкор мебошанд. Агар онҳо дар махзанҳои худ маводҳои иттилоотию эҷодии дигаронро ҷойгир ва тавассути сомонаашон паҳн намоянд ва аз ин фаъолият даромад ба даст оранд, пас онҳо соҳибкор ба шумор мераванд. Тартиби иҷозатнома гирифтан ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти муайян бевосита дар Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» [11] аз 22 июни соли 2023, № 1968, дарҷ карда шудааст. Объекти бевоситаи чунин низом дар соҳаи таҳлилшаванда фаъолият оид ба хизматҳои алоқаи радифии глобалии шахсӣ, фаъолият оид ба хизматҳои алоқаи телефонии байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ тавассути шабакаи операторон, фаъолият оид ба хизматҳои хадамоти телематикӣ (ба истиснои IP-телефония), фаъолият оид ба хизматҳои хадамоти телематикӣ, аз ҷумла хизматрасонии контент-

провайдерӣ (ба истисноӣ IP-телефония) ва дигар хизматҳои алоқаи баркӣ мебошанд.

В.П. Грибанов чунин гуфтааст: «шарти умумии ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои маданӣ қобилияти фаъолияти маданӣ мебошад, ки дар он на танҳо имконияти ба даст овардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ, ки аз ҷониби давлат эътироф карда мешавад, балки имконияти амалӣ кардани онҳо бо амалҳои худ, новобаста аз тарзи татбиқи онҳо фаҳмида мешавад» [170, с. 10].

Дар луғати Брокгауз ва Ефрон нишон дода шудааст: «ки қобилияти амалкунӣ, дар муқоиса бо қобилияти ҳуқуқӣ, дар забони ҳуқуқӣ қобилияти шахсро барои иҷрои амалҳои ҳуқуқӣ, ки ба муқаррар, тағйир, қатъ ё татбиқи ҳуқуқҳои гражданӣ равона шудаанд, ифода мекунад» [107, с. 234]. Ба ибораи дигар, қобилият қобилияти шахсро барои огоҳона баён кардани иродаи худ ҳангоми анҷом додани аҳдҳои ҳуқуқӣ ва роҳбарӣ кардани амалҳои худ бо дарки оқибатҳои онҳо дар назар дошта мешавад. Набудани қобилияти амалкунӣ ба таркиби умумии қобилияти ҳуқуқии шахс низ таъсир мерасонад. Қобилияти амалкунии миёнарави иттилоотиро ба таври одилона қобилияти воқеии ҳуқуқӣ меноманд.

Ақидаи олими намоён Г.Ф. Шершеневич қобилиятро ҳамчун ҳолати аслии ҳуқуқии шахсон тавсиф менамояд: «қобилиятҳои ҳуқуқии ӯро бевосита муайян карда – мустақилона ба даст овардани ҳуқуқҳо, аз ҷумла ихтиёрдории онҳо, эҷоди уҳдадориҳои маданӣ барои хеш, иҷрои онҳо, субъекти масъулият будан ва ба монанди қобилияти ҳуқуқдорӣ, чизе ҷуз ҳуқуқи муайяни миёнарав нест» [106, с. 76].

Қобилияти амалкуниро ҳамчун ҳуқуқи аслии ашхоси муайян, чунин олимон дар асарҳои хеш зикр кардаанд: «В. П. Грибанов» [170, с. 5], «С. Н. Братус» [31, с. 63], Я.Р. Веберс ва дигарон.

Дар робита ба ин, Ю. С. Гамбаров навиштааст, ки муносибати байни ҳуқуқ ва қобилияти амалкунӣ ҳамон муносибати байни ҳуқуқ ва фиристодани он аст, зеро якум ҳолати ғайрифаъолро ифода мекунад ва дуюм ҳолати фаъоли субъекти ҳуқуқро ифода мекунад [38, с. 457].

Аз ин рӯ, фарқият дар он аст, ки на ҳама субъектон метавонанд қобилият дошта бошанд. Агар қобилияти ҳуқуқӣ дар асл барои ҳамаи субъектон баробар бошад, пас қобилияти амалкунӣ аз рӯйи табиати худ чунин буда наметавонад, зеро ҳангоми муқаррар кардани ҳаҷми қобилияти амалкунӣ қонунгузорӣ қобилияти зеҳнӣ ва равонии инсонро ба назар мегирад. Дар баъзе ҳолатҳо қобилияти амалкунии миёнарави иттилоотӣ ҳамчун шарти татбиқи унсурҳои алоҳидаи қобилияти ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Я.Р. Веберс чунин қайд мекунад «тавре ки дар баъзе ҳолатҳо қобилияти фаъолияти рост алоқаманд нест» ҷудошавии зеҳнии онҳо ҳамеша имконпазир аст, зеро ҳар кадоми онҳо таъиноти иҷтимоӣ, мундариҷа, сохтори худро доранд. Ҳар яке аз ин қобилиятҳо дар механизми танзими ҳуқуқӣ нақши худро доранд [35, с. 117].

Қобилияти ҳуқуқӣ – ин ҳуқуқи шахс барои доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошад. Дар ин ҳолат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххасро ҳам бо амалкунӣ худи шаҳрванд ва ҳам бо амали шахси дигар (аз ҷумла миёнарави иттилоотӣ ё намояндаи қонунии он) ба даст овардан мумкин аст.

Қобилияти амалкунӣ – ин ҳуқуқи шаҳрванд барои ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо мебошад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаанд, аммо албатта баробар нестанд. Байни ин мафҳумҳо фарқиятҳои ҷиддӣ мавҷуданд.

А. М. Нечаева «қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро ба чунин гурӯҳҳо дохил кардааст».

– қобилияти ҳуқуқдорӣ бо синну соли шаҳрванд алоқаманд нест, балки қобилияти амалкунӣ бевосита ба ӯ вобаста аст;

– ба қобилияти ҳуқуқӣ вазъи саломатии шахси воқеӣ таъсир намерасонад ва қобилияти амалкунии он аксар вақт бо ихтилофоти ҷиддӣ дар ҳолати саломатии субъекти ҳуқуқ муайян карда мешавад;

– қобилияти ҳуқуқдорӣ ба мафҳумҳои устувори тағйирнашаванда ишора мекунад, дар ҳоле ки қобилияти амалкунӣ метавонад дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун васеъ ва баръакс коҳиш ёбад;

– қобилияти ҳуқуқӣ аз ҷониби қонун муайян карда намешавад, он ба табиати инсон хос аст, қобилияти амалкунӣ бошад ба қонун асос меёбад [145, с. 34].

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои субъективӣ ба қонун асосёфта ба шумор меравад. Мувофиқан бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти иқтисодиёт ва иҷтимоиёт мазмуни қобилияти ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ тағйир меёбад, инчунин ҳолатҳои маҳдуд кардани татбиқи унсурҳои алоҳидаи қобилияти ҳуқуқдории миёнаравони иттилоотӣ муқаррар карда мешаванд. Ҳам қобилияти ҳуқуқдории миёнарави иттилоотӣ ва ҳам қобилияти амалкунии он хусусиятҳои фарққунанда ва принсипиалӣ доранд.

Ҳамин тавр, ҳаҷми қобилияти амалкунии миёнарави иттилоотӣ, ки соҳиби сомона ё бақайдгирандаи домен мебошад, ба доштани иҷозатнома ва салоҳиятнокии худи миёнарави иттилоотӣ вобаста аст. Дар баробари ин, қобилияти амалкунии миёнаравони иттилоотӣ дар баъзан мавридҳо метавонад маҳдуд карда шавад, бекор карда шавад, барқарор карда шавад, ё ин ки ҳамчун ҳама гуна ҳуқуқи субъективии дигар миёнаравон ҳимоя карда шавад.

Аз таҳлили мафҳуми қобилияти амалкунӣ, мо ба хулосае омадем, ки қобилияти амалкунӣ, аз рӯйи маънои қонунгузор, барои тамоми ҳуқуқи маданӣ аҳаммият дорад, дар асл танҳо қобилияти иҷрои амалҳои қонуниро дар бар мегирад.

Муҳаққиқи дигар Л. Г. Кузнетсова мундариҷаи қобилияти амалнамоиро чунин мегӯяд:

1. Қобилияти амалкуни ин қобилияте, мебошад, ки барои эҷоди ҳуқуқ ва уҳдадориҳо равона карда шудааст.

2. Қобилияти амалкунӣ чунин қобилияте мебошад, ки шахс бояд ҳатман бо ҳаракатҳои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба хеш таалуқдоштаро касб намояд;

3. Қобилияти амалкунӣ ин чунин унсуре мебошад, ки бо ҳаракатҳои худ қатъ кардани ягон ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро мефаҳмонад [120, с. 80].

Дар бораи унсурҳои қобилияти амалкунӣ бояд қайд кард, ки муаллифон ба як фикри ягона нарасидаанд ва аз ин рӯ табиатан нуқтаи назари нисбии ин масъала низ вуҷуд дорад. Масалан, С. Н. Братус қобилияти амалкуниро ба се унсур тақсимбандӣ мекунад: қобилияти муомилот, қобилияти дилектӣ ва қобилияти иҷрои дигар амалҳои қонунӣ, аммо на амалҳои ҳуқуқӣ. П. Виткявичюс, бар ин назар аст, ки қобилияти корӣ аз ду унсур иборат аст: қобилияти муомилот ва қобилияти дилектӣ. А.Г. Кузнецова чор унсурро ҷудо мекунад: «қобилияти ба даст овардани ҳуқуқ, қобилияти ба вуҷуд омадани ҳуқуқ, қобилияти идоракунии ҳуқуқ ва қобилияти дилектӣ» [118, с. 104].

Ба ақидаи мо, аксари олимон дар мафҳуми қобилияти амалкунӣ аз ҷумла ду унсури асосиро ҷудо мекунанд: қобилияти муомилотӣ ва қобилияти дилектӣ. Моро мебояд, ки ин унсурҳоро пурратар шарҳ диҳем. Дар навбати аввал, бояд мафҳуми қобилияти муомилотро ошкор кард, зеро он шахсро дар назар дорад, ки имконияти анҷом додани муомилотро дошта бошад. Вобаста ба ҳолати мазкур мо гуфта метавонем, ки баъзе муомилот мавҷуд мебошанд, ки ҳамчун қисми асосии қобилияти амалкунӣ мо эътироф менамоем, вале он аслан ҷиҳати бастани ягон гуна шартномаҳо ва дар амал ба миён овардани баъзе ҳуқуқҳои мадании хешро, ба миён мегузорад [165, с. 83].

Қобилияти делектӣ – ин дар навбати худ амале ба шумор меравад, ки дар натиҷаи зарар ба миён меояд. Ба таври қатъӣ, қобилияти дилектӣ ин масъулият барои зарари ғайришартномавӣ, яъне барои зарари бавуҷудомада (ҳуқуқвайронкунии гражданӣ) мебошад. Масъулият барои вайрон кардани шартҳои шартнома қобилияти навъи дигар аст ва бо мафҳуми қобилияти муомилот фаро гирифта мешавад [110, с. 186.].

Бояд қайд кард, ки қобилияти муомилот вақте ба вуҷуд меояд, ки субъектҳо бо ҳамдигар ҳамкорӣ карда, амалҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд.

Қобилияти дилектӣ, дар навбати худ вақте ба вуҷуд меояд, ки агар амали яке аз тарафҳо хусусияти манфӣ дошта бошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, чунин хулосабарорӣ менамоем, ки қобилияти амалкунии миёнаравони иттилоотӣ ин қобилияти шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо амалҳои худ дар асоси қонун барои эҷод ва амалӣ кардан, инчунин қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ мебошад. Мазмуни қобилияти амалкунӣ қобилияти иҷрои уҳдадориҳоро бо амалҳои худ фаро мегирад. Дар баробари ин, уҳдадориҳо метавонанд на танҳо аз аҳдҳо, балки аз ҳуқуқвайронкуниҳо низ ба миён оянд, яъне уҳдадорӣ метавонад дар шакли масъулият бошад.

Албатта чунин пешниҳод мекунем, ки қобилияти амалкунии миёнарави иттилоотӣ аслан қобилияти шахс барои ба даст овардан ва амалӣ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ ва қобилияти мустақилона ҷавобгар будан барои амалҳои ғайриқонунии худро дорад. Дар таҳқиқи ин масъала, О. С. Иоффе қайд кардааст, ки қобилият ин субъекти масъулият буда, як намуди қобилияти амалкунӣ аст, на унсури мундариҷаи қобилияти ҳуқуқӣ [46, с. 55]. Дар ин раванд бояд гуфт, ки меъёрҳои ҳуқуқ на барои бартараф кардани амалҳое, ки аз ҷониби шахсони сеюм ва дигар ашхоси муайян равона карда шудааст, балки он ашхосро дар муомилоти маданӣ ҳамчун субъекти асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ эътироф кардааст. Ҳамаи қобилиятҳои амалкуние, ки қонунгузории кишвар ба тамоми шаҳрвандон тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ медиҳад, ин ба намуди умумӣ ва маҳдуд ҷудо карда мешаванд [51]. Қобилияти умумӣ ин қобилияти ҳуқуқдорие мебошад, ки дар он шахси ҳуқуқӣ ё миёнаравони иттилоотӣ метавонад ҳама гуна ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузориро дошта бошанд. Қобилияти маҳдуди ҳуқуқдорӣ ин қобилияти ҳуқуқиест, ки дар он қобилияти ҳуқуқии шахс метавонад танҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳое бошанд, ки дар раванди фаъолияташ бояд тибқи иҷозатномаи мақоми дахлдор амал намояд. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи маданӣ ҳамчун қобилияти шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани ҳуқуқҳои маданӣ ва ба даст овардани

ҳуқуқҳои граждании бо амалҳои худ баррасӣ карда мешавад [50, с. 41]. Мувофиқи қонун шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиро ба даст меорад ва уҳдадориҳои маданиро тавассути амалҳои худ ба зимма мегирад, тибқи қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ амал мекунанд.

Моддаи 12-и КМ Гурҷистон қобилияти ҳуқуқиро чунин танзим намудааст: «қобилияти ҳуқуқдорӣ ё қобилияти шахси воқеӣ барои пурра ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ бо иродаи худ ва амалҳои худ пас аз ба синни балоғат расидан ба вуҷуд меояд» [185]. Чуноне ки дар боло қайд намудем дар КМ ҶТ низ дар қ. 2 м. 18 КМ ҶТ муқаррар гардидааст, ки: «Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада бо фаро расидани марг қатъ мегардад». Албатта бо дарназардошти таҳлилҳои боло мо чунин хулоса намудем, ки қобилияти ҳуқуқдории миёнарави иттилоотӣ пас аз ба қайд гирифтани иҷозатнома ҷиҳати фаъолият намудан ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тавр, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнаравҳои иттилоотӣ дар як лаҳза – аз лаҳзае ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ҳамчун миёнарави иттилоотӣ ба қайд гирифта шуда, иҷозатнома барои фаъолият дар ин самт гиранд.

## 2.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии миёнарави иттилоотӣ

Дар илми ҳуқуқшиносӣ дар бораи категорияҳои ҳуқуқи субъективӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ як қатор мафҳумҳо ошкор карда шуданд, ки баъзеи онҳо эътирофи умумӣ доранд, баъзеи дигар баҳсбарангез буда ба таҳқиқи амиқи минбаъда ниёз доранд. Ба шумораи умумиэътирофшудагон метавон мафҳуми ҳуқуқи субъективиро ҳамчун ченаи рафтори иҷозатдодашуда, имконияти амал кардан бо тарзи муайян дохил кард. Дорандаи ҳуқуқи субъективӣ на танҳо дар ҳудуди имконпазир рафтор мекунад, балки дар асл аз неъмати иҷтимоӣ истифода мебарад. Ҳуқуқи субъективӣ инчунин бо таъминот тавсиф карда мешавад. Меъёри ҳуқуқи субъективӣ на танҳо

имконияти ҳуқуқии рафтори ваколатдорро муайян мекунад, балки шахсони дигарро низ вазифадор мекунад, ки мувофиқи он рафтор кунанд.

Мо агар ба ҳуқуқи хусусии римӣ назар афканем, пай мебарем, ки дар ҳуқуқи римӣ низ ҳуқуқи субъективӣ мавриди таҳлили олимони ҳамон замон қарор гирифта буд. Албатта таҳлилҳо имконият медиҳад, ки мо боз ҳам бештар ба муайян намудани ҳуқуқи субъективӣ ва уҳдадориҳои субъективии миёнаравони иттилоотӣ ё дигар субъектони ҳуқуқи маданӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, амиқан таҳлили дуруст намоем.

Дар натиҷаи таҳлил мо ҳуқуқи субъективиро чунин шарҳ хоҳем дод: Ҳуқуқҳои субъективӣ дар натиҷаи омӯзишҳои гуногун аз се аломати ба худ хос иборат мебошад:

– субъект вобаста ба имконияти дар доираи қонун амал кардан;

– талаб кардани рафтори муайян вобаста ба имконият аз шахсони ваколатдор;

– имкониятҳои мурочиат ба қувваи маҷбурии давлат дар сурати вайрон кардани ҳуқуқи субъективӣ. Танҳо дар пайванди якҷоя ин унсурҳо ҳуқуқи субъективиро ташкил медиҳанд. Ҳуқуқҳои субъективӣ ба даст оварда мешаванд, дар ин ё он марҳилаи татбиқ қарор доранд, қатъ карда мешаванд, аз рӯйи мундариҷа ва ҳаҷми худ тағйир меёбанд, асоси ҳуқуқии пайдоиши ҳуқуқҳои дигар мебошанд. Ашхоси муайян дар доираи муқаррароти қонун баъзан ҳуқуқҳоро вобаста ба фаъолияти хеш истифода намоянд, ё ин ки тибқи салоҳдиди худ ҳуқуқ доранд ҷиҳати вайрон гаштани ҳуқуқҳои хеш ба мақомоти дахлдор дар соҳаи мазкур мурочиат кунанд ва, ё ин ки накунанд.

Хусусияти ҷудонопазири ҳуқуқи субъективӣ қобилияти он аст, ки дар тартиби маҷбуркунии давлатӣ амалӣ карда шавад, вақте ки соҳиби ҳуқуқи субъективӣ барои иҷрои ҳуқуқҳои худ монеъ мешавад. Аз ин рӯ ҳар шахс мувофиқи қонунгузории кишвар ҷиҳати вайрон шудани ҳуқуқҳои худ ба мақоми дахлдор мурочиат кунад. Бояд зикр кард, ки ҳамаи ҳуқуқҳои субъективӣ пас аз поймол гаштани он ки аз ҷониби ашхос даъвои маданӣ карда мешаванд, амалӣ мегарданд. Ҳуқуқи субъективӣ дар асоси меъёрҳои

ҳуқуқи объективӣ ба вуҷуд меояд, ки ҳудуди рафтори имконпазири ваколатдорон ва уҳдадориҳои мутақобили дигар субъектҳоро муайян мекунанд. Ба ин маъно, мо метавонем дар бораи авлавияти ҳуқуқи субъективӣ ва робитаи онҳо сухан ронем.

Ҳуқуқи субъективӣ ин чораи пешниҳодшуда ва ҳифзшавандаи давлат оид ба рафтори имконпазири (иҷозатдодашудаи) шахс барои қонеъ кардани манфиатҳои қонунии худ, ки дар ҳуқуқи объективӣ пешбинӣ шудааст, ба шумор меравад.

Агар мо ҳуқуқи субъективиро ҳамчун категорияи комплексӣ баррасӣ кунем, ба назари мо, асосноктар ба назар мерасад, зеро ки дар таркиби он якчанд унсурҳои асосиро ҷудо кардан мумкин аст. Аксар вақт ба монанди қобилияти ҳуқуқӣ, қобилияти амалкунӣ ҷудо карда мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки чунин равиши систематикӣ-сохторӣ ва таҳлили субъекти ҳуқуқии маданӣ ба дараҷаи оптималӣ таҳқиқ ва дониши тамоми субъектҳои алоқаи барқиро муайян мекунанд.

Ҳама вақт ибораи қобилиятро мо бояд чунин фаҳмем, ки шахс бо амалҳои хеш ҳуқуқ вва уҳдадориҳоро дар фаъолияти рӯзмарраи худ ба даст меорад. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, фарқ кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ маъно надорад. Ин аз он сабаб аст, ки онҳо ҳамзамон, яъне дар лаҳзаи пайдоиши худи шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд ва бо ҳамдигар робитаи доимӣ доранд. Вале имрӯз мо аз таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ муайян кардем, ки ҳама шахсон метавонанд бо доштани қобилияти амлакунӣ ва ҳуқуқдорӣ дар муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дар доираи салоҳдиди худ ширкат варзанд. Меъёри мазкур бевосита дар м. 166 КМ ҶТ чунин муайян карда шудааст. Ҳамаи ҳуқуқҳои ашхосе, ки чун неъматҳои ғайримолумулкӣ ба вуҷуд меоянд, моҳияти иқтисодӣ надоранд. Онҳо бевосита барои тамоми шахсиятҳое, ки таваллуд мешаванд, ҳамчун ҳуқуқи табии онҳо ба онҳо робитаи ҷудонопазирӣ дошта, дар ҳолати муайян қатъ мегарданд [7]. Ба ин маъно, ҳар як субъекти ҳуқуқ метавонад дар ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра ҳуқуқи субъективӣ

дошта бошад. Ба ибораи дигар, шахсони ҳуқуқӣ ва дигар шахсон метавонад субъекти ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи иттилоотӣ бошанд.

Имрӯз ҳуқуқҳои субъективии шахсро ҳамчун ҳуқуқи аслӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ аз он ҷумла дар бастани аҳдҳо бо тарафҳои дигар тасвир менамоянд. Аммо бояд қайд кунем, ки ҳамаи ашхос, чуноне ки дар КМ муайян шудааст, новобаста аз фаъолият аз ҳамдигар бо қобилияти ҳуқуқии худ фарқ карда мешаванд.

Бояд зикр намоем, ки м. 18 КМ ҶТ: «Қобилияти ҳуқуқии ашхосро бевосита шарҳ додааст, ки аз лаҳзаи ба дунё омадан ба вуҷуд омада, пас аз марги он қатъ хоҳад гардид» [7]. Албатта ҳар як шаҳрванд имкон надорад, ки бо амалҳои худ қобилияти ҳуқуқдорие, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар ба ӯ додааст, қатъ намояд. Вале як нуқтаи муҳимро бояд зикр кунем, ки барои ҳимояи манфиатҳои давлат, ҳимоя намудани асосҳои сохтори конститутсионии мамлакат, инчунин таъмини амнияти мудофиавии кишвар, қатъшавии ҳуқуқҳои зикршуда аз эҳтимол дур намебошад.

Мутобиқ ба ҳолатҳои пешбининамуда мақоми ваколатдор-суд метавонад дар баъзан мавридҳо ҳуқуқҳои шахсро маҳдуд намояд. Агар шахс таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирад, дар он ҳолат мутобиқ ба қонунгузории кишвар метавон баъзан ҳуқуқҳоро маҳдуд намуд.

Таърифи дурусти «қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ» аз ҷониби О.П. Кашковский муҳимияти хоссае дорад [125, с. 34].

Ҳамаи ашхосе, ки дар муомилоти маданӣ инчунин дар гардиши муомилот дар шабакаи алоқаи барқӣ иштирок меварзанд, қобилияташан эътироф карда мешавад. Чи тавре ки дар таҳлилиҳои боло зикр намудем, қобилияти ҳуқуқии ҳамаи шахсоне, ки дар муомилоти маданӣ пурра иштирок менамоянд, тафтиш карда мешаванд, ки то чӣ андоза дорандаи ҳуқуқ ба қобилияти амалкунӣ ва ҳуқуқдориро ба худ касб менамоянд. Аз ин рӯ ҳамаи фаъолияти онҳо санҷида шуда вобаста ба фаъолнокии онҳо баъзан шаклҳои муайяни ташкилӣ пайдо мегарданд.

Ҳамаи таҳқиқотҳое, ки мо нисбат ба қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ миёнаравони иттилоотие, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ ба анҷом расонидем, маълум намудем, ки аксари муҳаққиқон вобаста ба масъалаи мазкур фикри ягона надоранд.

Таҳлил чунин нишон медиҳад: «олимони муосир, ҳангоми омӯзиши субъектҳои ҳуқуқ, мафҳумҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ, қобилияти амалкунӣ ва ғайраро истифода мебаранд. Агар дар бораи ҳуқуқи субъективӣ сухан ронем, пас мебинем, ки ҳуқуқи субъективӣ ин сифати иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс аст. Сифати ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ бояд мутобиқи қонунгузорӣ амалкунанда эътироф карда мешавад. Хуқуқи субъективӣ, инчунин меъёри ҳуқуқ ва далели ҳуқуқӣ шарти пайдоиши муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ мебошанд» [45, с. 206]. Ҳамаи шахсон албатта дар муомилоти маданӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ иштирок намуда, ҳуқуқҳои субъективии онҳо маълум карда мешаванд.

Андешаи баъзе муҳаққиқон чунин аст: «моҳияти ҳуқуқи субъективӣ метавонад ба таври мухтасар қобилияти ҳуқуқии шахсро ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқ тавсиф карда шавад» [80, с. 14].

Бинобар ин, мо гуфта метавонем, ки қобилиятҳо алоқаи зич надоранд, вобаста ба ақидаи мо дигар олимон низ ба масъалаи мазкур ягонаандешӣ надошта, онро мутаалиқ ба ҳамдигар намешуморанд. Олимоне, ки вобаста ба масъалаи мазкур таҳқиқоти илмӣ анҷом медиҳанд, бевосита қайд менамоянд, ки тамоми ҳам ҳуқуқҳои субъективӣ ва ҳам ҳуқуқҳои миёнарави иттилоотӣ, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ фаъолият менамояд, бояд мутобиқ ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи фаъолияти хешро ба роҳ монанд.

Ба андешаи муҳаққиқ С. Н. Братус ҳуқуқҳои субъективӣ ин ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ мебошад [33, с. 6]. Мо ба ақидаи муҳаққиқ қисман розӣ ҳастем, зеро ӯ дар умум таҳлил менамояд, вале миёнарави иттилоотӣ, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ фаъолият менамоянд, онҳо низ ҳуқуқҳои субъективиро доро мебошанд.

Дар ин раванд муҳаққиқони дигар ба мисоли «Н. М. Савелева ва Б. Д. Рузанова» чунин андеша доранд. Қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ унсури аслии тааллуқ ба субъекти алоҳида мебошад [80, с. 30].

Ҳар як муҳаққиқ ба андешаи худ моҳияти қобилиятро шарҳ медиҳад, аммо онҳо ба якдигар ақидаҳои мухталифро доро мебошанд, зеро ҳуқуқҳои субъективии миёнаравони иттилоотӣ, ки дар шабакаҳои алоқаи барқӣ фаъолият менамоянд, ба таври кулли аз дигарон фарқ менамоянд. Онҳо дар сомонаҳои телекомуникатсионӣ ба пешниҳоди иттилооти маҳфузшуда ба корбарон машғул мебошанд.

Олимон аксар вақт мегӯянд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ба қобилияти амалкунӣ якхела нестанд. Албатта мо ба фикру ақоиди онҳо розӣ мебошем, зеро дар ҳақиқат қобилияти ҳуқуқдорӣ бо лаҳзаи ба дунё омадани ашхоси муайян ба вуҷуд меоянд. Вале қобилияти амалкунии миёнарави иттилоотӣ бошад аз лаҳзаи ба синни муайяннамуди қонунгузорӣ ба миён меояд, ва фаъолияти хешро дар доираи қонунгузории кишвар ба амал мебарорад.

Таҳлилҳои С. Н. Прошин ақидаи дигаргун дорад: «омӯзиши институти шахси ҳуқуқӣ, мафҳумҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳуқуқҳои субъективиро ҳамчун истилоҳи ивазшаванда истифода намекунад. Муҳаққиқ инчунин дар ҳайати ҳуқуқи субъективӣ, шахси ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкуниро муайян мекунад ва чунин мешуморад, ки ҷудо накардани чунин категория, ба монанди қобилияти амалкунӣ, имкон намедиҳад, ки мафҳум ва моҳияти шахси ҳуқуқиро пурра ошкор кунад» [150, с. 27].

Қонунгузории Тоҷикистон қобилияти амалкуниро ҳамчун қобилияти бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ, аз ҷумла миёнарави иттилоотӣ муайян мекунад. О. А. Серова, аз як тараф, чунин андеша дорад, ки қобилияти ҳуқуқӣ танҳо ба провайдерҳое, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ эътироф карда шудаанд, ба онҳо татбиқ карда мешаванд. Ақидаи мо чунин аст, ки новобаста аз он ки миёнарави иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ фаъолият менамояд, бояд қобилияти ҳуқудориро ба худ доро бошад, зеро ӯ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ баромад менамояд,

инчунин дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақомоти давлатӣ фаъолияти хешро ба роҳ мемонад. Муҳаққиқ категорияи «қобилияти амалкунӣ»-ро умуман ҷудо намекунад. Масъалаи мавҷудияти қобилияти амалкунӣ дар шахси ҳуқуқӣ мураккаб аст. «Категорияи қобилияти корӣ ба шахси воқеӣ дахл дорад, ин шубҳае ба миён намеорад, ин масъала ба таври муфассал ҳал карда шудааст, аммо дар мавриди шахсони ҳуқуқӣ, мушкилоти баррасишаванда ёфтан душвор аст» [156, с. 73].

Аксар олимони соҳа ақида доранд, ки қобилияти субъективии амалкунӣ танҳо ба шахсони ҷисмонӣ тааллуқ дорад, вале вобаста ба таҳлилҳои илмии мо фаъолияти миёнарави иттилоотӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ танҳо ба ашхосе иртибот дорад, ки дар сомонаҳои алоқаи барқӣ хизматрасониҳоро ба тамоми корбарон мерасонанд. Вобаста ба масъалаи мазкур олими дигар Фридрих Карл фон Савинӣ адешаҳои дигаргунро доро мебошад «шахси ҳуқуқӣ субъекти ҳуқуқ нест, зеро он мафҳуми сохта аст, балки дар гардиш тавассути намояндагон, шахсони воқеӣ, ки дар навбати худ қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ доранд, иштирок мекунад» [81, с. 94]. Олими мазкур ҳамаи шахсони ҳуқуқиро ба ашхосе, ки аз ақл берун аст муқоиса намуда, андеша дорад, ки танҳо шахси воқеӣ метавонад тамоми фаъолиятро дар шабакаи алоқаи барқӣ анҷом диҳад.

Аммо олими дигар Е.В. Богданов андешаи дигаре дошта мегӯяд, ки ҳамаи назарияе, ки аз ҷониби Савинӣ пешниҳод гардид, аксаран муҳаққиқонро ба роҳи ноҳамвор баровард [111, с. 94]. Ақидаҳои олимони хориҷӣ мухталиф аст зеро мо дар параграфҳои қаблӣ гуфта будем, ки миёнарави иттилоотӣ метавонад шахси ҳуқуқӣ низ бошад. Аз ин рӯ мавриди баррасӣ қарор додани шаҳси ҳуқуқӣ низ ба манфиати кор мебошад. Вобаста ба ин Н.В. Козлова: «шахси ҳуқуқиро субъектҳои мустақили том, шахси ҳақиқии қобилиятнок ва қобили амал мешуморад. Ӯ чунин ибрози андеша дорад, ки бо ворид шудан ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти мустақил, шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад, иродаи худро ифода мекунад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои моддӣ, корпоративӣ ва дигарро ба даст

меорад ва амалӣ мекунад, барои амалҳои худ масъулияти мустақили молумулкӣ дорад. Вобаста ба таҳлилҳои боло мо чунин ақида дорем, ки қобилияти амалкунӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ танҳо барои инсон пешбинӣ шудааст» [50, с. 4].

Ба андешаи баъзе аз олимон ҳолатҳои мазкур гуногунандеширо ба миён оварда дар самти муайян намудани қобилияти ҳуқуқдории субъективии миёнарави иттилоотӣ баъзан ҳолатҳои баҳсиро ба миён меоварад. Қобилияти амалкунӣ ва қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби С. Н. Прошин ҳамчун мафҳумҳои вобаста ба ҳамдигар, аммо фарққунанда фаҳмида мешавад. Албатта миёнаравони иттилоотӣ низ қобилияти амалкунӣ доранд: «Бояд гуфт, ки шахсони ҳуқуқӣ инчунин миёнаравони иттилооти, операторони алоқа ҳуқуқ ва ухдадориҳое, ки марбут ба шахсияти инсон аст надоранд ва наметавонанд дошта бошанд» [150, с. 27]. Ба ин мисолҳо шуда метавонанд ҳуқуқҳои марбут ба ҷинс, синну соли инсон, ҳуқуқҳои оилавӣ ва дар натиҷа хуқуқи меросгузорӣ аз рӯйи қонун, ки дар он хешутаборӣ талаб карда мешавад. Инчунин фарқияти муҳим ҳуқуқҳои субъективӣ дар он хоҳад буд, ки қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии он ба вуҷуд меояд, дар ҳоле ки қобилияти амалкунии шаҳрвандон ҳангоми расидан ба синну соли муайян ба вуҷуд меояд ва баъзан аз вазъи саломатии шахс низ вобаста аст. Чи тавре ки дар боло зикр намудем, дар он ҳолат шахси ҳуқуқиро идора карда мешавад, агар фаъолияти он тибқи қонунгузорӣ сурат гирифта бошад.

Муҳаққиқи соҳаи мазкур О. А. Серова андешаи дигар дорад: «қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ дар маҷмуъ бо қобилияти амалкунӣ мувофиқ аст ва ҳам қобилияти доштани ҳуқуқ ва ухдадориҳоро дар бар мегирад ва ҳам қобилияти субъект бо амалҳои худ барои худ ҳуқуқ пайдо кардан ва барои худ масъулият эҷод кардан, аз тарафи дигар, муҳаққиқ ба таври истисно бо корхонаҳои воҳиди давлатӣ, ки ба ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ асос ёфтаанд, мисол меорад, ки то лаҳзаи ба итмом расидани ташаккули фонди оинномавӣ танҳо ҳуқуқҳое, ки бо таъсиси корхонаи ягона алоқаманд аст

мавриди амал қарор гиранд» [156, с. 74]. Таҳлили олими мазкур аз он далолат мекунад, ки қобилияти амалкунӣ аз ҳуқуқдорӣ фарқ мекунад, агар дар соҳаи алоқаи барқӣ бошад. Қобилияти ҳуқуқдории миёнарави иттилоотӣ танҳо пас аз гирифтани иҷозатномаи дахлдори мақоми давлатӣ ба миён меояд.

Аз таҳлили нуқтаҳои назари дар боло овардашуда фарз мекунем, ки истифодаи маълуми қонунгузор аз истилоҳи қобилияти амалкунӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ маънои онро надорад, ки ин категория ба онҳо тааллуқ надорад. Қонунгузор танҳо дар бораи шахсони ҳуқуқии муқаррарӣ (новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, аз ҷумла миёнаравони иттилоотӣ) сухан меронад, ки аз лаҳзаи бақайдгирии онҳо қобилияти пурра ба даст меоваранд. Дар робита ба шахсони воқеӣ, ки ҳаҷми қобилияти амалкунӣ дар аввал гуногун аст, қонунгузор намудҳои татбиқи қобилияти ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст.

Имрӯз тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз синну сол хоҳ тифл, ашхосе, ки қобилияти амалкунии маҳдуд доранд ва ғайра монанди инҳо аз ҳуқуқҳои хеш пурра истифода бурда метавонанд, вале бинобар сабабҳои маҳдуд будани қобилияти онҳо, аз номи онҳо намояндаи қонунияшон ба мисли падару модар, инчунин дигар шахсоне, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ҳамчун намояндаи қонунии онҳо метавонанд амал намоянд таъин гардидаанд.

Чи тавре ки дар таҳлилҳои боло муаяйн кардем, қонунгузорӣ барои ҳамаи ашхоси муайян қобилиятро муайян кардааст, аз ин рӯ шарҳ додани он ба дигар шакл аз мантиқ дур мебошад. Аз ҳамин лиҳоз тавре дар матни санади дахлдор вобаста ба қобилият омадааст, набояд ҳеҷ нафар мазмуни онро вайрон кунад.

Вақте ки миёнарави иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ маводро ҷой менамояд, фаъолияти ӯ бакуллӣ фарқ менамояд, зеро ӯ дар асоси иҷозатнома фаъолият мекунанд. Аммо атфоли хурдсол бошад, барои бастани баъзе аҳдҳои хурди маишӣ бояд ҳатман розигии намояндаи қонунии хешро гирифта бошанд.

Ҳамин тавр, бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам воқеӣ қобилиятҳои гуногун доранд.

Бозгашт ба масъалаи он ки дар бораи мафҳумҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳуқуқҳои субъективии миёнаравони иттилоотӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ, шабакаҳои интернетӣ, ба хулосае меоем, ки ҳуқуқҳои субъективии шахсони ҳуқуқӣ наметавонад ба қобилияти ҳуқуқдории онҳо коҳиш дода шавад. Ҳуқуқи субъективӣ мафҳуми васеътарест, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкуниро дар бар мегирад. Вобаста ба истилоҳҳои мазкур мо ақидаву андешаҳои дигар олимонро низ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Барои иштирок дар муомилоти маданӣ ба шахси ҳуқуқӣ қобилияти амалкунӣ лозим аст ва мавҷудияти он маънои онро дорад, ки он метавонад ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданиро бо амалҳои худ ба даст орад, эҷод кунад, амалӣ кунад ва иҷро намояд. Ин ақидаро як қатор муҳаққиқон қабул мекунанд. Масалан: Г. Ф. Шерshеневич қайд кард, ки агар шахси ҳуқуқӣ бо қонун ҳамчун субъекти ҳуқуқ эътироф карда шавад, он бояд на танҳо қобилияти ҳуқуқӣ, балки қобилияти амалиро низ дошта бошад [105, с. 125].

Унсури навбатӣ ин қобилияти амалкунӣ мебошад, ки қобилияти мустақилона, бо амалҳои худ анҷом додани муомилоти ҳуқуқии маданӣ мебошад. Дар байни муаллифоне, ки мавҷудияти ин унсури ҳуқуқи субъективиро дар симои шахсони ҳуқуқӣ эътироф мекунанд, баъзеҳо онро як навъи қобилияти амалкунӣ ва дигарон категорияи мустақил меноманд. «Имрӯзҳо доираи шахсон ва иттиҳодияҳо, ки ба онҳо қобилияти амалкунӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ дахл доранд ва онҳо метавонанд барои худ ҳуқуқҳо эҷод кунанд, уҳдадориҳои хешро амалӣ кунанд, ҳамчунин метавонанд субъекти ҳуқуқи маданӣ бошанд» [28, с. 236].

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, дар ҳақиқат имрӯз яке аз масъалаи муҳимтарин дар байни ҳуқуқшиносон масъалаи муайян кардани мафҳуми ҳуқуқи субъективӣ дар ҳуқуқи маданӣ мебошад. Бисёре аз олимони хориҷӣ ва ватанӣ роҷеъ ба ҳуқуқҳои субъективӣ ақидаи хешро баён намудаанд. Дар айни замон, кишварҳо ва халқҳои тараққикарда, ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳуқуқҳои

инсон ва ҳимояи онҳоро ҳамчун идеали универсалӣ, асосҳои рушд ва омили устуворӣ ва суботи ҷомеа мешуморанд [62, с. 93]. Аз ин рӯ, фикрҳо дар бораи моҳият ва аҳаммияти ҳуқуқҳои субъективии инсон мавзуи мубрами бисёр асарҳои илмӣ, мақолаҳо ва баҳсҳо гардидааст. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи субъективӣ яке аз мафҳумҳои бунёдӣ дар тамоми илми ҳуқуқшиносӣ дар баробари мафҳумҳои озодӣ, уҳдадорӣ ва ғайра мебошанд. Қайд намудан лозим аст, ки ҳуқуқи субъективӣ қудрати амалӣ кардани манфиати худ мебошад. Дар натиҷаи гуфтаҳои боло олим Г.Ф. Шерешневич чунин ибрози андеша дорад: «муайян кардани ҳуқуқи субъективиро ҳамчун маҷмуи се имконият пешниҳод мекунем: – намуд ва андозаи рафтори имконпазир барои худи соҳиби ҳуқуқи субъективӣ: – имконияти талаб кардани рафтори маълум аз шахсони дигар рафторе, ки татбиқи имконияти аввалро таъмин менамояд: – имконияти дар ҳолатҳои зарурӣ ба мусоидат ба қувваи маҷбурии дастгоҳи давлатӣ барои амалӣ намудани имконияти дуюм муроҷиат кардан» [138, с. 62].

Бояд қайд кард, ки дар адабиётҳои ҳуқуқӣ масъалаи таносуби категорияи назариявии ҳуқуқӣ субъективӣ ва қобилияти ҳуқуқдорӣ баҳсбарангез аст. Дар маҷмуъ, роҳҳои алоҳидае барои инкишофи ҳолати мазкур муайян карда шудааст

«1) аксари олимон дар ин андешаанд, ки маҷмуи ҳуқуқҳо ва қобилият ҳуқуқи субъективӣ ё қобилияти ҳуқуқидориро ташкил медиҳад» [148, с. 4].

2) баъзе муаллифон қайд мекунанд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳуқуқи субъективӣ баробармаъно мебошанд, мафҳумҳои якхела, ки ба қобилияти шахс барои ҳуқуқи субъективӣ будан ишора мекунанд.

3) муаллифони сеюм, ҳуқуқи субъективиро ба 4 унсур тақсимбандӣ намудааст: қобилияти ҳуқуқӣ, қобилияти амалкунӣ, «қобилияти дилектӣ, доштани қобилияти дигар» [130, с. 10].

4) чорум гурӯҳи муаллифон пешниҳод мекунанд, ки ду намуди ҳуқуқи субъективӣ ҷудо карда мешаванд: «умумӣ ва соҳавӣ» [114, с. 144], дар ин раванд ҳуқуқи субъективии умумиро ҳамчун қобилияти шахс барои ҳуқуқи

субъективӣ дар маҷмуъ муайян мекунад ва онро ҳамаи шаҳрвандон аз лаҳзаи таваллуд доранд. Ҳуқуқи субъективии соҳавӣ қобилияти шахс барои субъекти муносибатҳои ҳуқуқии ин ё он соҳаи ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки ҳуқуқ ва қобилияти амалкуниро дар бар мегирад.

Олимон С. Н. Братус, Н. Г. Александров, Н. И. Матузов, Ю. К. Толстой, В. С. Нерсесянс танҳо қобилияти ҳуқуқиро ба мафҳум ва мундариҷаи ҳуқуқӣ субъективӣ дохил мекунанд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳуқуқӣ субъективӣ ҳамчун мафҳумҳои баробар ба назар гирифта мешаванд.

Ҳуқуқи субъективӣ ҳуқуқи субъект аст, ҳуқуқи мазкур намуд ва андозаи рафтори эҳтимолии он мебошад. Мувофиқан ба се хусусият ҷудо мешавад; имконияти амалҳои худ, имконияти талаб кардани рафтори муайян аз шахсони вазифадор, имконияти муроҷиат ба дастгирӣ ва ҳимоя аз давлат [70, с. 17].

Ҳуқуқи субъективӣ имконияти воқеии ин ё он рафтор, ки аз ҷониби давлат ва мақоми ваколатдор дода шудааст, эътироф ва ҳимоя карда мешавад. Дар муносибатҳои нисбии ҳуқуқӣ, ки манфиати ваколатдор тавассути амалҳои ҷониби уҳдадор қонеъ карда мешавад, ҳуқуқи субъективӣ ҳамчун ҳуқуқи талаб кардани иҷрои амалҳои муайян аз ҷониби уҳдадор баромад мекунад. Дар муносибатҳои мутлақи ҳуқуқӣ ҳуқуқи субъективӣ ҳамчун имконияти бо қонун таъминшудаи рафтори худ, озодии амалӣ намудани ҳуқуқи худ баромад мекунад. Ҳар як ҳуқуқи субъективии ҳуқуқӣ бо даъво, яъне имконияти муроҷиат ба суд ҷиҳати вайрон шудани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дар интернет шабакаҳои телекомуникатсионӣ ва дигар шабакаҳои ба ин монанд, ё ин ки дигар мақомот барои ҳимояи ҳуқуқи худ мебошад. Уҳдадории ҳуқуқӣ рафтори дурустест, ки ҳар як субъект вазифадор аст бо риояи озодӣ ва манфиатҳои шахсони дигар ва дар маҷмуъ ҷомеа риоя кунад. Дар муносибатҳои нисбии ҳуқуқӣ уҳдадориҳои ҳуқуқӣ асосан дар содир намудани амалҳои фаъол ифода карда мешаванд. Дар муносибатҳои мутлақи ҳуқуқӣ уҳдадориҳои ҳуқуқӣ уҳдадориҳои ғайрифаъол мебошанд, ки ҳуқуқҳоро вайрон накарда, ба татбиқи онҳо монеъ нашаванд.

Андешаи О. С. Иоффе чунин аст: «баробарии категорияҳои ҳуқуқии ҳуқуқи субъективӣ ва қобилияти ҳуқуқиро рад карда, нуқтаи назари худро бо далелҳои зерин шарҳ дод» [121, с. 33].

– вуҷуд доштани қобилияти ҳуқуқдорӣ барои ҳамаи шаҳрвандон муҳим аст, вале доштани қобилияти амалкунӣ низ ҷиҳати фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ ба фоидаи кор мебошанд.

– вобаста ба ҳолати мазкур қобилиятро танҳо ба ашхоси ҳуқуқӣ мутаалиқ додан зарур мебошад, зеро ҳеҷ як провайдер ё миёнарави иттилоотӣ бидуни қобилияти ҳуқуқдорӣ амал карда наметавонад.

– баррасии ҳуқуқҳои субъективии шахсон дар он ҳолат мушкил мегардад, ки агар мо онро ба шахс тааллуқ нагардонем.

Андешаи А. К. Сергун чунин аст, ки ҳуқуқҳои субъективии маданиро набояд мо ҷудо намоям, вале вобаста ба он ки мафҳуми мазкур ҳамчун як ибораи назариявӣ мебошад, дастгирӣ намудааст [162, с. 677]. Бояд гуфт, ки мо ба нуқтаи назари А. К. Сергун ва С. М. Феняк розӣ нестем, зеро мафҳуми мазкур мураккаб мебошад, аз ин рӯ мо бо итминони комил метавонем гӯем, ки ин ҳуқуқ ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти провайдерҳои интернетӣ накши калонро доро мебошад. Вуҷуд доштани ҳуқуқҳои субъективӣ албатта, ки барои иҷро намудани баъзе намуди амалҳои дахлдор ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба ҳолати мазкур бояд қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро доро бошем. Бояд қобилияти амалкунӣ низ мавҷуд бошад, ки ҳамчун шарти татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективи миёнаравони иттилоотӣ баромад намояд.

Ҳуқуқҳои субъективиро ба ду шакл ҷудо кардан мумкин аст: «қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ. Аз ҷумла, А. И. Пергамент, Л. Г. Кузнетсова изҳор медоранд, ки бо мафҳуми ҳуқуқи субъективӣ на танҳо қобилияти соҳиб шудан ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳо (қобилияти ҳуқуқӣ), балки қобилияти ба даст овардан ва амалӣ кардани мустақилонаи онҳо (қобилияти амалкунӣ) низ алоқаманд аст» [148, с. 29]. Ҳолати мазкурро ҳамчун мавҷудияти ҳуқуқи провайдерҳои интернетӣ ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуҳои

худ дар шабакаи алоқаи барқӣ ба ҳисоб мегиранд. Бо аз байн бурдани имконияти ба даст овардан ё бегона кардани ҳуқуқҳо, шояд тамоми ҷузъи ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқиро аз маънои ҳуқуқӣ маҳрум кунад.

Дар асл, якҷоя кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ дар ҳудуди истилоҳи ҳуқуқи субъективӣ ба талаботи мавҷудияти онҳо баробар нест, масалан, дар як шаҳрванд [149, с. 136].

Дар раванди таҳлил намудани ҳуқуқи субъективӣ ба таҳқиқоти Т.И. Илларионова, Н.В. Витрук, С. С. Алексеев диққат додан лозим аст, зеро олимони мазкур ба сохтори ҳуқуқи субъективӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ инчунин қобилияти дилектиро низ дохил мекунанд. Ҳолати мазкур аз он далолат мекунад, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ аксар вақт ҳамчун амали пешгирӣ аз ҳуқуқвайронкунӣ омӯхта мешаванд.

Олими дигари рус И.А. Михайлова ҳангоми таҳлили илмӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро ҳамчун шакли асосии ба танзим даровардашудаи қонунгузорӣ медонад: «Бо таҳлили таносуби ҳуқуқҳои мазкур дар ҳуқуқи субъективӣ, вай хулоса мебарорад, ки ғайривоқеиятӣ ошкор кардан нақши бартаридоштаи яке аз ин ҳуқуқҳо мебошад, зеро ҳар яке аз ин унсурҳо аҳаммияти ҳуқуқии худро доранд ва вобастагии онҳо аҳамияти мафҳуму мундариҷаи ҳуқуқҳои субъективии шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ва давлатро муайян мекунад» [67, с. 149]. Ӯ ҳамаи ҳуқуқҳои номбаршударо ҳамчун асоси табиӣ ба ҳар як шаҳрванд мансуб медонад, аз ин рӯ онҳоро ҳамчун унсури асосӣ ба ашхоси муайяни доро чун ҳуқуқҳои муайян мансуб донистааст.

Аз ин рӯ хусусиятҳои мафҳум ва мундариҷаи ҳуқуқӣ субъективӣ дар мисоли шахсони воқеӣ, вобаста ба унсурҳои дохилии он дар баробари унсури асосӣ (қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ) ҷудо карда шуданд. Ба онҳо унсурҳои иҷтимоӣ (вобаста ба мақоми шахс, вазъи молумулкии ӯ) ва биологӣ (бо саломатии шахс ва хешовандии наздики ӯ алоқаманд) дохил мешаванд. Ҳамин тариқ дар баробари таҳлилҳои боло дигар олимон низ

ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субективиро таҳлил намудаанд, ки ҳар яки онҳоро мо дар зер мавриди таҳлилу муҳокима қарор медиҳем.

Ҳамин тариқ, системае ба вуҷуд меояд, ки ҳолати мазкур вобаста ба масъалаи ҳуқуқҳои субъективии миёнаравҳои иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ алоқаманд мебошанд. Ҳолати мазкур аслан дар таҳқиқотҳои илмии олими рус О. А. Красавчиков муайян карда шудааст, ки якчанд намудҳои зайлро ба худ касб кардаанд.

1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ин қобилияте мебошад, ки табиатан ба инсон тааллуқ дорад.

2. Қобилияти амалкунӣ бошад, ин қобилияте аст, ки агар шахс вобаста ба ҳолати объективӣ қобилияти худро гум накарда бошад, пас бо расидан ба синни муайяншудаи қонун ӯ онро ба даст меоварад.

Олими тоҷик дар асарҳои худ вобаста ба ҳуқуқи субъективӣ чунин ибрози андеша дорад: «ҳуқуқи субъективӣ – низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон, салоҳияти ҳуқуқӣ, манфиатҳои субъектҳои ҳуқуқ мебошад, ки амалӣ гаштани онҳо аз азму ирода, хоҳиш ва фаъолияти амалии ин субъектҳо вобастагӣ дорад» [87, с. 329].

Э.С. Насриддинзода низ ақидаи хешро вобаста ба ҳуқуқи субъективӣ чунин баён намудааст. Ҳуқуқи субъективӣ ин ченаки рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ имконпазирест, ки муваззаф аст манофеи шахсро қонеъ гардонад [68, с. 60]. Ҳуқуқ ва озодиҳои мушаххаси шахсият (ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ, меҳнат, таҳсил ва ғ.) ҳуқуқҳои субъективианд, ба он маъно, ки бо субъект алоқамананд, ба ӯ тааллуқ доранд ва аз шууру иродааш вобастаанд.

Ҳуқуқи субъективӣ ин ҳамон имкониятҳои мушаххаси ҳуқуқианд, ки дар асос ва ҳудуди ҳуқуқи объективӣ пайдо мегарданд.

Дар айни замон, ба гуфтаи М. Н. Марченко субъекти ҳуқуқӣ ҳамчун шахс бо ба даст овардани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ ба вуҷуд меояд [61, с. 246]. Ба ақидаи Н. А. Киселева ва К. А. Стародубтсева сохтори ҳуқуқи субъективиро маҷмуи унсурҳои асосӣ (умумӣ) ва махсус ташкил медиҳанд, ки бо ҳам алоқаманданд [126, с. 10]. Муаллифони

номбаршуда қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти амалиро ҳамчун хусусиятҳои асосии мақоми ҳуқуқии ҳар як шахс меҳисобанд ва онҳоро ба унсурҳои асосии субъекти ҳуқуқӣ нисбат медиҳанд.

Олими рус А.В. Поляков чунин менависад: «субъекти ҳуқуқ будан маънои доштани ҳуқуқӣ субъективӣ, ё ҳамон қобилияти ҳуқуқдорӣ мебошад» [76, с. 415]. Иборaҳои зикршуда маънои онро дорад, ки ҳуқуқи субъективӣ ин ҳуқуқе ба шумор меравад, ки табиати инсониро муайян карда, дар фаъолияти ҳар шахс дорои чӣ гуна ҳуқуқ ва уҳдадорӣ доштани онро баён мекунад.

Ҳуқуқи субъективӣ ин чораи пешниҳодшуда ва ҳифзшавандаи давлат оид ба рафтори имконпазири (иҷозатдодашудаи) шахс барои қонеъ кардани манфиатҳои қонунии худ, ки дар ҳуқуқи объективӣ пешбинӣ шудааст, ба шумор меравад.

Истилоҳи «ҳуқуқи субъективӣ» категория илмӣ ва дар КМ ҶТ истифода нашудааст. КМ ҶТ ҳуқуқҳои субъективиро бо истилоҳҳои «қобилияти ҳуқуқӣ» ва «қобилияти амалкунӣ» ишора намудааст.

Бояд қайд кард, ки «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон» [2] ҳуқуқи ҳар шахсро ба ҳуқуқи субъективӣ доштан эълон мекунад. Ҳуқуқи субъективии шахс мафҳуми калидии ҳуқуқи маданӣ дар ҶТ ба шумор меравад. Ҳуқуқи субъективии маданӣ шарти ҳуқуқии ҳар як муносибати ҳуқуқӣ мебошад. Барои он ки шаҳрванд тавонад шартномаро анҷом диҳад ва он баъдан беэътибор дониста нашавад, шарт ба монанди қобилияти пурраи амалкунӣ ва ҳуқуқдории шахс зарур аст [109, с. 188].

Шартнома дар он вақт эътироф карда мешавад, ки тарафҳои он аз рӯйи синну сол ё вазъи саломатӣ ба категорияи ғайри қобили амал дохил нашуда бошанд [136, с. 98]. Бо вуҷуди аҳаммияти ин категорияи ҳуқуқӣ, фаҳмиши яктарафаи ҳуқуқи субъективӣ дар илм то ҳол таҳия нашудааст. Пеш аз баррасии хусусияти мафҳуми ҳуқуқи субъективӣ, табиати ҳуқуқии онро муайян кардан лозим аст.

Имрӯз таҳлили адабиёти соҳавӣ ба мо нишон медиҳад, ки дар аксар кишварҳои Ғарб ва ОМ, мафҳуми асосӣ вобаста ба ҳуқуқҳои субъективӣ

мавҷуд намебошанд, вале дар байни аксарияти олимон ҳамчун як истилоҳи баҳснок ба шумор меравад.

Дар яке аз адабиёти хориҷӣ чунин дарҷ шудааст: «дар ҳуқуқи маданӣ мафҳуми умумӣ ташаккул ёфтааст, ки чунин садо медиҳад: «ҳуқуқи субъективӣ ин қобилияти шахси воқеӣ барои доштан ва амалӣ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ, бевосита ё тавассути намояндагони худ, яъне субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ будан аст» [63, с. 118]. Ин мафҳум аз се унсури ба ҳам алоқаманд иборат аст: қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ ва қобилияти дилектии шаҳрванд. Барои бештар ба таври муфассал дар бораи худи ҳуқуқи субъективӣ шахс фаҳмидан лозим аст, ки ҳар як қисми таркибии ин таърифро муайян кардан лозим меояд. Мо қобилияти ҳуқуқдориро бо чунин мафҳум баррасӣ менамоем. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қобилияти ҳуқуқҳои маданӣ ва уҳдадориҳои субъективӣ муайян карда мешавад. Дар ҷомеаи мо берун аз доираи ҳуқуқи маданӣ вуҷуд доштан ғайриимкон аст.

Дар баробари ҳуқуқҳои субъективӣ инчунин уҳдадориҳои субъективӣ низ мавҷуд аст. Уҳдадории субъективӣ чораи рафтори дурусти иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Моҳияти уҳдадории субъективӣ аз зарурати анҷом додани амалҳои муайян ё худдорӣ аз амалҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ зараровар иборат аст. Дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ду намуди уҳдадориҳо мавҷуданд, ғайрифаъол ва фаъол. Масъалаи мазкур аз он далолат менамояд, ки қонунгузории ҶТ намудҳои муайяни уҳдадориҳоро пешбинӣ кардааст.

Уҳдадории субъективӣ ин навъи ғайрифаъол аз манъкуниҳои ҳуқуқи маданӣ бармеоянд ва аз рӯйи табиати худ маънои онро доранд, ки ин амалҳо манфиатҳои ҷамъиятӣ ва манфиатҳои шахсони ваколатдорро вайрон мекунанд. Уҳдадории субъективии манъкунӣ дар механизми танзими ҳуқуқи маданӣ хеле гуногунанд. Яке аз уҳдадории субъективии асосии манъкунӣ, муқаррар кардани ҳудуди татбиқи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ мебошад. Манъкунӣ уҳдадориҳои субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маданиро дар назди

дигар субъект ба вуҷуд меорад. Аз ҷумла, манъи радди якҷонибаи иҷрои шартнома, додани қарз бе розигии кредитор ва монанди инҳо. Манъкуниҳо ба вуҷуд овардани уҳдадории субъективӣ, ё иҷрои онҳо ба табдили муносибатҳои нисбии ҳуқуқи маданӣ аз як намуд ба намуди дигар монеъ мешавад ва ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Масалан, манъи нигаҳбон аз истифодаи молу мулке, ки аз ҷониби амонатгузор барои нигоҳдорӣ ба ӯ дода шудааст, инчунин табдили муносибатҳои ҳуқуқии нигоҳдорӣ ба муносибатҳои ҳуқуқии кирояи амвол монеъ мешавад.

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, миёнарави иттилоотӣ шахси ҳуқуқӣ низ шуда метавонад. Албатта шахси ҳуқуқӣ субъекти ҳуқуқии эътирофшудаи муносибатҳои маданӣ мебошад ва мустақилона дар он иштирок мекунад. Барои иштирокчии комилҳуқуқ шудан ва дар муомилоти маданӣ баромад кардан, шахси ҳуқуқӣ бояд қобилияти амалкунӣ дошта бошад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ дошта бошад, ки  ин ҳама ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии онро ба миён оварда аз лаҳзаи таъсиси шахси ҳуқуқӣ (таъминкунандаи алоқаи барқӣ, ташкилкунандаи сомонаҳои иҷтимоӣ ва телекомуникатсионӣ), яъне дар лаҳзаи бақайдгирии он ба вуҷуд меоянд. Ҳар як шахси ҳуқуқӣ аз ҷумла миёнарави иттилоотӣ аз номи худ дар муомилоти маданӣ иштирок мекунад, ки ин хусусияти муҳимми ин консепсия мебошад. Бе ин, ҳеҷ кас наметавонад дахлнопазирии шахсӣ, ё тақсимоти ҳуқуқии ягон амвол ва ҳатто масъулияти мустақилро ба қайд гирад [29, с. 343].

«Қобилияти ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ метавонад ҳам универсалӣ (умумӣ) бошад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки дар ҳама гуна корҳои маданӣ иштирок кунанд ва ҳам махсус (объективӣ), ки иштироки онҳоро танҳо дар доираи муайяни маҳдуди чунин муносибатҳо дар назар дорад» [90, с. 657]. Албатта қобилияти ҳуқуқдорӣ ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки ҳама гуна фаъолияте, ки қонунгузории кишвар манъ накардааст ба он машғул шаванд. Қобилияти ҳуқуқии миёнаравҳои иттилоотӣ бо озодии интихоби намудҳои фаъолият муайян карда мешавад.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ дар баъзан маврид ҳамчун «маҳдуд» муайян карда мешавад, зеро шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқ надорад аз доираи фаъолияти дар оиннома зикршуда берун равад. Чунин маҳдудиятҳо аз он иборатанд, ки шахсони ҳуқуқӣ одатан барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххасе, ки соҳибони ширкат муайян кардаанд, сохта мешаванд ва аз ин рӯ наметавонанд субъекти мустақили ҳуқуқии худро дар муқобили ҳадафҳои гузошташуда истифода баранд [89, с. 345].

«Мавриди зикр аст, ки амалҳои миёнаравҳои иттилоотӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо воқеан шарти татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд» [115, с. 78]. Бояд қайд намуд, ки ҳамаи ашхос новобаста аз шахси ҳуқуқӣ ё миёнарави иттилоотӣ, дар сурати вайрон намудани ҳуқуқҳои муайянгардида дар шабакаи алоқаи барқӣ таҳти ҷавобгарӣ қарор мегиранд. Албатта, баъзан ҳолатҳо мақоми ҳуқуқии миёнаравони иттилоотиро дар вазъияти кунунӣ, ки технологияи рақамӣ босуръат рушд карда истодааст, номуайян месозад.

Ҳар як уҳдадории ҳуқуқи мадании фаъол аз субъект талаб мекунад, ки амалро оид ба интиқоли моликият ва ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ба корбарони шабакаи алоқаи барқӣ шароит фароҳам оварад. Баъзе талаботҳое, ки дар уҳдадории навъи фаъол баста шудааст, мундариҷаи онро ташкил медиҳад, аз ин рӯ барои субъекти вазифадор зарурати амал кардан ба манфиати субъекти ваколатдор ба миён меояд. Талабот, ки мазмуни уҳдадориро ташкил медиҳад, зарурати иҷтимоии ин ё он хатти рафтори субъектро дар фосилаи муайяни вақт, дар ҷойи муайян, нисбат ба шахсони муайян, вобаста ба зуҳуроти воқеияти объективӣ, ки аз меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, шартҳои шартнома, ки дар доираи муносибати ҳуқуқие, ки унсури он уҳдадорӣ мебошад, амалӣ карда мешавад, мутамарказ ифода мекунад.

Уҳдадориҳои миёнаравони иттилоотӣ пароканда мебошад, зеро уҳдадориҳои мазкур на дар як санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, балки дар якчанд қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ иборат мебошад ва моро зарур аст ки инро муайян кунем, ки уҳдадории оператори алоқа ё алоқаи барқӣ чӣ гуна ба миён

меояд, ё ин ки уҳдадории провайдер ва соҳибони сомонаҳо кай ва дар кадом ҳолат ба миён меояд.

Албатта бо дар назардошти гуфтаҳои боло мафҳумҳои шабакаи алоқаи баркӣ, провайдер ва ғайра, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи баркӣ» дода шудааст. Аз ҷумла дар Қонуни мазкур чунин гуфта шудааст: **«шабакаи алоқаи баркӣ** – низомҳои технологии интиқол ва таҷҳизоти коммутатсионӣ ё самтӣ ва манбаъҳои дигаре, ки тавасути воситаҳои радиоэлектронӣ, таҷҳизот, низомҳои ноқилӣ ва ғайриноқилӣ, оптикӣ ё электромагнитии дигар, аз ҷумла шабакаи моҳворавӣ, шабакаҳои собит (коммутатсияи хатти ва пакетӣ, аз ҷумла интернет ва IP-телефонӣ) ва сайёри заминӣ, шабакаҳои барои радиошунавоӣ ва телевизион истифодашаванда, инчунин шабакаҳои кабелӣ, ки новобаста аз намуди иттилооти интиқолшаванда, ишоратҳоро таҳвил медиҳад: провайдер – шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, ки ба истифодабарандагон тавассути шабакаи алоқаи барқии оператор хизматрасонӣ менамоянд» [9]. Фаъолиятҳое, ки аз ҷониби миёнаравони иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи баркӣ ба шаҳрвандон мерасонанд ин хизматрасонӣ ба шумор рафта, ҷиҳати дар сатҳи дуруст дастрас намудани маводҳо ба корбарон дар сомонаҳои телекомуникатсионӣ равона шудааст.

Таҳлилҳои боло нишон медиҳанд, ки ҳуқуқи субъективии миёнарави иттилоотӣ дар ҳақиқат ҳамчун ҳуқуқи табиии шахсоне, ки дар сомонаҳои иҷтимоӣ фаъолият менамоянд ва ҳамчунин дорандаи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ мебошанд, ба шумор меравнд. Албата ин ҳуқуқ ба категорияи муайяни шахсон вобастагӣ дорад ва ҳамчун ҳуқуқи аслии онҳо ба шумор мераванд. Ҳар шахсе, ки қобилияти амалкуниро доро мебошанд, аз ин ҳуқуқҳо ба пурраги бархӯрдор мешаванд.

Ҳуқуқи субъективӣ дарбаргирандаи чунин аломатҳо мебошанд:

1. Ҳуқуқи субъективӣ – рафтори ризоиятдодашудаи (имконпазири) ашхос ҷиҳати қонеъ кардани манофеи қонунии худ, ки бо ҳуқуқҳои объективӣ кафолат дода мешавад ва бо меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Дорандаи ҳуқуқи мазкурро шахси ваколатдор меноманд;

2. Ҳуқуқи субъективӣ – рафтор ё фаъолияти субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ нест, балки танҳо имконият, шарти чунин рафтор ё фаъолият аст. Агар шахс амал кунад, пас татбиқи ҳуқуқи субъективӣ сурат мегирад;

3. Ҳуқуқи субъективӣ унсури озодиро дар бар мегирад, яъне имконияти истифодаи он бо ихтиёри худи шахс аст. Озодӣ дар ин ҷо чунин ифода меёбад: шахс метавонад, аммо уҳдадор нест, ки амал кунад. Ба ибораи дигар, калимаи рафтори имконпазир (иҷозатдодашуда) маънои онро дорад, ки татбиқи он аз ихтиёри ваколатдор вобаста аст;

4. Ҳуқуқи субъективӣ ин чораи рафтори имконпазир аст, яъне имкониятҳои ҳуқуқии ба субъектҳои муайян таъиншуда беохир нестанд. Онҳо ҳудудҳои (меъёр) муайян доранд, дар доираи ин меъёр субъект метавонад амал кунад. Масалан, бо амалӣ намудани ҳуқуқи моликияти худ ба ашё, асар, маводҳои интишоршудаи муаллиф инчунин ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, субъекти соҳибмулк наметавонад бо манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои шахсони дигар ҳисоб карда шавад;

5. Тадбири рафтори имконпазир, ки ба ваколатдор дода шудааст, бо роҳи ба зиммаи шахсони дигар вогузор кардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, миёнаравони иттилоотӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошанд, вале ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мазкур на дар як санади меъёрӣ, балки пароканда мебошад. Аз ин рӯ, моро мебояд, ки ҳамаи он ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои субъективии миёнаравони иттилоотиро ҷамъоварӣ намоем.

Миёнарави иттилоотӣ тибқи КМ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи барқӣ» дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ ба ҳисоб мераванд. Чи тавре ки дар зербобҳои қаблӣ дарҷ намуда будем, ки ба сифати миёнарави иттилоотӣ провайдер, соҳиби сомона ва оператори алоқа баромад менамояд, аз ин рӯ мо дар алоҳидагӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро муайян менамоем.

Аз ҷумла, миёнарави иттилоотӣ ҳуқуқ дорад: фаъолияти хизматрасонии интернетиро ба роҳ монад, шартҳои иҷозатномаро риоя намояд.

Миёнарави иттилоотӣ уҳдадор аст, ки ба соҳиб ва ё истифодабарандаи иттилоот тибқи дархостҳои онҳо ё мутобиқи шартҳои шартномаи миёнарави иттилоотӣ ва соҳиби иттилоот ё истифодабарандаи иттилоот ё шахсони ваколатдори онҳо хизматрасонии иттилоотӣ пешниҳод намояд. Ба миёнарави иттилоотӣ паҳн кардан ва ё додани маълумот ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотӣ ба шахсони сеюм, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ кардааст, манъ аст.

Бояд гуфт, ки соҳиби шабакаҳои иттилоотӣ ҳуқуқ дорад: шартҳои истифодаи онҳоро бо риояи ҳуқуқҳои истисноӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ муайян намояд; амалҳои дигарро мутобиқи Қонуни ҶТ дар бораи иттилоот ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ амалӣ намоянд.

Соҳиби шабакаҳои иттилоотӣ уҳдадор аст аст: барои ҳифзи иттилоот чораҳо андешад; иҷрои вазифаҳои дигарро тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ амалӣ намояд.

Провайдерҳо ва операторон чунин ҳуқуқҳо доранд:

1. Боздошти хизматрасониҳо дар шабакаи алоқаи барқӣ ба он шахсони алоҳидае, ки қоидаҳои муқараргардидаи шабакаи интернетиро вайрон мекунанд;

2. Бинобар амалҳои ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки зарари муайян ба вуҷуд меоянд, аз онҳо ҷуброни зарари расонидаро талаб намоянд;

3. Вобаста ба фаъолияти ғайриқонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории кишвар арз намоянд;

4. Провайдерҳое, ки фаъолияти хизматрасониро дар шабакаи алоқаи барқӣ ба амал мебароранд, метавонанд дигар ҳуқуқҳоро мутобиқи қонунугузорӣ дошта бошанд.

Провайдерҳо ва операторони шабакаи алоқаи барқӣ уҳдадориҳои зерин доранд:

1. Ба ҳамаи истифодабарандагони шабакаи алоқаи барқӣ хизматрасониро ба амал мебароранд;

2. Дар шабакаҳои алоқаи барқӣ тибқи шартҳои иҷозатнома фаъолият мекунанд;

3. Таъмини сифати хизматрасониро табқи стандартҳо ва қоидаҳои муқарраргардида мерасонанд;

4. Ба ҳамаи волидайне, ки шабакаи алоқаи барқиро фарзандони онҳо истифода менамоянд, ройгон маълумоти пурра медиҳанд;

5. Бастани шартномаҳоро бевосита бо худи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият ба роҳ мемонанд;

6. Махфияти паёмҳои телефонӣ, телеграфӣ ва дигар иттилооте, ки тавассути шабакаи алоқаи барқӣ интиқол мешаванд, пурра риоя менамоянд;

7. Ба истифодабарандагон сари вақт дар бораи шартҳо ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои телекомуникатсионӣ маълумоти муфассал пешниҳод менамоянд;

8. Ба истифодабарандагон ҷиҳати номатлуб иҷро кардани уҳдадории худ дар шабакаи алокаи барқӣ ҷуброни зарар менамоянд.

Ҳамин тавр пешниҳод менамоем, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои миёнарави иттилоотӣ ба тариқи зайл муайян карда шавад:

а) миёнарави иттилоотӣ ҳуқуқ дорад:

1. Фаъолияти хизматрасонии интернетиро ба роҳ монад;

2. Озодии иттилооти шахсии хешро аз шабакаҳои телекомуникатсионӣ, сомонаҳои иҷтимоӣ ва ғайра тағйир диҳад, ё ин ки ҳифз намояд;

3. Вобаста ба ҳолате, ки аз ҷониби истифодабарандагони шабакаҳои алоқаи барқӣ вайрон кардани қоидаҳои муайян, ба онҳо хизматрасонии миёнаравиро қатъ менамояд;

4. Аз шахсоне, ки бо амали онҳо шартҳои истифодабарии шабакаи алоқаи барқӣ вайрон мегардад, ҷуброни зарар талаб намояд;

5. Вобаста ба амалҳои ғайриқонунии ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҶТ арзу таклифҳо намояд;

6. Тибқи муқарароти қонунгузорӣ миёнаравони иттилоотӣ дигар ҳуқуқҳоро низ ба худ доро мебошанд.

б) миёнарави иттилоотӣ уҳдадор аст:

1. Ба соҳиб ва ё истифодабарандаи иттилоот тибқи дархостҳои онҳо ё мутобиқи шартҳои шартнома ва соҳиби иттилоот ё истифодабарандаи иттилоот ё шахсони ваколатдори онҳо хизматрасонии иттилоотӣ пешниҳод намояд;

2. Ба шахси сеюм маълумотро пешниҳод наменамояд ба истинои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории ҶТ муқаррар шудааст;

3. Ҷиҳати маҳфуз нигоҳ доштани иттилоот дар шабакаҳои алоқаи барқӣ ҳамаи чораҳоро меандешад;

4. Дар соҳаи шабакаи алокаи барқӣ ва сомонаҳои телекомуникатсионӣ танҳо мутобиқ ба шартҳои иҷозатномаи гирифтааш фаъолият менамояд;

5. Мутобиқи стандартҳо, қоидаву меъёрҳои муқарраргардида сифати хизмати расонидашавандаро таъмин намоянд;

6. Махфияти паёмҳои телефонӣ, телеграфӣ ва дигар иттилооте, ки тавассути шабакаи алоқаи барқӣ интиқол мешавад, пурра риоя менамояд;

7. Ба истифодабарандагон сари вақт дар бораи шартҳо ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои телекомуникатсионӣ маълумоти муфассал пешниҳод менамояд;

8. Барои амали бесифати худ ва хизматрасонии нуқсондор ба шаҳрвандон, сари вақт ҷуброни зарар менамояд;

9. Миёнарави иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ наметавонад бо хоҳиши худ маълумотро дар шабакаи алоқаи барқӣ дигаргун намояд;

10. Ҳамаи шартҳое, ки барои дастрас намудани иттилоот муҳим мебошад, пурра, саривақт риоя ва иҷро менамояд;

11. Нававарие, ки аз ҷониби ӯ дар шабакаи алоқаи барқӣ ва сомонаҳои интернетӣ гузошта мешавад, бояд тибқи муқаррароти қонунгузории ҶТ амалӣ карда шавад.

# БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ МИЁНАРАВИ ИТТИЛООТӢ

## 3. 1. Моҳияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ

Дар ҷомеаи имрӯза мубориза намудан алайҳи ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи алоқаи барқӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои миёнаравони иттилоотӣ вазифаи асосии суд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ мебошад. Дар асри илму техника шабакаи итттилоотӣ дар ҳаёти ҳамаи инсонҳо таъсири калон расонида истодааст, зеро истифодабарандаи шабакаи мазкур аз лиҳози дастрасӣ ҳатто сония нагузашта ба иттилооти худ дастрасӣ меёбад. «Мутаассифона, ҳангоми истифодаи номувофиқ, рушди технология метавонад бар зарари аъзои ҷомеа истифода бурда шавад ва боиси пайдо шудану такмил ёфтани зӯровариҳо ва таҳдидҳои мухталифи киберӣ гардад, ки на ҳама вақт дидашавандаю ошкоршавандаанд» [171, с. 3].

Аз ин лиҳоз муайян кардани ҳуқуқ ба иттилоот имрӯз ҳамчун масъалаи актуалӣ буда, ба истифодабарандагони хизматрасониҳои шабакаи алоқаи барқӣ ба шаҳрвандон тавре пешниҳод намоянд, ки ҳам дастрасӣ ба он осон гардад, ҳам ҳуқуқҳои истифодабарандагони шабакаҳои алоқаи барқӣ поймол карда нашавад.

Таҳлили адабиётӣ ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дилхоҳ соҳае, ки ба худ ҷавобгарии ҳуқуқӣ дошта бошад, он соҳаи пешрафта ва сифатан беҳтарин дар ҷомеа арзёбӣ мегардад, зеро тавассути падидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дилхоҳ шахс ҳуқуқ ва манфиатҳои хешро бо муроҷиат кардан ба мақомоти дахлдори давлатӣ хоҳ тавассути ариза ва бо дигар роҳҳо ҳимоя менамояд. Масалан, Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон барои ҳимояи манфиатҳои қонунии истифодабарандаи хизматрасонии алоқаи барқӣ ба Суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе дар нисбати ҶСП «Вавилон мобайл» муроҷиат кардааст. Ҳадафи шаҳрванд Т.М., ки ба манфиати ӯ даъво пешниҳод шудааст, дар он мебошад: хизматрасониҳои ширкати мобилӣ ба

талаботҳои сифатнок будани он ҷавобгӯй бошад; тавоноии сигнали интернет дар хонаи ӯ санҷида шавад; маълумоти воқеӣ оид ба сифати хизматрасонии ҷавобгар пешниҳод карда шавад; зарари моддӣ ва маънавӣ ҷуброн карда шавад. «Ин масъалаҳо дар Созишномаи оштии байни тарафҳо аз рӯйи парвандаи маданӣ ҳалли худро ёфтанд ва онро Суд тасдиқ намуд» [205]. Вале маводҳои парвандаи мазкур ва амалияи баъзе миёнаравони иттилоотӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки хизматрасониҳои онҳо аз лиҳози сифат ва риояи шартҳои иҷозатнома бояд беҳтар карда шаванд.

Албатта вобаста ба ибораи ҷавобгарӣ дар адабиёти ватанӣ чунин маълум гаштааст: «ҷавобгарии ҳуқуқӣ – татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба шахси гунаҳкор барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ мебошад» [95, с. 545]. Аслан ҳамаи ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ карда мешаванд. Асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ҳуқуқвайронкунии миёнарави иттилоотӣ кирдор (амал ё беамалии) ғайриқонунии ӯ, шахсони мансабдори ӯ, инчунин мансабдорони масъули Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ эътироф мешавад, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани шартҳои иҷозатнома, меъёрҳои қонунгузорӣ ва талаботҳои шартнома оварда расонидаанд. Аз ҷониби миёнарави иттилоотӣ ва баъзе шахсони салоҳиятдори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ ба миён омадани вайронкунии ҳуқуқ боиси ҷавобгарӣ тибқи конунгузории ҶТ мегардад.

Вобаста аз он ки ба шахсе, ки таҳти ҷавобгарӣ қарор мегирад, ба он баъзан маҳдудкунии ҳуқуқҳо ба монанди маҳрум сохтан аз озодӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои дигар ба мисоли ба ҳабс гирифтан ва ғайра татбиқ мегардад. Масалан, Суди Олии иқтисодии ҶТ дар маҷлиси судии кушода парвандаро бо даъвои ҶДММ «Вавилон Т» дар нисбати ҶДММ «Евростандарт» (ҷавобгар) дар бораи рӯёнидани маблағи хизматҳои расонидашуда ба андозаи 11 218, 47 сомониро бо иштироки тарафҳо баррасӣ намуд. Бояд зикр намуд, ки барои самаранокии фаъолияти миёнарави иттилоотӣ интизоми шартномавӣ нақши муҳим дорад. Дар асоси бандҳои

2.3.1 ва 2.3.2 – шартномаи № 88080217 – W аз 8 феврали соли 2017 даъвогар чандин маротиба ба таври расмӣ ба ҷавобгар оид ба пардохти музди хизмат (қарз) муроҷиат намудааст, лекин ин амалҳои ӯ бесамар мондаанд. Даъвогар маҷбур шудааст, ки дар нисбати ҷавобгар муҷозоти шартномавиро татбиқ намояд, ки мувофиқи банди 5.5 шартномаи зикршуда, дар ҳолати сари вақт напардохтани ҳаққи хизматҳои расонидашуда, даъвогар ҳуқуқ дорад, ки барои ҳар як рӯзи таъхири пардохт пения ҳамчун ноустуворонаи шартномавӣ ба андозаи 0,5 дар сад аз маблағи қарз дар як моҳ иловатан ҳисоб намояд. Даъвогар, инчунин барои ғайриқонунӣ истифода намудани маблағи ғайр дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадории пулӣ пенияи муқаррарнамудаи м. 426 Кодекси граждaниро татбиқ намудааст. Зарари расонидашуда мутобиқ ба тартиботе, ки БМТ вобаста ба иҷрои уҳдадорӣ муайян кардааст, ба инобат мегиранд. Дар натиҷа, агар қарзи асосии ҷавобгар 8 937, 79 сомонӣ бошад, боқимондаи он аз татбиқи ноустуворона дар шакли пения ба вуҷуд омадааст [201].

Дар асоси м. 165 – 168 ва 174-и «Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ суд даъвои дар боло таҳлилшударо оид ба рӯёнидани маблағи 11 218, 47 сомонӣ, қонеъ намудааст» [204]. Лекин, натиҷаҳои таҳлили амалӣ нишон медиҳад, ки интизоми шартномавӣ, бахусус интизоми молиявии баъзе миёнаравони иттилоотӣ бояд ҷиддан риоя карда шавад. Бебаҳс сухан дар бораи молияи хусусӣ меравад. Аммо аз интизоми молияи хусусӣ иҷрои нақшаҳои пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, вобастагӣ дорад.

Вобаста ба ақидаи баъзе муҳаққиқони ватанӣ «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ, ба маҳкумкунии ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ асос ёфта, дар муқаррар намудани оқибатҳои муайяни номусоид дар шакли маҳдудиятҳои (маҳрумиятҳои) шахсӣ ё молумулкӣ ифода мегардад» [101, с. 299].

Р. Ш. Сотиволдиев (Шарофзода) андеша дорад: «ҷавобгарии ҳуқуқӣ – намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони босалоҳият

татбиқ мешавад» [87, с. 617]. Ин ҷавобгарӣ заминаҳои иҷтимоӣ дорад. Вале дар ҷавобгарии молумулкӣ омилҳои молиявию иқтисодӣ нархи даъвои судиро муайян мекунанд. Ин ҳолати ҳуқуқиро дар парвандаи маданӣ бо аризаи ҶСП «Индиго Тоҷикистон» бо ҷалби шахсони манфиатдор: баъзе мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, Кумитаҳои идораи замин дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Гулистон, Деваштич, Истаравшан, Истиқлол, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Панҷакент, Спитамен, Ҷ. Расулов ва ҶДММ «Азия линк» оид ба беэътибор эътироф кардани баъзе Сертификатҳои ҳуқуқи истифодаи замин ошкор намудан мумкин аст. 63 адад воситаҳои алоқа дар қитъаҳои замини дар шаҳру ноҳияҳои болозикрбуда арзиши умумии 12 109 483 сомонӣ 29 дирамро дорад.

Ин баҳси мураккаби молумулкӣ аз ҷониби Суд ҳалли худро пайдо кардааст: «вале ҳангоми азнавташкилёбии миёнаравони иттилоотӣ талаботҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи тавозуни молиявӣ риоя карда шаванд, баҳси ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеояд» [203].

Ҷавобгарии ҳуқуқиро П. З. Мирзозода чунин баён кардааст: ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳар як шахс оқибати номусоидро ба бор меорад. «Дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиршуда барои ҳуқуқвайронкунунда бояд оқибатҳои муайяни манфӣ ба вуҷуд ояд» [66, с. 290].

Ба ақидаи мо, «ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун оқибатҳои рафтори номатлуби шахс, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои шахси дигарро вайрон мекунад, фаҳмида мешавад» [194, с. 111]. Вале татбиқи ин мафҳум дар ҷавобгарии мадании миёнарави иттилоотӣ хусусиятҳои хосси худро дорад. Дар ҷумҳурӣ ин иштирокдорони касбии бозори иттилоот дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагӣ (Ҷамъиятҳои саҳомии шакли пушида ва Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд) баъзе намудҳои хизматрасониҳои алоқаи барқиро тибқи иҷозатномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ анҷом медиҳанд. Аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагӣ онҳо бояд, ки қобилияти ҳуқуқдории умумӣ дошта бошанд, аммо мазмуни ин қобилият бо

гирифтани иҷозатномаи алоқаи барқӣ мушаххас гардонида шудааст. Онҳо наметавонанд дар ин соҳа ба ҳама намуди хизматрасонӣ машғул шаванд. Яъне қобилияти ҳуқуқдории миёнарави иттилоотӣ на аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он, балки аз рӯйи шумораи иҷозатномаи ӯ муайян карда мешавад (ultra vires).

Хусусияти дигари ин ҷавобгарӣ дар он аст, ки вай соҳибкор аст, таваккали имконнопазири алоқаи барқӣ ё мувофиқи мақсад набудани истифодаи он ба зиммаи ӯ гузошта мешавад. Ҳамзамон, дар ҳолатҳои муқаррар намудани м. 1251 КМ ҶТ, истифодабарандаи алоқаи барқӣ тибқи шартнома дар тақсими таваккал дар ухдадорӣ ҷалб карда мешавад.

Фаҳмиши каме мазмунан фарқкунанда нисбат ба мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро В.В. Лазарев пешниҳод менамояд. Ӯ чунин менависад: «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ду мақсади аслиро пайгирӣ менамояд: муҳофизати тартиботи ҳуқуқӣ ва тарбияи шаҳрвандон» [34, с. 497].

Аз ин мафҳумҳо чунин нишонаҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқиро арзёбӣ намудан мумкин аст:

1. Яке аз чораи маҷбуркунии давлатӣ ин ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад;

2. Ҷавобгарӣ чораи маҷбуркунӣ ба ҳамаи шахсон нест, ин чорае мебошад, ки ба доираи шахсон татбиқ карда мешавад;

3. Ҷавобгарӣ ин масъулияти ҳуқуқие мебошад, ки бо қонуншиканӣ алоқамандӣ дорад;

4. Ҷавобгарӣ ба дилхоҳ шахсе, ки таҳти он қарор мегирад, оқибати номусоидро ба ӯ меорад;

5. Хислати ҷавобгарӣ бевосита дар санксияҳои ҳуқуқӣ муайян карда шудааст;

6. Дар амал татбиқ намудани ҷавобгарӣ бевосита аз ҷониби шахсони ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад. «Шаклҳои ғайримурофиавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ вуҷуд надорад» [26, с. 48].

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунанда, аз ҷумла миёнарави иттилоотӣ оқибатҳои муайяни

манфиро ба вуҷуд меорад. Ин хусусияти асосии ҷавобгарие мебошад, ки онро аз баъзе намуди уҳдадориҳо ҷудо менамояд. О.С. Иоффе чунин андеша дорад: «агар дар вазъи ҳуқуқвайронкунанда ҳеҷ гуна тағйироте рӯй надиҳад, дар байни ҷавобгарӣ ва уҳдадорӣ фарқияте намемонад» [46, с. 7].

Вобаста ба масъалаҳои ҷавобгарӣ чунин андешаронӣ карда метавонем, ки нисбат ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ақидаи ягона мавҷуд нест. Аз ин рӯ, чӣ қадар бештар шахсоне, ки дар самти моликияти зеҳнӣ ҳуқуқвайронкунӣ менамоянд, таҳти ҷавобгарӣ қарор гиранд, албатта ин ба манфиати кор хоҳад шуд.

Вобаста ба ҳолати мазкур бояд гуфт, ки имрӯз дастрас кардан ва ба корбарон хизматрасониро дар шабакаи алоқаи барқӣ расонидан бениҳоят хатари бузург мебошад. Дар ҷомеа аксаран вақт қонуншиканиҳо ба амал меоянд ва ин аз бемасъулиятии баъзе корбарони шабакаҳои алоқаи барқӣ далолат мекунад.

Мақаки асосии кам намудани чунин қонуншиканиҳо аз ин бармеояд, ки ҳар як корбар, аз ҷумла миёнарави иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ ва дигар шабакаҳои интернетӣ, танҳо маълумоти саҳеҳ ба корбарон расонад ва аз фаъолияте, ки ба шахсони сеюм ё ин ки дигар ашхоси номуайян мерасонад, худдорӣ кунад. Баъдан мо чунин шахсонро метавонем гӯем, ки миёнарави иттилоотӣ дар шабакаҳои алоқаи барқӣ ва дигар сомонаҳои телекомуникатсионӣ мебошанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар шабакаҳои алоқаи барқӣ иттилоотҳо ба тариқи гуногун ворид мешаванд, аз ҷумла ҳуқуқӣ, адабӣ, илмӣ, сиёсӣ ва ғайра. Дар соҳаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бошад ин маълумотҳо ҳамагӣ ҳамчун моликияти доираи муайяни шахс эътироф мешаванд.

Дастрас намудани иттилоот дар ҷомеа албатта муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад, зеро фаъолияте, ки миёнарави иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ ба анҷом мерасонад ҳамчун ягон намуди фаъолият ҷиҳати илми ҳуқуқи ватанӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ ҷиҳати бартараф намудани ҳамаи қонуншикание,

ки дар ин самти муҳим ба миён меояд, бояд пешгирӣ карда шавад. Қабл аз ҳама мо ҳатман татбиқи тартиби муайяни пешгирӣ аз ин ҳуқуқвайронкуниҳоро бояд дида бароем, зеро дастрасии корбарон ба иттилооти дархостнамудаашон ин худ як масъалаи баҳсӣ ба ҳисоб меравад, зеро мо намедонем, ки пас аз дастрас намудани иттилоот онро чӣ гуна истифода мекунад.

Ҳолати мазкур ба ҳамаи корбарони шабакаҳои алоқаи барқӣ имкон медиҳад, ки дастрасӣ ба иттилоотро дуруст истифода намоянд.

Албатта ҳамаи масъалаҳое, ки ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ тааллуқ дорад, имрӯз онро мо дар сатҳи Конститутсияи ҶТ муайян намудем. Дар м. 40 Конститутсияи ҶТ бевосита вобаста ба ҳимояи моликияти зеҳнӣ чунин баён шудааст: «Моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст» [1]. Иттилооте, ки дар Интернет нигоҳ дошта мешавад, дорои маълумоти зиёде дар бораи субъектҳои чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ғайр аз ин, иттилоот метавонад объекти гардиши маданӣ бошад. Инчунин ҳуҷҷатҳои таъиноти техникӣ мавҷуданд, ки бо истифодаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ алоқамандaнд. Ҳолати мазкур то андозае дар сомонаҳои иҷтимоӣ ва равиши танзими он муайян карда шудааст. Бояд қайд кард, ки ба ғайр аз вайрон кардани ҳуқуқҳои зикршуда, мавҷудияти дигар шартҳои ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунанда, ки ба намуди масъулият низ таъсир мерасонанд, зарур аст. Масъулиятро барои вайрон кардани ҳуқуқҳои зеҳнӣ дар шабакаҳои интернетӣ аз ҷониби операторони алоқа ва дигар миёнаравҳои иттилоотӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

– вобаста ба намуди ҳуқуқвайронкунӣ;

– вобаста ба оқибатҳои вайронкунии ҳуқуқи муаллиф дар шабакаҳои иттилоотию телекомуникатсионӣ.

Таҳлилҳои боло нишон медиҳад, ки мо имрӯз ҷавобгариро дар самти фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ ҷудо фарқ кунем, зеро агар натиҷаи фаъолияти ғайриқонунии дар шабакаи алоқаи барқӣ анҷомдодаи миёнарави иттилоотӣ таҳти ҷавобгарӣ қарор нагирад, пас танзими чунин фаъолиятҳо аз

эҳтимол дур мебошад. Вобаста ба ҳолати мазкур якчанд намуди ҷавобгариро мо пешниҳод менамоем:

– Ҷавобгариҳое, ки дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён меоянд;

– Ҷавобгариҳое, ки вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба амал баровварда мешаванд;

– Ҷавобгарӣ дар самти ҳуқуқи маданӣ.

Намудҳои ҷавобгарие, ки мо пешниҳод намудаем, ба ҳамагон маълум аст ва ҷавобгари ҷиноятӣ ин шахсро метавонад аз озодӣ маҳрум намояд, вале ҷавобгарии маъмурӣ бошад аксаран вақти таҳти ҷаримаи маъмурӣ қарор медиҳад. Ҷавобгарии маданӣ ин чунин ҷавобгарие мебошад, ки тавассути мақоми ваколатдор ҷиҳати вайрон гардидани ҳуқуқҳои хеш ҷуброни зарарро талаб мекунад.

Дар адабиёт мафҳумҳои зиёди ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дода шудааст.

Е.А. Суханов чунин изҳори назар дорад, ки «ҷавобгарии маданӣ як шакли маҷбуркунии давлатӣ ба шумор рафта, барои рафтори номувофиқаш аз ҷониби суд аз ҳуқуқвайронкунанда ба манфиати ҷабрдида рӯёнидани санксияҳои молумулкӣ, ки ба ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои ногувори молумулкиро дар назар дошта, баҳри барқарор намудани ҳуқуқҳои молумулкии вайроншудаи ҷабрдида нигаронида шудаанд» [43, с. 27].

Ба ақидаи Ф.С. Сулаймонов «ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ оқибатҳои манфии молумулкиест, ки қонун ба зиммаи субъекте вомегузорад, ки бо амал ё беамалии худ меъёрҳои қонунгузории маданиро вайрон кардааст» [42, с. 65].

Олими дигар Д.В. Сидоров андеша дорад, ки: «ҷавобгарии маданӣ ин татбиқи муҷозот нисбати субъекти ҳуқуқвайронкунандаи маданӣ содирнамуда дар шакли ба зиммаи ӯ гузоштани уҳдадории иловагии маданӣ ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи маданӣ мебошад» [179, с. 150].

Муҳаққиқ В.П. Грибанов ва Ю.К. Толстой андеша доранд, ки: «ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ҳамчун яке аз чораҳои маҷбуркунии давлатӣ вобаста ба татбиқи санксияи молумулкӣ, ки ба барқарор кардани ҳуқуқҳои

поймолшуда ва ҳавасмандгардонии муносибатҳои муътадили иқтисодии иштирокчиёни аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробарҳуқуқи муомилот равона шудаанд» [89; 94].

И.А. Покровский чунин мегӯяд: «ҷавобгарии маданӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар шакли оқибатҳои манфии дорои хусусияти молумулкӣ ё ғайримолумулкӣ аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда ифода ёфта, бо маҷбуркунии давлат таъмин карда мешавад ё ҳуқуқвайронкунӣ ва субъекти он маҳкум карда мешавад» [75, с. 266].

Олими тоҷик Э. Д. Кабутов чунин изҳори ақида дорад: «Ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ – ин уҳдадориест, ки аз вайрон кардани ҳуқуқҳои мадании молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шахси ваколатдор бармеояд, ки мувофиқи он ҳуқуқвайронкунанда уҳдадор аст нисбат ба зарардида ва ба манфиати ӯ маҳрумиятҳо ва гарониҳои иловагии молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро тоб оварад, ки барои барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи зарардида нигаронида шудааст ва шахси зарардида ҳуқуқ дорад аз ҳуқуқвайронкунанда иҷрои ин уҳдадориро талаб намояд» [47, с. 132].

Олимони сивилистикаи тоҷик дар китоби дарсии хеш чунин хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданиро ҷудо намудаанд:

«– маҷбуркунии давлатӣ, яъне чораҳои ҷавобгарии бо меъёрҳои ҳуқуқ муқарраршуда, ки амаликунии онҳо бо қувваи маҷбурии давлатӣ таъмин карда мешаванд;

– оқибати номусоиди манфӣ барои ҳуқуқвайронкунанда (қарздор), яъне молу мулки ҳуқуқвайронкунанда тариқи ройгон барои ҳаракати зиддиҳуқуқӣ гирифта мешавад;

– маҳкум намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва субъекти он, яъне аксуламали манфиати давлат ва ҷамъият нисбати ҳуқуқвайронкунии содиршуда ва субъекти он мебошад» [57, с. 147].

Албатта дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ дар бисёр ҳолатҳо қайд шудааст, ки барои татбиқ намудани ҷавобгарии маданӣ бояд сабабу омилҳои он вуҷуд дошта бошад.

Баъзе муаллифон қайд менамоянд: «ҳолатҳое, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ба миён меояд, асосҳои бавуҷудоии он меноманд. Чунин асос, пеш аз ҳама, содир намудани ҳуқуқвайронкуние шуда метавонад, ки дар қонун ё шартнома пешбинӣ карда шудааст» [57, с. 176].

Ба назари С.А. Сулейманова «ягона шарте, ки ҳамеша амал мекунад ва бе он ҷавобгарии маданӣ номумкин аст, ин вайронкунии ҳуқуқи субъективии маданӣ мебошад» [88].

Бояд гӯем, ки ҳамаи ҷавобгарие, «ки дар самти ҳуқуқи маданӣ ба миён меояд, албатта ин аз номукаммал иҷро кардани уҳдадории ҳамон шахс дарак медиҳад» [194, с. 172]. Вале мо ҳама вақт бояд ба назар гирем, ки дар сурати вайрон намудан ва бемасъулиятӣ кардани миёнарави иттилоотӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориаш баъдан таҳти ҷавобгарӣ қарор дода шавад.

Ҳуқуқвайронкунӣ дар тамоми соҳаи шабакаи алоқаи барқӣ омили асосии таҳти ҷавобгарӣ қарор додани миёнаравони иттилоотӣ мебошад. Вобаста ба омили зикршуда олими рус чунин андеша дорад: «Барои он ки ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ гардад, бояд ба таркиби ҳуқуқвайронкунӣ диққати асосӣ дода шавад. Таҳти таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ маҷмуи шартҳои умумӣ ва хосса фаҳмида мешавад, ки мавҷуд будани онҳо барои ба вайронкунандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ вогузор намудани ҷавобгарӣ зарур мебошад» [169].

Андешаи олими рус чунин аст «ҳамчун шарти пайдоиши ҷавобгарии маданӣ барои зараре, ки расонида шудааст, ҳуқуқвайронкунии маданӣ ҳисобида мешавад ва унсурҳои он аз он ҷумла мавҷуд будани зиён, амали (беамалии) ғайриқонунӣ, робитаи сабабу оқибати байни онҳо ва гуноҳ мебошад» [89, с. 61].

Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки омили асоси ҷавобгарии маданӣ аз тарзҳои зайл иборат аст.

1. Вуҷуд доштани кирдоре, ки аз амали зиддиҳуқуқии он далолат мекунад;

2. Вуҷуд доштани зиён ва муайян намудани зиёни расонидашуда;

3. Доштани робитаи сабабӣ миёни кирдори содиршуда ва зарари ба вуҷудомада;

4. Вуҷуд доштани гуноҳ.

Ҳуқуқвайронкуние, ки аз ҷониби миёнаравҳои иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ ба миён меоянд, бевосита таҳти қонунгузории ҶТ дар самти моликияти зеҳнӣ қарор мегирад. Ба ин мисол шуда метавонад, истифодаи бе иҷозати асарҳо, фонограммаҳо ва дигар объектҳои натиҷаи фаъолияти эҷодӣ дар шабакаҳои иттилоотӣ ва телекомуникатсионӣ мебошад. Новобаста аз он ки маводи дар сомона ҷойгиршуда тағйир дода мешавад, ё ин ки дигаргунӣ ба он ба амал меояд, ҳамчун чораи ҳуқуқӣ ҷиҳати пешгирии вайроншавии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ андешида мешавад.

Зарар ҳамон вақт ҳисоб карда мешавад, ки агар дар ҳақиқат ба ҳуқуқҳои моликияти зеҳнии миёнарави иттилоотӣ дар сомонаҳои телекомуникатсионӣ ва дигар шабакаҳои алоқаи барқӣ расонида шуда бошад. Вобаста ба ҳолати мазкур тартиби муайян кардани андозаи зарарро шахсони ваколатдор ҳисоб карда метавонанд.

Ҳама вақт субъектони ваколатдори давлатӣ робитаи сабабӣ миёни кирдор ва оқибатро ба назар мегиранд, вале агар барқасдона аз ҷониби истифодабаранда вайрон кардани ҳуқуқҳо ба амал ояд, бевосита оқибати кордори содиркардаашро пешбинӣ карда тавонад, пас ҷавобгарӣ асоси ҳамон буда, таҳти ҷавобгарии муайяннамудаи қонунгузорӣ қарор мегирад.

Таҳлилҳои боло нишон медиҳад, ки танзимкунандаи аслии муносибатҳои мазкур дар соҳаи алоқаи барқӣ ва самти ҳифз намудани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ин ҚМ ҶТ ба шумор меравад. Зеро дар бахши сеюми кодекси мазкур меъёрҳое мавҷуд мебошанд, ки вобаста ба ҷавобгарӣ ба доираи муайяни шахсон, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ ва дигар сомонаҳои телекомуникатсионӣ фаъолият доранд, бахшида шудааст. Муайян кардани

субъекте, ки ҳуқуқҳои моликияти зеҳниро дар шабакаи алоқаи барқӣ вайрон мекунанд, каме душвор мебошад.

Пешрафти бесобиқаи ҷомеа, аз ҷумла рақамикунонии ҷомеа мушкилотҳои зиёдеро ҷиҳати интишороти иттилоотҳои маҳфузшуда дар шабакаҳои интернетӣ ва дигар шабакаи алоқаи барқӣ ба миён овардааст. Ҳолати мазкур иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи муаллифиро водор месозад, ки дар фаъолияти хеш масъулиятнок бошанд.

Вобаста ба таҳти ҷавобгарӣ қарор гирифтани миёнаравони иттилоотӣ гуногунандешӣ миёни олимони самт мавҷуд мебошанд. Чунин аст, ки мегӯянд миёнаравони иттилоотӣ барои вайрон намудан ё ин ки бе иҷозати муаллиф, тағйир додани маълумот таҳти ҷавобгарӣ кашида шавад.

Дар ҷомеа ақидаҳое мавҷуд мебошанд, ки фаъолияти миёнаравони иттилоотиро бо операторони мобилӣ таносуб кардан дар баъзан ҳолатҳо мумкин аст, вале мо чунин мешуморем, ки агар аз ҷониби операторони мобилӣ ягон намуди тафтишу азназаргузаронии иттилоотҳое, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ ҷой шудааст, гузаронида шавад, ин ба фаъолияти дурусти миёнаравони иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ таъсири хешро мерасонад.

Албатта андешаҳои овардашуда ба мо имкон медиҳад, ки субъекти асосии шабакаи алоқаи барқӣ миёнарави иттилоотиро дуруст муайян намоем: «дар қ. 1 м. 1251 КМ ҶТ инъикос ёфтааст» [7]. Тибқи муқаррароти қонунгузории ҶТ баъзан омилҳое мавҷуд мебошанд, ки метавонанд миёнаравҳои иттилоотиро таҳти ҷавобгарӣ қарор надиҳанд:

1. Дар ҳолати ҷойгир намудани иттилоот, агар аз иттилооти ғайриқонунӣ будани он бархӯрдор набошад;

2. Агар назорат намудани сомонаҳои телекомуникатсионӣ ба ӯ имкон надиҳад ва қобилияти назорат кардани онро надошта бошад, пас таҳти ҷавобгарӣ қарор дода намешавад.

Дар яке аз адабиётҳои дар ФР интишоршуда қайд шудааст: «дар шабакаи интернет якчанд субъектҳо, яъне соҳибони вебсомонаҳо, маъмурони домейн, провайдерҳои Интернет, бақайдгирандагони номҳои домейнҳо,

операторони системаҳои ҷустуҷӯӣ метавонанд ба ҷавобгарӣ ҷалб карда шаванд» [206].

Мо бояд муайян кунем, ки кадом шахсро ба сифати миёнарави иттилоотӣ эътироф намоем. Ҳамин тавр, агар шахс фаъолияти худро тибқи м. 1251 КМ ҶТ амалӣ намояд, он миёнарави иттилоотӣ хоҳад буд. «Аммо агар шахс якчанд намуди фаъолиятро амалӣ намояд, масъалаи муайян кардани қонуншиканӣ дар амалҳои ӯ ва ба ҷавобгарии минбаъда кашидани ҳар як намуди фаъолияте, ки ӯ анҷом медиҳад, ҳал карда мешавад» [7]. Новобаста аз муқаррароти мазкур муайян намудани миёнаравҳои иттилоотие, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ фаъолият мекунад, баҳснок ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳолати мазкур, агар мо бо муроҷиат ба қонунгузории мамлакатамон вобаста ба ин масъала ба дар бораи он ки оё дилхоҳ шахс вазифаҳои марбут ба вазифаҳои миёнаравҳои иттилоотиро иҷро мекунад, ҷавоби пурра ва саҳеҳ ёфта наметавонем.

Маврид ба ёдоварӣ аст, ки субъекти баҳсбарангези муносибатҳои иттилоотӣ ва телекомуникатсионӣ ин соҳиби сомонаи алоқаи барқӣ мебошад. Аз ин рӯ якчанд ҳолатҳоеро пешниҳод менамоем, ки миёнаравони иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ ба онҳо гуноҳ раво дониста намешавад:

1. Шахс бояд бевосита маълум намояд, ки дар шабакаи алоқаи барқи худ маводҳои иттилоотиро ҷойгир накардааст, вале шахсони алоҳидаи дигар ҷойгир намудаанд;

2. Мавқеи дорандаи ҳуқуқ ба соҳиби сомона аз он далолат мекунад, ки барои тағйир додани иттилоотҳое, ки дар шабакаи телекомуникатсионӣ ашхоси дигар ҷойгир намудаанд;

3. Агар ӯ аз маълумотҳои ғайриқонуние, ки дар шабакаи алоқаи барқии ӯ ҷойгир шудааст, даромад ба даст оварад, дар ин замина ӯро ҳамчун миёнарави иттилоотӣ ҳисобидан ғайри имкон аст.

Таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки агар яке аз ҳолати мазкур вуҷуд дошта бошад, мо шахсро ҳамчун миёнарави иттилоотӣ, ки фаъолияткунанда дар шабакаи алоқаи барқӣ мебошад, эътироф карда наметавонем.

Олими рус О.Н. Фомина чунин ақида дорад: «ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнаравҳои иттилоотӣ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои зеҳнӣ дар сурати мавҷуд будани гуноҳ, ки муайян кардани он аз категорияи онҳо вобаста аст, ба миён меояд. Дар ҳама ҳолатҳо, асосҳои озодкунӣ аз ҷавобгарӣ бо набудани саҳми шахсии миёнарав дар амалҳое, ки ба пайдоиш ё паҳншавии мавод мусоидат мекунанд ва донистани он, ки ин мавод ғайриқонунӣ аст, алоқаманд мебошад. Бояд қайд кард, ки ҳатто дар сурати набудани гуноҳ, ба миёнаравҳо талабот оид ба пешгирии вайронкунии ҳуқуқҳои зеҳнӣ пешниҳод карда мешавад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ чунин ақида баён карда шудааст, ки масъулияти миёнарав нисбат ба масъулияти худи вайронкунандаи субсидиарӣ аст» [163, с. 34].

Мо фикр мекунем, ки таҳлилҳои дарболошуда аз он далолат мекунад, ки дар кадом ҳолате набошад, агар миёнарави иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ ва дигар шабакаҳои телекомуникатсионӣ ба вайронкуниҳои ҳуқуқ даст занад, бевосита таҳти чораҳои муқарраргардидаи қонунгузорӣ қарор мегирад.

Албатта қобили зикр аст, ки масъули таҳти ҷавобгарӣ қарор додани миёнарави иттилоотӣ ин шахсони сеюм ба шумор мераванд. Бояд қайд кард, ки дар амал ҳам миёнарави иттилоотӣ ва ҳам шахсе, ки қонунро вайрон кардааст, ба ҷавобгарии муштарак кашида мешаванд ва дуруст ба назар мерасад.

Миёнарави иттилоотӣ дар он сурат аз ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ озод мегардад, ки агар ӯ дар ҳақиқат маводро дар сомонаи иҷтимоӣ тағйир надода бошад, аз маводи дахлдор даромади муайяне нагирифта бошад. Зеро амалӣ намудани омилҳое, ки номбар намудем, боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарӣ нисбати миёнаравҳои иттилоотӣ мегардад.

Олими рус В.О. Калятин ақида дорад, ки ҳолати интиқоли одии иттилоот ва надоштани дониши кофӣ барои амалӣ намудани он боиси мушикилии муайян мегардад [124, с. 5].

Дар мавриди андешаи мазкур олими дигари рус Е.А. Войниканис чунин изҳори баён намудааст: «Шарт ба провайдерҳои интиқоли маълумот татбиқ

карда намешавад, зеро, ба монанди интиқолдиҳандагон ё хабарбарандагон, онҳо танҳо маълумотро аз шахсони сеюм интиқол медиҳанд, ҳолатҳое вуҷуд надоранд, ки провайдер бояд аз мундариҷаи иттилоот огоҳ бошад» [36, с. 290].

Гуфтаҳои боло аз он далолат мекунад, ки дар амалияи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашидани миёнаравҳои категорияи якум аслан кам мебошанд: «Дар ин ҳолат, чораҳо бояд саривақтӣ ва барои қатъ кардани қонуншиканӣ кофӣ бошанд» [124, с. 3].

Дар адабиёти соҳавӣ ақидаҳо дар бораи набудани аҳаммияти шахсияти фиристода чунин изҳорот пайдо шудааст. Аз ҷумла, В.О. Нюняев чунин изҳори ақида намудааст: «дар ҳар сурат, миёнарави иттилоотӣ бояд амалҳои аз ӯ талабшударо иҷро кунад, дар аксари ҳолатҳо, барои иштирокчии оқилонаи муомилот далели вайрон кардани ин ҳуқуқ маълум аст» [147, с. 265], дар ҳоле ки соҳиби ҳуқуқ метавонад ҳеҷ гоҳ дар бораи вайрон кардани ҳуқуқҳои хеш дар интернет маълумот надошта бошад. Мо фикр мекунем, ки чунин мавқеъ берун аз доираи қонунгузорӣ ба назар мерасад. Бояд қайд кард, ки аксар вақт соҳиби ҳуқуқ ба паҳн кардани асари худ манфиатдор аст, ба ин ё он шахс иҷозат медиҳад ё бо донистани истифодаи объекти худ, онро қасдан нодида мегирад.

Миёнарави иттилоотӣ, ки маълумоти пурраи мундариҷаи воқеии сомонаро надорад, дастрасиро маҳдуд мекунад ва дар натиҷа аз соҳиби сомона талаб мекунад, ки зарари худро ҷуброн кунад. Чунин ба назар мерасад, ки вазъият комилан имконпазир аст, соҳиби ҳуқуқ ва шахсе, ки объекти баҳсбарангези ҳуқуқи муаллифро бо ёрии хизматҳои миёнарави иттилоотӣ ҷойгир кардааст, муносибатҳои худро доранд, масалан, соҳиби ҳуқуқ ҳуқуқи истифодаи объектро ба шахсе, ки объектро ҷойгир кардааст, додааст ва онҳо дар бораи ҳуқуқи ин истифода баҳс мекунанд. Дигар ҳолатҳои баҳсбарангезе, ки миёнарави иттилоотӣ намедонад, наметавонад дар бораи нақзи ҳуқуқи соҳиби ҳуқуқ хулосаи қатъӣ барорад.

Бо вуҷуди ин, масъалаи ҷавобгарии шахсоне, ки ҳуқуқи моликияти зеҳниро дар шабакаҳои телекомуникатсионӣ вайрон мекунанд ва бо ин асос мо аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ талаб мекунем, ки дастрасӣ ба ин ё он манбаи интернетро ба шахсони зикргардида маҳдуд кунанд, чунки ин ба манфиати ҷомеа мебошад. Масалан, дар ҳолате ки соҳиби ҳуқуқи тамғаи молӣ, бо дархости рақибон, изҳор медорад, ки ҳуқуқи ӯ ба тамғаи молӣ вайрон карда шудааст, бо донистани беасос будани чунин талабот, метавонад фаъолияти корхонаи калонро қатъ кунад. Дар робита ба ин, чунин масъалаҳоеро муайян кардан мумкин аст, ки барои таҳияи меъёрҳои возеҳ, аз ҷумла чораҳои зарурии миёнарави иттилоотӣ ҳангоми гирифтани хабар аз соҳиби ҳуқуқ дар бораи вайрон кардани ҳуқуқҳои ӯ бояд ҳал карда шаванд.

Вобаста ба ин Н.А. Непомняшая чунин саволҳоро ба худ додааст:

1). Оё муроҷиати миёнарави иттилоотӣ (провайдери хостинг) ба соҳиб ё маъмури сомона дар бораи даъвои соҳиби ҳуқуқ барои қатъ кардани вайронкунӣ ё пешниҳоди эътирози онҳо дар асл талаботи соҳиби ҳуқуқ бидуни боздоштани хизматҳои хостинг чораи зарурӣ ва кофӣ барои қатъ кардани вайронкунӣ ҳуқуқҳои истисноӣ мебошад?

2). Оё дар чунин ҳолат миёнарави иттилоотӣ ҳуқуқ дорад бо дархости худ ба соҳиби ҳуқуқ дар бораи соҳиби (маъмурӣ) сомона маълумот диҳад, то соҳиби ҳуқуқ даъвои худро ба вайронкунандаи бевоситаи ҳуқуқҳои худ пешниҳод кунад? [176, с. 71;].

Моро мебояд, ки ба саволҳои муҳаққиқ ҷавоби қонеъкунанда пешниҳод намоем. Агар ба миёнарави иттилоотӣ аризаи дорандаи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дар бораи вайрон кардани ҳуқуқҳои ӯ дар шабакаи интернетӣ ворид шавад ва миёнарави иттилоотӣ имконияти воқеии техникӣ дошта бошад, ки сомонаро, ки дар он объекти моликияти зеҳнии баҳсбарангез ҷойгир аст, баста кунад, пас миёнарави иттилоотӣ метавонад ду роҳ вобаста ба амалҳои минбаъдаи худ дошта бошад.

Якум, ба шахсе, ки объектро дар сомонаҳои иттилоотӣ ё телекомуникатсионӣ ҷойгир кардааст ё соҳиби сомона дар бораи аризаи

воридшудаи соҳиби ҳуқуқ огоҳ намуда, пешниҳод менамояд, ки муносибатҳоро дар бораи объекти моликияти зеҳнии баҳсбарангез ба таври ғайрисудӣ ҳал намояд яъне ё эътирози худро ба аризаи соҳиби ҳуқуқ пешниҳод намояд ё ихтиёран дар мухлати муқарраршуда объектро аз сомона хориҷ намояд ва зараре, ки ба соҳиби ҳуқуқ расидааст, ҷуброн намояд. Ҳатман дар бораи огоҳиномаи худ миёнарави иттилоотӣ соҳиби ҳуқуқро огоҳ мекунад. Агар дар раванди мазкур соҳиби ҳуқуқ нисбати аризаи худ эътироз пайдо кунад ва ягон амали фаъолро анҷом надиҳад, ба суд ё мақомоти назоратӣ мутобиқи м. 1251 КМ ҶТ муроҷиат намояд. Дар ин ҳолат миёнарави иттилоотӣ ҳуқуқ дорад ҷойгиркунии объекти моликияти зеҳнии баҳсбарангезро аз сар гирад, зеро соҳиби ҳуқуқ бояд дар ҳимояи ҳуқуқҳои худ фаъол бошад.

Агар шахсе, ки объектро дар шабакаҳои телекомуникатсионӣ ва шабакаи интернетӣ ҷойгир кардааст, эътирози худро пешниҳод накунад, яъне дар ҳимояи ҳуқуқи худ мавқеи фаъолро ишғол накунад, пас миёнарави иттилоотӣ бояд сомонаро то бартараф кардани объекти моликияти зеҳнии баҳсбарангез баста кунад. Марҳилаи дуюм пас аз гирифтани даъво аз соҳиби ҳуқуқ, миёнарави иттилоотӣ вазифадор аст, ки мундариҷаро дар сомона фавран манъ кунад, дар ин бора ба соҳиби ҳуқуқ ва шахсе, ки мундариҷаро ҷойгир кардааст, хабар диҳад. Бояд гуфт, ки меъёри кофӣ будани тадбирҳои миёнарави иттилоотӣ ин аст, ки ин тадбирҳо амалҳоеро, ки ҳуқуқҳои моликияти зеҳниро вайрон мекунанд ё дар натиҷаи ҷойгиркунии маводҳо дар шабакаи Интернет таҳдид мекунанд, пурра қатъ карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки Н.И. Матузов, «Е. В. Родионова» [79, с. 49], «Р. Л. Хачатуров, В.Б. Наумов Д. А. Липинский» [98, с. 24; 143; 175], якчанд намуди ҷавобгариро муайян мекунанд: «Илова бар ин, дар бораи системаи алгоритмии дар раванди татбиқ ифодашуда ба маънои васеъ, ки Ф. Перегудов ва Ф.П. Тарасенко онро риоя карда, шаҳодат медиҳанд ва онро ҳамчун шакли маҷбурии мантиқии пайдарпайии амалҳо (тартиби ба ҷавобгарӣ кашидан) муайян мекунанд» [74, с. 244].

Бояд гуфт, ки «унсурҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, қаблан аз ҷониби А. В. Малко ва Р. С. Маркунин ҷудо карда шуда буданд», аввал субъекти ҷавобгарӣ будан, дуюм асосҳои воқеӣ доштани он, сеюм татбиқ намудани он тавасути мурофиа, чорум татбқи намудани чораҳои дахлдори ҷавобгарӣ [139, с. 6].

Вале татбиқи ин мафҳум дар ҷавобгарии мадании миёнарави иттилоотӣ хусусиятҳои хосси худро дорад. Дар ҷумҳурӣ иштирокдорони касбии бозори иттилоот дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагӣ баъзе намудҳои хизматрасониҳои алоқаи барқиро тибқи иҷозатномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳуқуқмати ҶТ анҷом медиҳанд. Аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагӣ онҳо бояд, ки қобилияти ҳуқуқдории умумӣ дошта бошанд, аммо мазмуни ин қобилият бо гирифтани иҷозатномаи алоқаи барқӣ мушаххас гардонида шудааст. Онҳо наметавонанд дар ин соҳа ба ҳама намуди хизматрасонӣ машғул шаванд. Яъне қобилияти ҳуқуқдории миёнарави иттилоотӣ на аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он, балки аз рӯйи шумораи иҷозатномаи ӯ муайян карда мешавад. Хусусияти дигари ин ҷавобгарӣ дар он аст, ки вай соҳибкор аст, таваккали имконнопазири алоқаи барқӣ ё мувофиқи мақсад набудани истифодаи он ба зиммаи ӯ гузошта мешавад. Ҳамзамон, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи м. 1251 КМ ҶТ, истифодабарандаи алоқаи барқӣ тибқи шартнома дар тақсими таваккал ба ухдадорӣ ҷалб карда мешавад.

Вобаста ба масъалаҳои мазкур олими рус С. В. Сарбаш чунин изҳори ақида дорад: «дар қонун муқаррар карда шавад, ки шахс дар вайрон кардани ҳуқуқи дигарон озод аст, аммо барои кирдори худ масъул нест, гарчанде ки дар асл ӯ бояд масъул бошад» [73, с. 678]. Албатта чораи мазкур на танҳо шахсро тахти ҷавобгарӣ қарор медиҳад, балки баъзан ҳуқуқҳои молумулкии ӯро маҳдуд низ мекунад .

Аслан ба ақидаи муҳаққиқ: «Хусусияти ҷавобгарии дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, чун анъана пайдоиш ва рушди масъулияти ҳуқуқӣ дар ҳамкории зич бо далелҳои ҳуқуқии раванди идоракунии моликияти зеҳнӣ ва ҷорӣ намудани

он ба гардиши иқтисодӣ, хусусияти фаромиллии ҳуқуқвайронкуниҳо инчунин ҳадафи ҳифзи ҳуқуқҳои шахс вобаста ба муомилот баровардани иттилоот ва асар, ки тавассути он иттилоот барои доираи номуайяни шахсон дастрас мегардад», фаҳмида мешавад [117, с. 34]. Илова бар ин, ба ақидаи «В. Э. Козатская таҷовуз бевосита ба тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ боиси сар задани ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ бо сабаби бевосита нишон додани қонун мегардад» [128, с. 12].

Дар масъалаи ҷавобгарӣ аз ҳамаи таҳлилҳои илмӣ бармеояд, ки мақсади аслии мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ин коҳиш додани поймолкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дар шабакаҳои алоқаи барқӣ ба шумор меравад, аз ин рӯ бо боварӣ гуфта метавонем, ки мақсади ягона ин муътадил намудани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо дар шабакаи иттилоотию телекомуникатсионӣ мебошад.

Тавре ки И. А. Близнетс андеша дорад: «ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дар маҷмуъ бо ҳадафҳои хеле оқилона ва одӣ вобаста аст, таъмини пешрафт дар соҳаҳои фарҳангӣ, илмӣ ва технологӣ, мусоидат ба ошкор ва истифодаи васеи дастовардҳои эҷодӣ ва навгониҳои техникӣ ба шумор меравад. Албатта бо мақсади махсус, яъне ҳамчун масъулияти маданӣ-ҳуқуқӣ, ҷавобгарии миёнарав барои барқарор кардани вазъи молумулкии соҳиби ҳуқуқ дар робита ба вайрон кардани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин ба соҳибони ҳуқуқ тавассути васеъ кардани ҳимояи самарабахши ҳуқуқҳояшон пешбинӣ шудааст» [168, с. 6].

Мақсади аслии мо пешгирӣ намудани вайронкунии ҳуқуқҳо дар соҳаи алоқаи барқӣ ва дигар шабакаҳои иттилоотию телекомуникатсионӣ ба амал меояд, ба шумор меравад. Албатта ҳолати мазкур то андозае дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҶТ муайян шудааст, вале ҳанӯз ҳам ҳамчун чораи асосии татбиқ намудани ҷавобгарӣ ба пуррагӣ танзими худро наёфтааст.

Бояд дар хотир дошт, ки сарфи назар аз суръати рушди технологияҳои иттилоотӣ масъалаи он ки оё шахс ба категорияи миёнаравҳои иттилоотӣ мансуб аст ё не, аз ҷониби суд бо назардошти хусусиятҳои муайяни он

муайян карда мешавад. Ҳолати мазкур мақоми миёнаравҳои иттилоотиро вобаста ба ҳолате, ки аз ҷониби шахсони сеюм иттилоотро дар сомонаҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои алоқаи барқӣ ҷой мекунанд, муайян карда ӯро таҳти ҷавобгарӣ қарор намедиҳад.

Дар маҷмуъ чунин мушкилот на танҳо барои таҷрибаи ҶТ хос аст, балки таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ низ дар бораи имконияти ба ҷавобгарӣ кашидани бақайдгирандаи номҳои домейнҳо барои вайрон кардани ҳуқуқҳои зеҳнии шахсони сеюм ҷавоби ягона намедиҳанд. «Аммо ба манфиати чунин таърифи миёнаравҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки бо рушди муносибатҳои иттилоотӣ-технологӣ субъектҳои дигареро, ки қаблан ҳамчун миёнарав баррасӣ намешуданд, ба шумораи онҳо дохил кунанд. Камбудии дигари марбут ба миёнарав ҳамчун субъекти ҷавобгарӣ, ки ҳангоми истифодаи усули системавӣ ошкор карда шудааст, муайян кардани гуноҳи ӯ мебошад. Одатан, якчанд консепсияи гуноҳро ҷудо мекунанд: назарияи классикии гуноҳ, ки дар маҷмуъ на ҳамеша ба ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ татбиқ карда мешавад, зеро чи тавре, ки мо дар зербобҳои гузашта қайд кардем, шахси ҳуқуқӣ метавонад миёнарави иттилоотӣ бошад ва равише, ки қонунгузор як намуди махсуси гуноҳро дар назар дорад. Ин равиш, якум, хилофи аломатҳои асосии низоми ҷавобгарии маданӣ буда, ба ҷудо кардани институти ҷавобгарии миёнарави иттилоотӣ аз соҳаи ҳуқуқи маданӣ мусоидат мекунад, дуюм, масъалаҳои навро дар бораи таносуби гуноҳи миёнарав бо гуноҳи дигар субъектҳои ба ҷавобгарӣ кашидашаванда, ҷойгоҳ дар низоми ҳуқуқ ва ғайра ба вуҷуд меорад ва ба ин васила дар танзими ҳуқуқӣ номуайянӣ ба вуҷуд меорад.

Тахминҳо вуҷуд доранд, ки мувофиқи онҳо гуноҳро вобаста ба ҳолати аз ӯ вобаста набуда, вақте ки миёнарав аз маълумоти ғайриқонунии дар шабакаи иттилоотию телекомуникатсионӣ паҳншуда огоҳ буд, ё бояд медонист, тахмин кардан лозим аст» [164, с. 189].

Ҳолати мазкур, чи тавре ки мо таҳлил намудем, дар давлатҳои Ғарб ба монанди ИМА, Аргентина инчуни ИА дигар буда, шахсоне, ки дар шабакаи

алоқаи барқӣ ҳуқуқвайронкунӣ менамоянд, бо аризаи шахси сеюм таҳти ҷавобгарӣ қарор мегиранд. Муқаррароти мазкурро бо боварии комил мегӯем, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҶТ дида мешаванд. Асоси воқеӣ бошад, ҷиноят ва таркиби он ба шумор меравад.

Дар адабиётҳо андешаҳои гуногун дар мавриди он, ки дар санадҳои қонунгузории ҶТ ҷавобгарӣ нисбат ба миёнаравони иттилоотӣ ба таври возеҳ шарҳ дода нашудаанд. Вале олими рус андешаи зеринро доро мебошад: «он ҳамчун амали ғайриқонунӣ (беамалӣ), ки ба муносибатҳои ҷамъиятии бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ҳалшуда таҷовуз мекунад» [83, с. 74]. Олими дигари рус ақидаи дигар дорад: «амали гунаҳкори ба ҷомеа хатарнок (ё зараровар) (амал ё беамалӣ), ки меъёрҳои ҳуқуқро вайрон мекунад, барои он чораҳо, аз ҷумла ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ғайра муқаррар карда шудаанд» [59, с. 18].

Аз ин рӯ, ба ақидаи А. И. Савелёв қисман розӣ шудан имкон дорад: «Бо назардошти наздик будани равандҳои ҷойгиркунӣ ва дастрасӣ ба иттилоот тибқи қоидаи умумӣ, ҳамон муқаррароте, ки барои миёнаравҳои иттилоотӣ, ки ҷойгиркунии иттилоотро дар интернет таъмин мекунанд, метавонанд ба онҳо мувофиқи қонун татбиқ карда шаванд» [153, с. 56].

Воқеан дастрас намудани маводҳо дар шабакаҳои алоқаи барқӣ ба корбарон кори саҳл нест, вале миёнаравони иттилоотӣ барои дуруст фаъолият намудан тамоми чораҳоро меандешанд.

Дар Консепсияи рушди қонунгузории мадании ФР қайд карда шудааст: «муайян намудани шартҳои ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ҷалб намудани миёнаравҳои иттилоотӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини воқеияти ҳуқуқӣ мебошад, ки бе иҷозати он таъмини ҳифзи самараноки натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ имконнопазир мебошад» [55, с. 107].

Айби миёнарав дар м. 1251 КМ ҶТ, сарфи назар аз номуайянии маънои қонунгузор ба ин муқаррарот муайян карда шудааст. Агар шахсе, ки объектро дар шабакаҳои телекомуникатсионӣ ва шабакаи интернетӣ ҷойгир

кардааст, эътирози худро пешниҳод накунад, яъне дар ҳимояи ҳуқуқи худ мавқеи фаъолро ишғол накунад, пас миёнарави иттилоотӣ бояд сомонаро то бартараф кардани объекти моликияти зеҳнии баҳсбарангез баста кунад. Марҳилаи дуюм пас аз гирифтани даъво аз соҳиби ҳуқуқ, миёнарави иттилоотӣ вазифадор аст, ки мундариҷаро дар сомона фавран манъ кунад, дар ин бора ба соҳиби ҳуқуқ ва шахсе, ки мундариҷаро ҷойгир кардааст, хабар диҳад. Бояд гуфт, ки меъёри кофӣ будани тадбирҳои миёнарави иттилоотӣ ин аст, ки ин тадбирҳо ҳуқуқҳои моликияти зеҳниро вайрон мекунанд ё дар натиҷаи ҷойгиркунии маводҳо дар шабакаи Интернет таҳдид мекунанд, пурра қатъ карда мешаванд.

Шахсоне, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ маводро ҷойгир мекунанд, бояд онҳо ташаббускор бошанд ва маводи зикршударо ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои алоқа тағйир дода тавонанд. Дар бораи ғайриқонунӣ истифода бурдани маҳсули фаъолияти миёнаравони иттилоотии дахлдори фаъолияти зеҳнӣ агар воситаи фардикунониро оғоз карда бошад, бояд онро аз ҷавобгарӣ озод кард.

Азбаски ин шартҳои озодкунии миёнарави иттилоотӣ танҳо дар сурати иҷрои яквақтаи онҳо аҳаммияти ҳуқуқии пешбинишуда доранд, мантиқан тахмин кардан мумкин аст, ки ҳатто мавҷудияти як меъёр метавонад барои ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани миёнарави иттилоотӣ заминаи кофӣ дошта бошад. Ашхосе, ки дар шабакаҳои алоқаи барқӣ маводҳои аслиро ҷойгир менамояд ва ашхоси сеюм онҳоро ба манфиати худ ва ғайриқонунӣ истифода намуда, имкони таъсир расонидан ба миёнаравҳоро доро мебошанд, барои вайронкунии ҳуқуқ нисбати онҳо бояд чораҳои қонунӣ андешида шавад.

Дар ҳамин ҳолат бояд кӯшиш кард, ки ҷавобгарии миёнаравҳоро бо системаи ҷавобгарӣ мутобиқ созем, бо меъёри шабеҳе, ки дар соҳаи ҷавобгарии соҳибкорон татбиқ карда мешавад, муқоиса бояд намуд, ки ин ба равиши системавии ҷавобгарӣ мухолиф аст, зеро ҷавобгарии соҳибкорон нисбат ба ҷавобгарии миенаравҳои иттилоотӣ бакуллӣ фарқ менамояд. Бояд гуфт, ки мавҷудияти ин меъёр дар амалияи татбиқи ҳуқуқии давлатҳои

хориҷӣ ба он вобаста аст, ки ба даст овардани фоида асоснокии уҳдадории ба зиммаи миёнаравони иттилоотӣ вогузоршуда барои мустақилона маҳдуд кардани дастрасӣ ба маводи ғайриқонунӣ ҷойгиршуда дар шабакаҳои иттилоотию телекомуникатсионӣ мебошад, ки дар қонунгузории ҶТ пешбинӣ нашудааст.

Унсури дигари системаи ҷавобгарии миёнаравҳои иттилоотӣ ҷузъи мурофиавӣ ба шумор меравад. Ин унсур бо мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ, ки дар маънои васеъ, аз ҷумла камбудиҳо дар танзими зарурии ҳуқуқӣ, номуайянии ҳуқуқӣ ва ғайра фаҳмида мешаванд.

Илова бар ин, мушкилоти мурофиавӣ инчунин бо гирифтани аризаи соҳиби ҳуқуқ дар бораи вайрон кардани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дар шабакаҳои иттилоотию телекомуникатсионӣ дар шакли хаттӣ алоқаманд аст. Пеш аз ҳама, онҳо бо набудани асос барои соҳиби ҳуқуқ ва миёнарави иттилоотӣ барои роҳнамоии муқаррароти қонунгузории соҳаи дахлдор ҳангоми пешниҳоди иттилоот ва додани огоҳинома ба шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон гаштааст, алоқаманд мебошад.

Тавре М. А. Кулезин қайд мекунад: «бо исботи далели мурочиати соҳиби ҳуқуқ мушкилот ба миён меоянд, хусусан вақте ки системаи самти огоҳинома ягон огоҳии автоматикунонидашудаи шахси ба миёнарав мурочиаткарда инчунин эътирофи мукотиботи электронӣ ҳамчун далели парванда пешбинӣ намекунад.  Инчунин бояд қайд кард, ки агар миёнарави иттилоотӣ аризаро баррасӣ накунад, пас қарори минбаъда дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани он вобаста ба он, ки маълумот чӣ гуна буд, қабул карда мешавад» [132, с. 44].

Тавре А. И. Савелев қайд мекунад: «агар иттилоот нопурра ва нодуруст бошад, пас ин изҳорот таъсири зарурии ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Бояд гуфт, ки дар айни замон, то андозае муайян карда нашудааст, ки кадом иттилоот ҳамчун маълумоти нопурра ва нодуруст эътироф карда мешавад. Камбудии дигаре, ки бо истифодаи меъёри даромад алоқаманд аст, мушкилоти фарқ кардани фоида аз ҷойгиркунии ғайриқонунии мавод ва

гирифтани мукофот барои он, инчунин фарқияти даромади мустақим ва ғайримустақим, инчунин набудани механизмҳои оперативии ҳисоб кардани фоидаи аввалия ва дуюмдараҷаи миёнарави иттилоотӣ мебошад. Сатҳи пасти татбиқи амалии баъзе меъёрҳо, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар айни замон он ҳам ҳамчун мустақил ва ҳамчун шарти ихтиёрии ба ҷавобгарӣ кашидани провайдерҳо марбут нест, зеро дар маҷмуъ, дар назария кӯшишҳо барои баррасии ҷавобгарии миёнарави иттилоотӣ ҳамчун субсидиарӣ, яъне пеш аз фиристодани даъво аз ҷониби соҳиби ҳуқуқ ба миёнарав, он бояд ба худи ҳуқуқвайронкунанда пешниҳод карда шавад. Дар ин ҳолат зарурати қонунгузорӣ барои пешниҳоди талабот бевосита ба ҳуқуқвайронкунанда вуҷуд надорад» [153, с. 56].

Ҳолати мазкур метавонанд ба миёнаравҳои иттилоотӣ имкон диҳанд, ки тибқи қонун фаъолияташонро ба роҳ монанд. Бояд қайд кунем, ки низоми ҷавобгарӣ ба провайдерҳои интернетӣ бо ду роҳ ба миён гузошта мешавад. «Дар ҳолати аввал онҳо тавассути категорияи санксияи меъёри ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд ва дар ҳолати дуюм онҳо дар баробари мафҳуми умумии чораҳои маҷбуркунии давлатӣ баррасӣ карда мешаванд, дар ҳоле ки чораҳои маҷбуркунии давлатӣ мафҳуми асосӣ ва чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ намудӣ мебошанд» [135, с. 40].

Ҳолати мазкур «дар ҳуқуқи маданӣ чораҳои масъулият (ҷазо), ки бевосита аз ҷониби қонун муқаррар карда мешаванд ва тадбирҳое, ки дар шартнома муқаррар карда шудаанд, татбиқ карда мешаванд барои онҳо дар шакли меъёри муайяни ҳуқуқӣ пешбинӣ зарур аст, зеро чораҳои масъулият танҳо дар шартнома муқаррар карда намешаванд» [157, с. 12].

Бояд қайд кард, ки мувофиқи қ. 4 м. 1251 КМ ҶТ ба миёнарави иттилоотӣ, ки мувофиқи моддаи мазкури КМ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ масъул нест, талабот дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои зеҳнӣ (м. 1249 ва м.1250 КМ ҶТ), ки бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ, аз ҷумла дар бораи нест кардани иттилооте, ки ҳуқуқҳои истисноиро вайрон мекунад ё маҳдуд кардани дастрасӣ ба он алоқаманд нест, пешниҳод

карда мешавад. Вале имрӯз дар асарҳои олимони соҳа ақидаҳои гуногуне мавҷуд мебошанд.

Олимон «чораҳои татбиқи ҷавобгариро дар ҳуқуқи маданӣ аз рӯйи аломатҳои гуногун ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд – чораҳои ҷавобгарӣ ва чораҳои муҳофизатӣ» [167, с. 6]. Ҷиҳати таҳти ҷавобгарӣ қарор гирифтан робитаи сабабӣ ва оқибат бояд мавҷуд бошанд. «Азбаски ҷавобгарии миёнаравҳои иттилоотӣ бо мавҷудияти гуноҳ тавсиф карда мешавад, ҷудо кардани чораҳои муҳофизатӣ ҳамчун як навъи чораҳои масъулият мақсаднок нест. Гузашта аз ин, чораҳои ҳимоя ва чораҳои ҷавобгарии миёнаравҳои иттилоотӣ инчунин аз рӯйи таъиноти иҷтимоӣ ва вазифаҳои иҷрошаванда, бо баъзе нуқтаҳои дигар фарқ мекунанд» [86, с. 54].

Ҳамин тариқ, татбиқи равиши системаи ҷавобгарии миёнаравҳои иттилоотӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар шабакаҳои телекомуникатсионӣ ва интернет инчунин баҳисобгирии минбаъдаи натиҷаҳои омӯзиш дар таҷрибаи қонунгузории мамлакат таъсири муфид мерасонад. Албатта низоми ҷавобгарӣ дар самти фаъолияти миёнаравҳои иттилоотӣ чунин аст, ки танҳо ба шахсони алоҳида, аз ҷумла операторони мобилӣ, провайдерҳои интернетӣ татбиқ карда мешавад. Ба монанди дигар соҳаҳо дар сурати вайрон намудани қонунгузори аз ҷониби миёнарави иттилоотӣ он таҳти ҷавобгарии маданӣ бевосита қарор мегирад. Аз ин лиҳоз кодекси маданӣ дар худ муқарраротеро вобаста ба миёнарави иттилоотӣ дарҷ кардааст.

Дар натиҷаи таҳлилҳои мо тадбирҳои масъулияти маданӣ танҳо ба ду намуд тақсим мешаванд: ситонидани зарар ва ҷуброн, ки баъзан вақт ҳамчун шаклҳои махсуси масъулият баррасӣ карда мешаванд. Тибқи таҳлилҳои мо миёнарави иттилоотӣ дар сурати вайронкунӣ таҳти ҷавобгарии маданӣ қарор мегирад. Мо аз таҷрибаи судӣ бевосита мушоҳида кардем, ки дар ҷомеаи мо бисёре аз парвандаҳое мавҷуд ҳастанд, ки ба провайдерҳои интернетӣ тааллуқ доранд.

Дар асоси ҷорӣ намудани ҷавобгарии пурраи миёнаравҳои иттилоотӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, аз ҷониби истифода-барандагон бо пардохти ҷубронпулӣ ба соҳиби мавод даъво ба миён меояд. Самти дигар ба масъулияти пурраи миёнаравҳои иттилоотӣ барои мундариҷаи дар интернет мавҷудбуда, новобаста аз он ки чӣ гуна ва кӣ онро ҷойгир кардааст, муайян мешавад. Ҳолати мазкур бевосита ба ҷавобгарӣ кашидани ҳар як вайронкунандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ дар шабакаи алоқаи барқиро ба вуҷуд меорад, бинобар ин ба ҷавобгарӣ кашидани миёнаравҳои иттилоотӣ хеле осонтар аст. Ин нуқтаи назаре, ки мо пешниҳод намудем албатта асоснок аст, зеро он аз поймол кардани ҳуқуқҳои иштирокчиёни алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар шабакаи Интернет ва инчунин фароҳам овардани замина барои суиистифода аз ҳуқуқҳои маданӣ пешгирӣ менамояд.

Чи тавре ки мо дар боби якум дарҷ намуда будем, дар ИМА қонун «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф дар давраи рақамӣ» (Digital Millenium Copyright Act (DMCA), дар ИА, директиваи он (European Union Copyright Directive 2001/29/EC) амал мекунад. Ҳарду санад таҷассумгари консепсияи ба истилоҳ «ҷавобгарии дуюмдараҷа» мебошанд ва аз нуқтаи назари иқтисодӣ яке аз беҳтаринҳо ба шумор мераванд, зеро санадҳои зикршуда барои миёнаравҳои иттилоотӣ ба истилоҳ ҳудуди бехатариро ба вуҷуд меоранд.

Ҳамин тариқ, тибқи қонунҳои дар боло зикршуда, ҳамчун қоидаи умумӣ муқаррар карда шудааст, ки миёнарави иттилоотӣ аз ҷавобгарӣ барои маводи аз ҷониби корбар ҷойгиршуда озод шудааст:

– миёнаравҳое, ки бинобар сабаби пешниҳод намудани маълумот намедонистанд ва пешбинӣ ҳам намекарданд, ки кирдори онҳо ҳуқуқҳои ашхоси сеюмро вайрон мекунад;

– вобаста ба маълумоте, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ мавҷуд аст агар моҳияти он маълумотро надонад, пас ҳуқуқ дорад, ки маълумоти мазкурро аз ҳамаи шабакаҳои алоқаи барқӣ пок созад.

Дар ин ҳолат, ҷавобгарии миёнарави иттилоотӣ бо риояи тартиби огоҳ кардани миёнарави иттилоотӣ аз ҷониби соҳиби ҳуқуқ дар бораи вайронкунии ҳуқуқи зикршуда вобаста аст.

Дар Қонуни ИМА «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф дар даврони рақамӣ» «(Digital Millennium Copyright Act, DMCA) меъёрҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф вобаста ба вазифаҳои провайдерҳо пешбинӣ шудаанд. Ҳангоми интиқоли мавод омилҳои зерини озодкунӣ аз ҷавобгарӣ пешбинӣ шудаанд:

– интиқоли мавод набояд аз ҷониби провайдер оғоз карда шавад;

– ҳама амалҳо бо мавод, равандҳои интихоби мавод бояд автоматӣ анҷом дода шаванд;

– интихоби маводи қабулкунанда набояд амалӣ карда шавад;

– нусхаҳои мавод бояд ба ҳама дастрас набошанд, ба истиснои қабулкунанда, ба истиснои ҳолатҳои объективӣ набояд оне, ки лозим аст, дарозтар нигоҳ дошта шаванд;

– мавод набояд тағйир ёбад.

Вобаста ба ҳолати хостинг шартҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

– провайдер набояд аз далелҳо ва ҳолатҳое, ки аз онҳо маълум аст, огоҳ бошад, аз ҷумла дар бораи ғайриқонунӣ будани мавод ё иттилоот;

– провайдер набояд аз истифодаи мавод фоидаи мустақим гирад;

– ҳангоми гирифтани огоҳиномаи дурусти вайронкунӣ, мавод бояд фавран нест карда шавад ё пок карда шавад» [187].

Дар солҳои охир, танзимгарони Иттиҳоди Аврупо ҳимояи ҷавобгарии Директиваи тиҷорати электрониро бо дарназардошти паҳншавии иттилооти бардурӯғ дар шабакаҳои телекомуникатсионӣ зери шубҳа гузоштанд ва интернет аз ҷониби мақомҳои ваколатдори ИА ба миёнаравони иттилоотӣ зери ҳар гуна фишор қарор гирифтаанд.

Аз таҳлилҳои боло ба ақидаи мо миёнаравҳо объектҳои асосӣ барои танзими давлатӣ мебошанд, зеро онҳо нуқтаҳои муҳиими дастрасӣ ба маводи иттилоотиро дар ҳама гуна шабакаҳои интернетӣ назорат мекунанд. Дар

шабакаи алоқаи барқӣ миёнаравҳои иттилоотӣ имкон доранд, ки агар маълумоти ғайриқонунӣ ҷой карда шуда бошад ва ё ин, ки беном будани онҳоро маълум намояд, фавран бояд онро бартараф кунанд.

Дар ИМА «соҳибони ҳуқуқ на танҳо метавонанд бо маводҳои ғайриқонунӣ дар сомонаи ҷойгиршуда, ки ҳуқуқҳои зеҳнии онҳоро вайрон мекунанд, мубориза баранд, балки ҳуқуқ доранд, ки истинодҳо ба онҳоро нест кунанд» [113, с. 1182; 127, с. 27].

Имрӯз мо медонем, ки дар асри техника ва технологияи рақами қарор дорем, дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ҷавобгарии миёнарави иттилоотӣ инчунин масъулияти «кэшкунӣ»-ро низ бар дӯш мегирад, зеро дар он истеҳсоли муваққатии нусхаи иловагии файл ё гурӯҳе аз онҳо бо мақсади таъмини дастрасии босуръати корбарон ба роҳ монда шудааст. Дар бораи он ки миёнаравҳои иттилоотӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад ва дар асоси кадом ҳолатҳо, нуқтаҳои назари гуногун вуҷуд дорад. Ақидаи мо чунин аст, ки агар миёнарави иттилоотӣ ба вайронкуниҳои ҳуқуқӣ дар шабакаҳои алоқаи барқӣ даст занад, ҳатман таҳти ҷавобгарӣ қарор дода мешавад. Муҳаққиқони маъруф, ба монанди Е.С. Чуковская, М. Ю. Прокш, П. А. Давидова бар ин назаранд, ки ҷавобгарӣ бояд ба миёнарави иттилоотӣ, ки маводро гузоштааст ва ба истифодаи интернет пешниҳод кардааст, вогузор карда шавад. Таҳлили илмии дарболо анҷомёфта ба мо имкон медиҳад, гӯем, ки субъекти асосӣ дар самти фаъолияти шабакаҳои алоқаи барқӣ ва сомонаҳои телекомуникатсионӣ миёнарави иттилоотӣ мебошад.

Ибораи он ки оё метавонанд миёнаравҳои иттилоотӣ субъекти муносибатҳои мазкур бошанд, дар қ. 1 м. 1251 КМ ҶТ дарҷ карда шудааст. Бояд гуфт, ки қонунгузории мамлакат як қатор шартҳои муайянеро пешбинӣ мекунад, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо миёнарави иттилоотӣ метавонад аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ озод карда шавад. Ҳамин тавр, «агар миёнарав ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ паҳнкунӣ, интиқол ва тағйир додани маълумоти гирифташударо оғоз накунад ё аз содир кардани амалҳои ғайриқонунии худ огоҳ набошад, вай таҳти ҷавобгарии маданӣ қарор

намегирад. Инчунин, агар миёнарав наметавонад як маротиба дар сомонаи худ объекти ғайриқонуниро назорат кунад, пас масъулият ба миён намеояд» [7].

Албатта барои ҳар як субъектро мо ба ҷавобгарӣ кашидан, аввал бояд муайян намоем, ки кадом шахс ба кадом намуди фаъолият машғул аст, оё ӯ ба фаъолияти хизматрасонӣ дар шабакаи интернетӣ машғул аст, ё ин ки дар фаъолияти истеҳсолӣ, аз ин рӯ мебояд, ки диққати махсус ҷиҳати ба ҷавобгарӣ кашидан ба субъектони мазкур дода шавад.

Дар давоми як рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома, провайдер вазифадор аст, ки дар бораи ҳуқуқи вайронгашта ба соҳиби захираи иттилоотии хизматкардааш хабар диҳад ва онҳоро дар бораи зарурати фавран нест кардани маълумоти ғайриқонунӣ огоҳ созад ва (ё) барои маҳдуд кардани дастрасӣ ба он чораҳо андешад [129, с. 75]. Миёнарави иттилоотӣ уҳдадор аст, ки пас аз гирифтани муроҷиатнома дар муҳлати як шабонарӯз маводи мазкурро аз шабакаи алоқаи барқӣ пок созад.

Дар сурати рад ё беамалии соҳиби захираи иттилоотӣ, провайдер дастрасиро ба захираи иттилоотии дахлдор на дертар аз се рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома маҳдуд, ё ин ки нест мекунад. Дар сурати аз ҷониби провайдер ва (ё) соҳиби манбаи иттилоот чораҳои пешбининамудаи қонун қабул нашуда бошад, маълумот дар бораи сомона ва дигар маълумот тавассути системаи ҳамкорӣ ба операторони алоқа барои андешидани чораҳо оид ба маҳдуд кардани дастрасӣ ба ин маълумот фиристода мешавад.

Масалан, агар соҳиби сомона барои навсозии мавод амал накарда бошад ва дар ин ҳолат аз ҷойгиркунии ғайриқонунии маълумоти зеҳнӣ аз ҷониби шахсони сеюм ягон даромад ба даст оварда бошад, пас амалҳои ӯ ҳамчун миёнаравӣ эътироф карда намешаванд. Тибқи таҳлилҳои мо соҳиби сомона дар амалияи судӣ ҳамчун миёнарави иттилоотӣ эътироф карда мешавад. Амалҳои маъмурии номи домейн танҳо ба пешниҳоди интиқоли муайяни мавод дар интернет ба захираҳои мушаххаси шабака нигаронида шудаанд.

Бо дарназардошти қабул шудани «директиваи ИА дар бораи ҳуқуқи муаллиф, соли 2019, дар шароити бозори ягонаи рақамӣ, масъулияти мустақими платформаҳои бузурги интернетӣ оид ба мубодилаи мундариҷа ҷорӣ карда шуд. Ин платформаҳо провайдерҳои хостинги фаъол мебошанд, ки барои мундариҷаи ғайриқонунӣ, новобаста аз бовиҷдонии онҳо, ҷавобгаранд. Бешубҳа, ҳолати дар боло зикршуда хароҷоти ҷиддии чунин платформаҳоро талаб мекунад, ки насб кардани барномаҳо оид ба огоҳӣ, бастан ва нест кардани маводи беиҷозатро дар бар мегирад» [189].

Вобаста ба ҳамин муайян кардан лозим аст, ки миёнарави иттилоотӣ бояд пеш аз ҳар як иттилооте, ки дар интернет ҷой менамояд, аввал моҳияти иттилооти дахлдорро тафтиш намояд, то ин ки ҳуқуқи муаллифии ҳеҷ шахсе вайрон нагардад. Дар баробари санҷиши маводҳои мазкур бояд ҳатман аз муаллифи он низ иқтибос оварда, ҳуқуқи муаллифии онро дар самти моликияти зеҳнӣ ҳифз намояд.

Аз ин рӯ, дар аксари ҳолатҳо таҷриба дар бораи вайрон кардани ҳуқуқҳои зеҳнӣ аз ҷониби соҳиби ҳуқуқи огоҳинома ба миёнарави иттилоотӣ муайян карда мешавад. Асосҳои фарорасии гуноҳ барои ин категорияҳо, қариб ҳамеша яке аз дигаре ба миён меояд. Ҳар чи зудтар миёнарави иттилоотӣ бояд барои пешгирии вайронкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ чораҳо андешад, зеро ба соҳиби ҳуқуқи мазкур, дар ин бора огоҳинома фиристода, дар бораи ҳуқуқҳои вайронгаштаи онҳо маълумот гирифтааст.

Баъзе ҳолатҳоеро дида мебароем, ки дар он миёнарави иттилоотӣ масъулият надорад. Дар қ. 3 м. 1251 КМ ҶТ озод кардани миёнарави иттилоотӣ аз ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Миёнарави иттилоотӣ аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад, агар ӯ маълумот надошта бошад, ки маводҳои дар шабака ҷойгиршуда натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии дигарон ё воситаҳои фардикунонии шахсро дар бар мегиранд. Аз рӯйи маънои қисми 3 моддаи зикргардида, мо метавонем дарк кунем, ки муқаррароти муайяншуда бевосита ба худи провайдери хизматрасони интернет (оператори алоқа) равона карда шудааст, зеро провайдер наметавонад ҳар як амали муштариёни

худро дар шабака пайгирӣ кунад. Аз ин рӯ, ӯ намедонист ва намебоист донад, ки маводҳои мизоҷи ӯ метавонанд объектҳои моликияти зеҳнӣ дошта бошанд. Ин муқаррарот метавонад ба соҳибони сомонаҳо ва маъмурияти сомонаҳо ва шабакаҳое, ки ба мубодилаи файлҳо машғул ҳастанд, равона карда шавад. Аз ин рӯ, агар ин субъектҳо намедонистанд, ки маводи дар сомона ҷойкардашудаи онҳо ё корбарони сомонаҳои онҳо метавонанд объектҳои моликияти зеҳниро дар бар гиранд, онҳо аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд. Дар акси ҳол, агар соҳибони сомонаҳо ё маъмурияти сомонаи онҳо ба худ гузориш диҳанд, ки онҳо худашон ё корбарони онҳо маводҳои ғайриқонуниро ҷойгир мекунанд, онҳо ҳамчун миёнаравҳои иттилоотӣ барои беамалии худ ё амалҳои корбарони сомонаҳои худ ҷавобгаранд.

Аммо саволе ба миён меояд, ки агар истифодабарандагон маводҳои дорои натиҷаҳои кори зеҳнии дигаронро дар интернет ҷойгир кунанд, масъулияти кӣ ба дӯши кӣ гузошта мешавад? Истифодабарандагон ё соҳибони сомона ва маъмурияти сомонаҳои интернетӣ? Дар қонунгузорӣ муқаррароти тағйирёфтае вуҷуд надорад, ки ба ҳар як корбар ҷавобгарии инфиродӣ вогузор кунад. Албатта агар миёнарави иттилоотӣ барои барқасдона пок сохтани мавод дар шабакаҳои алоқаи барқӣ, ки медонист муаллиф зарар мебинад, таҳти ҷавобгарӣ қарор мегирад.

Тибқи таҳлилҳои суратгирифта мо метавонем чунин хулоса барорем. Муқаррароти қ. 3 м. 1251 КМ ҶТ тасдиқ мекунад, ки дар ҳолати гирифтани ариза аз соҳиби ҳуқуқ дар бораи вайрон кардани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ аз ҷониби миёнарави иттилоотӣ зуд чораҳои мушаххас андешида мешавад. Дорандаи ҳуқуқ ба сомонаи иттилоотӣ бояд чораҳои дахлдори ҳуқуқӣ ҷиҳати нест кардани маводе, ки дорои ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ мебошад, андешад, инчунин ба корбароне, ки ин маводҳоро ҷойгир кардаанд, огоҳӣ диҳад.

Провайдерҳо уҳдадоранд, ки ба истифодабарандагони хизматрасониҳои интернетӣ маводҳоро пурра дастрас кунанд, то ин ки ягон ҳаукуқҳои корбарон дар шабакаҳои  алоқаи барқӣ поймол нагарданд. Провайдерҳои интернетӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ барои сари вақт амал накардан ҷиҳати

поксозии маводҳои иттилоотии ғайриқонунӣ мутобиқ ба тартиби муқарраршудаи м. 1251 КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷавобгар хоҳад буд.

Ба ақидаи Н.А. Непомняший: «амалҳои зарурӣ ва кофии миёнарав инҳоянд: огоҳ кардани шахсе, ки маводро дар бораи аризаи воридшудаи соҳиби ҳуқуқ ҷойгир кардааст; талаби чунин шахс барои ҳалли муносибатҳои ғайрисудӣ дар бораи объекти баҳсбарангез; огоҳ кардани соҳиби ҳуқуқ дар бораи чораҳои андешидашуда» [144, с. 10].

Миёнарави иттилоотӣ дар баробари вайронкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дар интернет масъулияти ҳуқуқӣ дорад. Ҷавобгарие, ки дар м.1251 КМ ҶТ муайян карда шудааст, хеле маҳдуд мебошад. Зеро ба навъҳо ҷудо кардани миёнаравони иттилоотиро дар ҶТ ҳеҷ муҳаққиқе таҳлил накардааст, ҳамин тавр мо аз натиҷаи таҳлилҳо бевосита он се аломате, ки дар қисми 1 м. 1251 дарҷ карда шуда буд таҳлили амиқ карда, ба ҳар як аломати моддаи мазкур киҳо субъект шуда метавонанд, ибрози андеша намудем. Имрӯз нақши миёнаравҳои иттилоотӣ дар муносибатҳои иттилоотӣ дар шабакаи интернетӣ ва телекомуникатсионӣ ботадриҷ афзуда истодааст. Аз ин рӯ сиёсати қонунгузории мамлакат ба муайян карданӣ ҷавобгарӣ ба онҳо, инчунин вогузор кардани уҳдадориҳои иловагӣ ба миёнаравони иттилоотӣ равона шудааст.

Метавон пешниҳод намуд, ки:

1. Ҷиҳати такмил додани қонунгузории ҶТ муҳлати амали миёнаравони иттилоотӣ даҳ рӯз муайян карда шавад, то аз рӯзи гирифтани огоҳинома ҷиҳати вайрон гардидани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнии соҳиби ҳуқуқ, зуд чораҳо андешида, маводи дахлдорро аз сомона тағйир ё хориҷ намояд, вагарна масъулият бар дӯши миёнарави иттилоотӣ меафтад.

2. Моддаи 1251 КМ ҶТ ҷавобгарии миёнаравӣ иттилоотиро ба таври маҳдуд муқаррар кардааст, аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки моддаи мазкур такмил дода шавад.

## ХУЛОСА

Вобаста ба таҳлилҳои боло пешниҳодҳои муҳимтарини илмӣ карда шудаанд.

1. Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки ибораи «миёнарави иттилоотӣ» сирф истилоҳи ҳуқуқи маданӣ буда, дар қонунгузории кишвар пурра ҳамчун як институти мустақил эътироф карда нашудаанд. Бо вуҷуди он ки қонунгузор истилоҳи миёнарави иттилоотиро истифода мебарад, татбиқи ҳуқуқи меъёри зикршуда дар марҳилаи татбиқ бо ҷузъи иттилоотӣ-техникӣ рӯ ба рӯ мешавад, зеро таърифи возеҳ, васеъ ва якхела қабулшуда, вобаста ба мафҳуми миёнарави иттилоотӣ вуҷуд надорад [1 - М].

2. Миёнарави иттилоотӣ аз дигар миёнаравҳо, аз қабили миёнаравҳо дар шартномаи агентӣ, миёнарави молиявӣ, миёнарави суғуртавӣ, миёнарави тиҷоратӣ бо шаклҳои худ тафовут доранд:

а) шахсе, ки дар шабакаи алоқаи барқӣ маводро ҷой менамояд, миёнарави иттилоотӣ мебошад;

б) миёнаравҳои иттилоотӣ ашхосе мебошанд, ки маводҳои иттилоотиро дар шабакаи алоқаи барқӣ ба таври пурра ҷиҳати истифодабарии корбарон ҷойгир менамоянд;

в) миёнарави иттилоотӣ нафаре мебошад, ки дастрасӣ ба мавод ё маълумоти зарурииро барои гирифтани онҳо тавассути интернет таъмин мекунад [2 - М].

3. Дар маҷмуъ миёнаравҳои иттилоотииро ба чунин намудҳо тасниф намудан мумкин аст:

а) миёнаравҳои иттилоотие, ки амалӣ гардондан, интиқоли маълумот ё таъмини дастрасӣ ба иттилоотро ба роҳ мемонанд;

б) миёнаравҳои иттилоотие, ки кэшро иҷро мекунанд;

в) миёнаравҳои иттилоотие, ки амалӣ гардондан ва нигоҳдории маълумотро аз ҷониби истифодабарандагон ба амал мебароранд;

г) миёнаравҳои иттилоотӣ, ки маълумотро ҷустуҷӯ мекунанд ва ғайра [3 - М].

4. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнаравҳои иттилоотӣ дар як лаҳза – аз лаҳзае ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ҳамчун миёнарави иттилоотӣ ба қайд гирифта шуда, иҷозатнома барои фаъолият дар ин самт гиранд. Ин қобилияти ҳуқуқдорӣ тибқи қонунгузории ҶТ махсус мебошад [4 - М].

5. **Миёнарави иттилоотӣ ҳуқуқ дорад:**

1. Фаъолияти хизматрасонии интернетиро ба роҳ монад;

2. Озодии иттилооти шахсии хешро аз шабакаҳои телекомуникатсионӣ, сомонаҳои иҷтимоӣ ва ғайра тағйир диҳад, ё ин ки ҳифз намояд;

3. Вобаста ба ҳолати аз ҷониби истифодабарандагони шабакаҳои алоқаи барқӣ вайрон кардани қоидаҳои муайян, ба онҳо хизматрасонии миёнаравиро қатъ менамояд;

4. Аз шахсоне, ки бо амали онҳо шартҳои истифодабарии шабакаи алоқаи барқӣ вайрон мегардад, ҷуброни зарар талаб намояд;

5. Вобаста ба амалҳои ғайриқонунии ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҶТ арзу таклифҳо намояд;

6. Тибқи муқарароти қонунгузорӣ миёнаравони иттилоотӣ дигар ҳуқуқҳоро низ ба худ доро мебошанд [5 - М].

6). **Миёнарави иттилоотӣ уҳдадор аст:**

1. Ба соҳиб ва ё истифодабарандаи иттилоот тибқи дархостҳои онҳо ё мутобиқи шартҳои шартнома ва соҳиби иттилоот ё истифодабарандаи иттилоот ё шахсони ваколатдори онҳо хизматрасонии иттилоотӣ пешниҳод намояд;

2. Ба шахси сеюм маълумотро пешниҳод наменамояд ба истинои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории ҶТ муқаррар шудааст;

3. Ҷиҳати маҳфуз нигоҳ доштани иттилоот дар шабакаҳои алоқаи барқӣ ҳамаи чораҳоро меандешад;

4. Дар соҳаи шабакаи алоқаи барқӣ ва сомонаҳои телекомуникатсионӣ танҳо мутобиқ ба шартҳои иҷозатномаи гирифтааш фаъолият менамояд;

5. Мутобиқи стандартҳо, қоидаву меъёрҳои муқарраргардида сифати хизмати расонидашавандаро таъмин намоянд;

6. Махфияти паёмҳои телефонӣ, телеграфӣ ва дигар иттилооте, ки тавассути шабакаи алоқаи барқӣ интиқол мешавад, пурра риоя менамоянд;

7. Ба истифодабарандагон сари вақт дар бораи шартҳо ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои телекомуникатсионӣ маълумоти муфассал пешниҳод менамоянд;

8. Барои амали бесифати худ ва хизматрасонии нуқсондор ба шаҳрвандон, сари вақт ҷуброни зарар менамоянд;

9. Миёнарави иттилоотӣ дар шабакаи алоқаи барқӣ наметавонад бо хоҳиши худ маълумотро дар шабакаи алоқаи барқӣ дигаргун намояд;

10. Ҳамаи шартҳое, ки барои дастрас намудани иттилоот муҳим мебошад пурра, сари вақт риоя ва иҷро менамоянд;

11. Навовароие, ки аз ҷониби ӯ дар шабакаи алоқаи барқӣ ва сомонаҳои интернетӣ гузошта мешавад, бояд тибқи муқаррароти қонунгузории ҶТ амалӣ карда шавад [6 - М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Пешниҳод менамоем, ки бақайдгирандагони номҳои домейн ва миёнаравони системаҳои ҷустуҷӯӣ ба сифати намудҳои алоҳидаи миёнаравони иттилоотӣ эътироф карда шаванд. Мафҳумҳои онҳоро пазируфта, дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» ҳамчун сархатҳои 11, 12 ва дар мазмуни зайл ворид карда шаванд:

«11) Бақайдгирандагони номҳои домейнӣ – ташкилотҳое ба шумор меравад, ки домейнро ба қайд гирифта, номи онро муайян мекунанд ва аломатгузории рамзҳо барои суроғагузории сомонаҳо дар Интернет бо мақсади таъмини дастрасӣ ба иттилооти дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷойгиршуда, амал менамоянд [7 - М].

12) Миёнаравони системаи ҷустуҷӯӣ – ин миёнарави иттилоотие мебошад, ки бо дархости истифодабарандаи алоқаи барқӣ дар шабакаи иттилоотию телекомуникатсионӣ маълумоти муайянро ҷустуҷӯ мекунад ва ба дархосткунандаи маълумот дар бораи нишондиҳандаи саҳифаи сомона, инчунин барои дастрасӣ ба маълумоти дархостшуда, ки дар сомонаҳои интернет ҷойгир аст ва ба шахсони дигар тааллуқ доранд, хизмат мерасонад» [8 - М].

# РЎЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалќї ќабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016, бо роњи раъйпурсии умумихалќї ба он таѓйиру иловањо ворид карда шудааст [Захираи электронї] URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.11.2023).

[2] Всеобщая декларация прав человека (принята на третьей сессии Генеральной Ассамблеи ООН резолюцией 217 А (III) от 10 декабря 1948 г.) // Российская газета. 10.12.1998. [Захираи электронї]. – Манбаи дастрасї https: // www. un.org/ ru/docum ents/decl_c onv/declarations/declhr.shtml (санаи муроҷиат: 3.08.2024).

